*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №25-26 (2852-2853) | ҶУМЪА, 2 МАРТИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



## Ҳамкориҳои судбахш густариш меёбанд

**28 феврали соли 2012 Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ноиби якуми раиси Бонки содироту воридоти Ҷумҳурии Халқии Хитой Чжу Хунҷеро ба ҳузур пазируфт.**

Дар мулоқот масоили ҳамкории ду ҷониб баррасӣ шуд.

Бо қаноатмандӣ зикр гардид, ки бо қарзҳои имтиёзноки ин бонк дар Тоҷикистон лоиҳаҳои бузургҳаҷми бунёди хатҳои барқии 500- киловолтаи Ҷануб-Шимол, 220-киловолтаи Лолазор-Хатлон ва Хуҷанд-Айнӣ анҷом ёфта, навсозии роҳҳои мошингарди Душанбе-Чанок, Душанбе-Данғара-Кӯлоб-Хоруғ-Кулма, нақбҳои мошингузари Шаҳристону Чормағзак ва татбиқи дигар лоиҳаҳо бомуваффақият идома дорад.

Ҳар ду ҷониб ба таҳким ва густариши минбаъдаи ҳамкории судбахш дар соҳаҳои роҳсозӣ, энергетика, саноати кӯҳӣ, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва ғайра изҳори ҳавасмандӣ карданд.

*www.prezident.tj*

## Мулоқот бо намояндаи Хазинаи Байналмилалии Асъор



**29 феврали соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон роҳбари Гурӯҳи Хазинаи Байналмилалии Асъор Тодд Шнайдерро ба ҳузур пазируфт.**

Дар мулоқот ҳолати кунунии ҳамкорӣ ва роҳҳои дастгирии минбаъдаи рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон баррасӣ шуд.

Аз натиҷаҳо ва дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон, ки сарфи назар аз таъсири омилҳои манфии беруна ба назар мерасанд, изҳори қаноатмандӣ карда шуд.

Таваҷҷуҳи зиёд ба таҳияи Кодекси нави андози Тоҷикистон, ки аз шартҳои муҳими беҳсозии фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ ба шумор меравад, зоҳир карда шуд.

Тавре Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон изҳор дошт: «Ҳадаф кам кардани шумораи андозҳо ва ҳаҷми онҳо мебошад, то ки андозсупорандагон даромадҳои воқеии худро рӯпӯш накарда, ба таври шаффоф амал намоянд». Изҳори боварӣ карда шуд, ки чунин тарзи кор ҳам ба манфиати андозсупорандагон ва ҳам буҷети давлат буда, ҳолатҳои ба коррупсия мусоидаткунандаро аз миён мебардорад.

Хотиррасон бояд намуд, ки лоиҳаи Кодекси нави андози Тоҷикистон аз ҷониби комиссияи ҳукуматӣ дар ҳамкорӣ бо коршиносони муассисаҳои байналмилалии молиявӣ таҳия мегардад.

Гуфтугӯйи судманд ҳамчунин доир ба барномаиояндаи ҳамкории Тоҷикистону Хазинаи Байналмилалии Асъор, ки дар ҳоли баррасӣ аст, сурат гирифт.

*www.prezident.tj*

## Кумитаи тадорукот оид ба таҷлили 20-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ тасдиқ шуд

**28 феврали соли 2012 таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳукумати кишвар Эмомалӣ Раҳмон маҷлиси навбатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар оғози маҷлис масъалаи кадрҳо баррасӣ шуд. Суюнхон Рустамов муовини якуми вазири кишоварзӣ ва Ҳайдар Холов муовини вазири энергетика ва саноат таъин гардиданд. Ҳамчунин аъзои нави ҳайати мушовараи чанде аз идораҳои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шуданд.

Ҳайати Кумитаи тадорукот оид ба таҷлили 20 – солагии Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид. Ба ҳайати он, ки таҳти роҳбарии Сарвазири кишвар Оқил Оқилов фаъолият хоҳад кард, масъулини Ҳукумату Парлумон, Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбарони як қатор вазорату идораҳо шомил гардиданд.

Ҳисоботи раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рафти иҷрои Барномаи давлатии рушди ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда барои солҳои 2005-2015 шунида шуд. Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон барои дуруст ба роҳ мондани фаъолияти мамнӯъгоҳҳои табиӣ, аз нав ба ҳисоб гирифтани шумораи ҳайвоноту паррандагони нодир ва ҳамчунин зиёд намудани саршумори онҳо ба масъулин супоришҳои мушаххас дод.

Сипас, раиси ноҳияи Қумсангири вилояти Хатлон доир ба иҷрои қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тақсими заминҳои ба аҳолӣ барои сохтмони манзили истиқоматӣ ҷудошуда ҳисобот дод. Тавре зикр гардид, аз 467 гектар замини ҷудошуда 80 фоизаш ба 1933 оилаи ниёзманд тақсим шудааст. Тибқи иттилои раиси ноҳия, аз ҳисоби заминҳои ҷудошуда, ҳамчунин чанд шаҳраки нав барои муаллимон ва табибони ҷавон бунёд мегардад, ки аз супоришҳои Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бармеояд.

Ҳисоботи заминҳои мавҷуда, тақсимоти онҳо аз рӯйи гурӯҳҳо, намудҳо ва заминистифодабарандагони ҷумҳурӣ дар ҳолати то 1 – уми январи соли 2012 тасдиқ шуд. Тавре иттилоъ дода шуд, ҳаҷми заминҳои обии кишвар тавассути азхудкунии заминҳои бекорхобида дар зарфи як сол 4400 гектар афзудааст. Дастур дода шуд, ки дар солҳои наздик 35377 гектар заминҳои партов, аз ҷумла 29129 гектар замини обӣ дубора ба гардиши кишоварзӣ баргардонда шавад.

Лоиҳаи як қатор қонунҳо ва хулосаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба лоиҳаи қонунҳо доир ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои амалкунандаи қонунгузорӣ маъқул дониста шуда, ба баррасии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуд. Тағйиру иловаҳо, аз ҷумла ба қонунҳо «Дар бораи рӯзҳои ид», «Дар бораи маводи доруворӣ ва фаъолияти фармасевтӣ», «Дар бораи мурооҷиатҳои шаҳрвандон», «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ», «Дар бораи иттилоот», «Дар бораи стандартонӣ» ва ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ пешниҳод карда шудааст.

Қарорҳои Ҳукумат дар бораи иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Намоишгоҳи умумиҷаҳонии ЭКСПО «Ёсу-2012» дар шаҳри Ёсуи Ҷумҳурии Корея ва таҷлили 3000 – солагии Ҳисор дар соли 2015 тасдиқ шуд.

Чуноне таъкид гардид, то моҳи сентябри соли 2015 тамоми ҳудуди ноҳияи Ҳисор бояд ободу зебо шуда, маркази он ба як шаҳри дилкаши замонавӣ табдил ёбад.

Ҳамчунин Барномаи муҳоҷирати дохилии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2014, Барномаи давлатии тайёр кардани мутахассисон аз ҳисоби занон ва мусоидат ба шуғли онҳо барои солҳои 2012-2015, Барномаи тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ ва рушди варзиши ҳарбӣ-амалӣ дар байни наврасону ҷавонони синни тодаъватӣ ва даъватии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2015 ва барномаҳо барои татбиқи консепсияҳои пешгӯйии инкишофи қонунгузорӣ дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла аграрӣ ва ҳифзи муҳити зист, соҳибкорӣ, мудофиа, амният, ҳифзи ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ тасдиқ карда шуд.

Ба шаҳру ноҳияҳои Исфара, Ишкошим ва Рӯшон барои ба аҳолӣ додани қитъаҳои наздиҳавлигӣ замин ҷудо гардид. Аз ҷумла ба шаҳри Исфара 855 гектар барои 5555 оила, ноҳияи Ишкошим 91 гектар барои 346 оила ва ноҳияи Рӯшон 25 гектар барои 417 оила ҷудо карда шуд. Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бо ишора ба ҳаҷми зиёди замини барои сохтмони манзил ба аҳолӣ ҷудошуда таъкид дошт, ки ин заминҳо бояд ба фонди манзили шаҳру ноҳияҳо дохил карда шуда, на яку якбора, балки тадриҷан, бо назардошти зарурат тақсим карда шаванд. Дар фароварди маҷлис Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба масъулин, доир ба омодагӣ ба Рӯзи модар, Наврӯзи байналмилалӣ, кӯмак ба ниёзмандон дар арафаи идҳои пуршукӯҳ, ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолияти думоҳа дар соли равон, вусъат додани киштукори баҳорӣ ва ниҳолшинонӣ, дастгирии кишоварзон ва омодагии ҷиддӣ ба пешгирӣ аз офатҳои табиӣ, хусусан обхезиҳои баъди обшавии барфи бешумори зимистони имсола дастуру ҳидоятҳо дод.

*www.prezident.tj*

## Сарвари давлат дар хусуси омодагӣ ба кишти баҳорӣ ва Наврӯзи байналмилалӣ машварат анҷом дод

**Якуми марти соли 2012 Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон доир ба корҳои созандагӣ, киштукори баҳорӣ ва омодагӣ ба Наврӯзи байналмилалӣ машварати корӣ анҷом дод.**

Доир ба ин ва дигар мавзӯъҳои мавриди таваҷҷуҳ нахуст ахбори масъулини Ҳукумати кишвар, Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбарони сохторҳои дигари дахлдор шунида шуд.

Зикр гардид, ки имрӯзҳо дар тамоми шаҳру ноҳияҳои кишвар, ғайр аз минтақаҳои кӯҳистон, бо истифода аз рӯзҳои мусоиди офтобӣ киштукори баҳории зироатҳо ва ниҳолшинонӣ вусъат ёфтааст.

Дар робита ба омодагӣ ба Наврӯзи байналмилалӣ, аз ҷумла зикр гардид, ки роҳбарон ва намояндагони воломақоми як қатор кишварҳои ҷашнгирандаи ин иди фархунда дар он иштирок хоҳанд дошт.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон барои вусъати тоза бахшидан ба корҳои мавсимии кишоварзӣ, дастгирии деҳқонону боғпарварон, фаъолияти созандагию ободонӣ ва омодагии сазовор ба таҷлили Наврӯзи байналмилалӣ дар Тоҷикистон ба масъулин супоришҳои мушаххас дод.

Ҳамчунин таъкид гардид, ки пешгирӣ аз оқибатҳои офатҳои табиӣ, ба мисли фуруд омадани ярчу тарма, обхезиҳои баъди обшавии захираи бешумори барфи имсола ва боридани боронҳои селу жола омодагии ҷиддиро талаб мекунад.

*www.prezident.tj*

● Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум



## Қонун дар бораи нотариати давлатӣ дар таҳрири нав қабул шуд

**29 феврали соли 2012 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷаласаи навбатии Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум доир гашт.**

Дар бораи рӯзномаи ҷаласа бо дарбаргирии масъалаҳои зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шуд:

**1. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**2. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**3.Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нотариати давлатӣ»**

**4. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**5. Оид ба Шартномаи давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар бораи кофтукови байнидавлатии шахсон**

**6. Дар бораи Созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия оид ба ҳамкорӣ дар масъалаҳои сарҳадӣ**

**7. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон».**

**РАИС:** -Ба муҳокимаи масъалаҳои рӯзнома шурӯъ менамоем. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» сухан ба Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Салимзода Шерхони Одина дода мешавад.

**Салимзода Шерхони ОДИНА: -Мӯҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо мақсади иҷрои таъмини ӯҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз Конвенсияи зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф, ки дар асоси резолютсияи (39/46) Ассамблеяи генералии Созмони Милали Муттаҳид аз 10 декабри соли 1984 қабул карда шудааст ва тавсияҳои Кумитаи мубориза бар зидди шиканҷаи Созмони Милали Муттаҳид ҷиҳати мутобиқ гардонидани Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба моддаи 1 Конвенсияи зидди шиканҷа (моддаи 143[1] Кодекси ҷиноятӣ) ва Нақша- чорабиниҳо оид ба иҷрои тавсияҳои асосии ФАТФ (Гурӯҳи байналмилалӣ оид ба чораҳои молиявӣ) ҷиҳати мубориза ба муқобили қонунигардонии даромадҳо ва маблағгузории терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 262 Кодекси ҷиноятӣ) таҳия ва пешниҳод шудааст.



Ҳукумати ҷумҳурӣ ва ҷомеаи Тоҷикистон оид ба ошкор ва аз байн бурдани шиканҷа тамоми тадбирҳоро андешида истодааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои ҳуқуқии пешгирии шиканҷа созмон дода шудааст.

Чунончӣ, дар моддаи 18 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст, ки «ба ҳеҷ кас шиканҷа, ҷазо ва муносибати ғайриинсонӣ раво дида намешавад».

Тоҷикистон муҳимтарин санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалиро, ки дорои меъёрҳои зидди шиканҷа мебошанд, аз ҷумла Эъломияи ҳуқуқи башар (1948), Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ ва протоколи иловагӣ бо ин санад аз соли 1966 (13 ноябри соли 1998), Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз соли 1966 (13 ноябри соли 1998), Конвенсияи СММ зидди шиканҷа ва дигар намуди муносибатҳо ва ҷазодиҳии бераҳмона, ғайриинсонӣ ва ё таҳқиркунандаи шаъну шараф аз 10 декабри соли 1984 (21 июли соли 1995) ва ғайраро имзо намуда, ба тасвиб расонидааст.

Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодабарии шиканҷа ва дигар шакли муносибат ва ҷазодиҳии бераҳмона ва ғайриинсониро бо таҳдиди ҷавобгарии ҷиноятӣ манъ кардааст.

Дар моддаи 117-уми Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои шиканҷа ва дигар муносибати бераҳмона ва ғайриинсонӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ шуда, мафҳуми «шиканҷа» шарҳ дода шудааст.

Моддаи 316-уми Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгариро барои баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ, ки метавонад дар намуди шиканҷа зоҳир шавад, пешбинӣ намудааст.

Баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ аз тарафи шахсони мансабдори Қувваҳои Мусаллаҳ бо моддаи 391 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон банду баст карда мешавад.

Моддаи 354-уми Кодекси ҷиноятӣ ҷавобгариро барои маҷбуркунӣ ба додани нишондод, ки бо таҳқири шахсият ва шиканҷаю зӯроварӣ вобастаанд, аз тарафи таҳқиқотчӣ, муфаттиш, прокурор ва ё шахсе, ки адолати судиро амалӣ менамояд, муқаррар намудааст.

Моддаи 403-юми Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии ҷиноятиро барои барқасдона вайрон кардани меъёрҳои ҳуқуқи башар дар ҷараёни низои мусаллаҳона руҳдода, ки дар намуди қину азоб, шиканҷа ё муомилаи ғайриинсонӣ зоҳир мегарданд, пешбинӣ намудааст.

Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд, ки далелҳои дар ҷараёни таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ бо роҳи зӯрӣ, таҳдид, азобу шиканҷа, рафтори бераҳмона ва ё усулҳои дигари ғайриинсонӣ бадастовардашуда, беэътибор мебошанд (моддаи 10 қ. 2 ва моддаи 88 қ.3).

Моддаи 10 Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, ки азобу шиканҷа додан, муносибати бераҳмона ва ё ғайриинсонӣ кардан, паст задани шаъну эътибор, таҳти тадқиқоти тиббӣ ё дигар тадқиқоти илмӣ қарор додани маҳкумшуда қатъиян манъ аст.

Меъёрҳо оид ба пешгирии шиканҷа дар қонунгузорӣ оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ низ пешбинӣ шудааст.

Мувофиқи моддаи 12-уми Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати шахсе, ки ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ содир кардааст, дар раванди татбиқи ҷавобгарии маъмурӣ ва пешбурди парванда оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ расонидани азобу уқубати ҷисмонӣ ва маънавӣ, тарсонидан, истифода намудани ҳар гуна пастзании шаъну шараф манъ аст.

Соли 2010 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» қабул гардид, ки чораҳои таъмини амният, дастгирии иҷтимоӣ ва ҳимоя аз шиканҷаро пешбинӣ менамояд.

Моҳи майи соли 2011 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиб ва шартҳои ба ҳабс гирифтани гумонбаршудагон, айбдоршавандаҳо ва судшавандаҳо» қабул гардид. Моддаи 3-юми қонуни мазкур пешбинӣ намудааст, ки «ба ҳабс гирифтан бо мақсади азобу шиканҷа, расонидани дигар зарари ҷисмонию маънавӣ манъ аст».

Назорати иҷрои қонунгузорӣ дар бораи пешгирӣ, ошкоркунӣ ва тафтиши шиканҷа дар Тоҷикистон ба мақомоти прокуратура вогузор карда шудааст.

Дар соли 2010 ба мақомоти прокуратура 48 ариза ва соли 2011 –ум 26 ариза оид ба истифодаи усулҳои норавои тафтишот, азобу уқубат, шиканҷа ва дигар намудҳои муомилаи бераҳмона аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ворид гардид. Соли 2010 дар 13 ҳолат ва соли 2011 дар 5 ҳолат ваҷҳҳои дар арзу шикоятҳо овардашуда тасдиқи худро ёфтанд ва аз рӯйи онҳо парвандаҳои ҷиноятӣ оғоз карда шуданд.

Ин рақамҳо шаҳодат медиҳанд, ки тадбирҳои андешидаи Ҳукумат ва аҳли ҷомеаи Тоҷикистон баҳри пешгирии шиканҷа таъсири мусбӣ расонида истодаанд.

Дар соли 2009 дар Тоҷикистон институти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон (Омбудсмен), ки ҳуқуқи гузаронидани санҷиш бо аризаҳо оид ба шиканҷаро дошта, ҳамчунин бевосита метавонад ба ҷойҳои нигоҳдории баҳабсгирифташудагон ва шахсоне, ки ҷазои ҷиноятиро адо менамоянд, ташриф оварад, созмон дода шудааст.

Бо мақсади баланд бардоштани дониши кормандони ҳифзи ҳуқуқ оид ба масъалаҳои пешгирии шиканҷа гурӯҳи корӣ иборат аз намояндагони Дастгоҳи иҷроияи Президенти мамлакат, Прокуратураи генералӣ, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, Раёсати Олии Комиссариати СММ оид ба ҳуқуқи инсон ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ мунтазам бо судяҳо ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ машғулиятҳои семинарӣ мегузаронанд.

Масъалаи пешгирии шиканҷа ба барномаи таълимии институтҳо ва марказҳо оид ба баланд бардоштани ихтисоси судяҳо ва ҳама кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ворид карда шудааст.

Вакилони гиромӣ, таҳия ва пешниҳоди лоиҳаи қонуни мазкур давоми мантиқии ҳамон тадбирҳое мебошанд, ки баҳри пешгирии шиканҷа андешида шуда истодааст.

**(Идома дар саҳ. 2)**

(Идома аз саҳ. 1)

# Қонун дар бораи нотариати давлатӣ дар таҳрири нав қабул шуд

Бояд зикр кард, ки дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи алоҳида оид ба шиканҷа пешбинӣ нагардида, ҷавобгариро барои шаклҳои гуногуни зоҳиршавии шиканҷа дар якчанд модда пешбинӣ кардааст. Дар ин маврид мафҳумҳои истифодашавандаи шиканҷа ба талаботи моддаи 1 Конвенсияи зидди шиканҷа мувофиқ набуда, боиси эродҳои созмонҳои байналмилалӣ шуда истодааст.

Ҷиҳати аз байн бурдани ин камбудӣ лоиҳаи қонуни мазкур пешбинӣ намудааст, ки муқаррарот оид ба шиканҷа аз моддаҳои 117 ва 354-уми Кодекси ҷиноятӣ хориҷ карда шуда, ба ҷойи онҳо як моддаи нав таҳти рақами $143^{1}$ бо номи «Шиканҷа» ба Кодекси мазкур ворид карда шавад.

Мафҳуми дар моддаи мазкур пешниҳодшаванда пурра ба талаботи моддаи 1 Конвенсияи зидди шиканҷа мутобиқ буда, муҷозоти дар он пешбинишуда ба вазнинии кирдорҳо мувофиқат мекунанд.

Дастгирии лоиҳаи қонуни мазкур дар арафаи Ҷаласаи 19-уми Шӯрои Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи инсон, ки рӯзҳои 10-17 марти соли равон дар шаҳри Женеваи Швейтсария баргузор мешавад ва дар он рафти аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима ва қабул намудани тавсияҳои Шӯро баррасӣ мегарданд, инчунин муҳокимаи дарпешистодаи Маърӯзаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба шиканҷа, ки дар Кумитаи зидди шиканҷаи Созмони Милали Муттаҳид баргузор мегардад, иқдоми хеле арзанда ва саривақтӣ хоҳад буд.

Тағйирот ба моддаи 262-юми Кодекси ҷиноятӣ низ бо мақсади ба мафҳуми байналмилалии «қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастовардашуда» ва талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм», Нақшаи Истамбулии амалиёт оид ба мубориза бо коррупсия, ки моҳи марти соли 2003 ба имзо расидааст, мутобиқ намудани Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст ва дар он моддаи амалкунандаи 262 дар таҳрири нав оварда мешавад.

Таҳрири нави моддаи мазкур ҳама шаклҳои зоҳиршавии қонунигардонии даромадҳои аз ҷиноят бадастомадаро фаро гирифта, муҷозоти дар он пешбинишуда низ ба вазнинии ин кирдорҳо мутобиқ карда шудаанд.

Ҳамзамон бо мақсади қонеъ намудани талаботи ФАТФ (Гурӯҳи байналмилалӣ оид ба чораҳои молиявӣ) оид ба ҳатман мусодира намудани даромадҳои ғайриқонунӣ дар қисми 3 эзоҳи моддаи 262 махсус зикр карда шудааст, ки «Маблағҳои пулӣ, коғазҳои қимматнок ва дигар молу мулки бо роҳи ҷиноят бадастовардашуда бо тартиби пешбининамудаи моддаи 78 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусодира карда мешаванд».

Тағйирот ба моддаи $179^{2}$ (маблағгузории ҷиноятҳои хусусияти террористидошта) Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба талаботи Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид, ки дар шаҳри Палермои Давлати Италия 15 ноябри соли 2002 қабул гардида буд ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ба он 29 майи соли 2002 имзо гузошта, онро эътироф намудааст, мутобиқ кунонида, дар як вақт барои пурзӯр кардани мубориза ба муқобили ҷиноятҳои характери террористидошта равона карда шудааст.

Дар моддаи $179^{2}$ тағйирот ба мӯҳлатҳои ҷазоҳои дар он нишондода ворид карда нашуда, мусодира кардани молу мулк ба таври илова нишон дода шудааст, ки он баҳри таъмини пурраи ба фоидаи давлат баргардонидани маблағҳои пулӣ ва амволи бо роҳи ҷиноят бадастомадаро дар бар гирифтааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур ҳам дар Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам кумитаҳои дахлдори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷалби намояндагони вазорату идораҳо, Прокуратураи генералӣ ва олимони соҳаи ҳуқуқ мавриди муҳокимаҳои бардавом қарор гирифта, ҷиддан такмил дода шуд.

Лоиҳаи қонуни мазкурро ба баррасӣ пешниҳод намуда, аз шумо вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** -Аз рӯйи ин масъала сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Ватанов Маҳмадалӣ Маҳмадуллоевич дода мешавад.

**Маҳмадалӣ ВАТАНОВ:- Мӯҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 январи соли 2012 таҳти №1025 барои хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон, кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои гузаронидани экспертизаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд.



Лоиҳаи қонуни мазкур ҷиҳати иҷрои Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои тавсияҳои асосии ФАТФ ҷиҳати мубориза ба муқобили қонунигардонии даромадҳои пинҳонии бадастовардаи маблағгузории терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мутобиқгардонии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм» ва иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба иҷрои тавсияҳои Кумитаи мубориза бар зидди шиканҷаи Созмони Милали Муттаҳид ҷиҳати мутобиқ гардонидани Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба моддаи 1 Конвенсияи зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф таҳия ва пешниҳод шудааст.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намуда, ҷиҳати мукаммалгардонии он 27 таклифу пешниҳод ирсол намуданд. Кумитаи масъул 13 феврали соли 2012 бо иштироки муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Н.А.Ғафорова, намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷалби аъзои гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи лоиҳаи қонуни мазкур ҷаласаи кушода гузаронида, аз 27 таклифу пешниҳод 22-тои онро пурра ё қисман қабул дониста, дар мувофиқа бо намояндаи субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба лоиҳаи қонун ворид намудани онҳоро лозим донист.

Аз ҷумла меъёрҳои дар қисми 1-уми лоиҳаи қонун пешбинигардида ба техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ мувофиқ карда шуда, меъёрҳои дар қисмҳои 2 ва 3 лоиҳа овардашуда ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм» аз 25 марти соли 2011 таҳти №684 мувофиқ гардонида шуда, мафҳумҳо мутобиқи ин қонун навишта шуданд.

Оид ба моддаи 262-юм зикр кардан бамаврид аст, ки он ҳам таҷдиди назар шуда, аз санксияи қисмҳои 1 ва 2 ҷазои мусодираи даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда хориҷ карда шуд, зеро ин меъёр ба талаботи қисми умумии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат намекард. Ба эзоҳи моддаи мазкур қисми нав ворид карда шуд, ки дар асоси он даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда мутобиқи Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусодира карда мешавад.

Меъёри дар қисми 4-уми лоиҳаи қонун овардашуда ба Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазоҳои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф мутобиқ гардонида шуда, вобаста ба хавфнокии ҷамъиятии ин ҷиноят муҷозоти он таҷдиди назар шуд. Доираи субъектони ҷиноят низ мушаххас карда шуданд. Минбаъд шахсони мансабдоре, ки бо мақсади кушодани ҷиноят ё бо мақсадҳои дигар дар диспозитсияи модда нишондодашуда нисбати шахс шиканҷаро раво мебинанд, яъне ба ӯ азобу укубати ҷисмонӣ ё рӯҳӣ мерасонанд, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд. Ҷазоҳое, ки нисбати шахсони ин ҷиноятро содирнамуда пешбинӣ гардидаанд, барои пешгирии содиршавии ин ҷиноят мусоидат менамоянд.

Инчунин бо дарназардошти он ки дар таҳрири нав таҳия гардидани моддаи 354-уми Кодекси ҷиноятӣ мазмуни феълии моддаи 354-ро пурра дар бар намегирад, аз ин модда танҳо қисми дуюми он хориҷ карда шуда, қисми аввали он бетағйир мононда шуд.

Дар лоиҳаи қонуни пешниҳодгардида ҷинояти «Шиканҷа» дар моддаи 354, ки дар боби 32, яъне ҷиноятҳо ба муқобили адолати судӣ ҷой гирифтааст, нишон дода шуда буд. Дар ин сурат мутобиқи ин модда танҳо шахсони мансабдори мақомоте, ки таъқиби ҷиноятиро ба анҷом мерасонанд, субъектони ин ҷиноят буда метавонистанд. Мутобиқи Конвенсияи дар боло зикргардида бошад, ҳама гуна шахсони мансабдори расмӣ, ки бо мақсади аз шахси таҳти шиканҷа қарордошта ё шахси сеюм гирифтани маълумот ё иқроршавӣ ё ҷазо додани ӯ барои ҳаракате, ки содир намудааст ё дар содир намудани он гумонбар шудааст, инчунин тарсонидан ё маҷбур кардани ӯ ё шахси сеюм ё бо сабаби дигаре, ки ба ҳар гуна табъиз (дискриминатсия) асос ёфтааст, ба шахс азобу укубати ҷисмонӣ ва ё рӯҳӣ мерасонанд, бояд ба ҷавобгарӣ кашида шаванд. Аз ин рӯ, ҷинояти шиканҷа аз боби ҷиноятҳо ба муқобили адолати судӣ ба боби ҷиноятҳо ба муқобили ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд гузаронида шуда, ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи нав таҳти рақами $143^{1}$ илова карда шуд. Ин ҳолат ба талаботи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки инсон ва ҳуқуқу озодиҳои онро арзиши олӣ эътироф намудааст, татбиқи шиканҷаро нисбати инсон ва шаҳрванд манъ кардааст, пурра мутобиқат менамояд.

Лоиҳаи қонун инчунин аз нигоҳи таҳрирӣ ва забонӣ низ таҷдиди назар карда шуда, бо техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ мувофиқ гардонида шуд.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунад.

Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро бо назардошти хулосаҳои кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва экспертизаи ҳуқуқии шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба баррасӣ пешниҳод намуда, аз шумо эҳтиромона хоҳиш менамояд, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** -Вобаста ба масъалаи мазкур чӣ гуна таклифу пешниҳод доред? Марҳамат.



**Шодӣ ШАБДОЛОВ:** - Ин тағйироту иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳимоя ва ҳифзи шаъну шараф, саломатии шаҳрвандони ҷумҳурӣ бо риояи шартномаҳои байналмилалӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онро эътироф намудааст, вобастагӣ дорад.

Ворид намудани моддаи $143^{1}$ ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба шиканҷа хеле муҳим мебошад. Ин ҷо мафҳуми шиканҷа аз ду қисм, яъне ҷисмонӣ ва рӯҳӣ иборат аст. Ба ҳар воситае, ки набошад тарсондан, овардани фишор мумкин нест.

Дар ин хусус додани муҷозот низ мушаххас нишон дода шудааст. Моддаи 18-уми Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон дахлнопазирии шахсро кафолат медиҳад. Ба ҳеҷ кас шиканҷа, ҷазо ва муносибати ғайриинсонӣ раво дида намешавад.

Татбиқ гаштани талаботи моддаи 18-уми Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон бо вориди тағйиру иловаҳо ба қонуни амалкунанда пурра риоя шудааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур қобили қабул мебошад.



**Мухиддин КАБИРОВ:** - Лоиҳаи қонуни мазкурро комилан ҷонибдорӣ мекунам. Дар баромадҳо вобаста ба мутобиқати муҷозот ва ҷиноят таъкид шуд.

Дар лоиҳаи қонун барои қасдан расондани азобу укубати ҷисмонӣ ва ё рӯҳӣ рӯёндани ҷарима муайян шудааст. Агар ин ҷиноят нисбати шаҳрванд на аз ҷониби мақомоти тафтишотӣ, балки шаҳрванди оддӣ содир шавад, чӣ гуна ҷазо пешбинӣ шудааст? Дар ҳолати маъмулӣ шахс ҳангоми нисбаташ раво донистани азобу шиканҷа ё зӯроварӣ имкони аз худ дифоъ карданро дорад. Аммо шахси дар мақомоти тафтишотӣ қарордошта аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва рӯҳӣ чунин имконияти муҳофизати худро надорад. Ин ҷо вазъият комилан фарқ мекунад.

Аз нигоҳи мо, дар чунин маврид муҷозот каме сабуктар аст. Барои беҳтар пешгирӣ кардани шиканҷа муҷозотро бояд қавитар муқаррар намуд.

Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонуни мазкур аз зарурати дохилии кишвар бармеояд. Фаъолияти системаи тафтишотӣ низ дигаргунӣ мехоҳад.



**Сӯҳроб ШАРИФОВ:** - Ворид гаштани тағйиру илова ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо амали ҳуқуқӣ, балки сиёсӣ низ мебошад. Қабл аз ҳама ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон равона шудааст. Барои дар сатҳи байналмилалӣ баланд бардоштани нуфузи Ҷумҳурии Тоҷикистон он мусоидат менамояд.

Инчунин мубориза ба муқобили даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастомада як намуди мубориза алайҳи коррупсия мебошад. Мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт муборизаро бояд пурзӯр намоянд.

*Лоиҳаи қонуни мазкур ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста ба қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:** -Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» сухан ба Раиси Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Азизов Зафар Нусратович дода мешавад.



**Зафар АЗИЗОВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилони гиромӣ!**

Ба муҳокимаи шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешниҳод мешавад, ки он мутобиқи моддаи 58-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013 таҳия шуда, ба баррасии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Аз ҷумла бобати иҷрои банди 3-и Нақшаи чорабиниҳои барнома, ки ворид намудани тағйиру иловаҳоро ба қонунгузории мурофиавӣ вобаста ба мӯҳлат ва тартиби баррасии парвандаҳо пешбинӣ менамояд, бо мақсади банизомдарории баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ, таъмини мустақилияти бештари судяҳо, ба танзим даровардани мӯҳлати баррасии парвандаҳо лоиҳаи қонуни мазкур омода гардидааст.

Мутобиқи талаботи қисми 4-уми моддаи 34-уми Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ судя парвандаҳои ҷиноятиро, ба истиснои парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин, танҳо баррасӣ менамояд. Яъне, мувофиқи қонуни амалкунанда парвандаҳои вобаста ба ҷиноятҳои категорияҳои начандон вазнин ва дараҷаи миёна аз ҷониби судя танҳо, бе иштироки машваратчиёни халқӣ баррасӣ мегардид. Акнун таклиф мешавад, ки аз моддаи номбурда калимаҳои «вазнин ва» хориҷ шуда, доир ба ҷиноятҳои категорияи вазнин низ парвандаҳо аз тарафи судя танҳо баррасӣ карда шаванд.

Тағйироти ба қисми 9-уми моддаи 111-уми Кодекси мазкур пешниҳодгардида ҷиҳати таъмини ҳуқуқи шахсе, ки нисбаташ муқаррароти қонун дар бораи татбиқи чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан иҷозат дода шудааст, алоқамандӣ дорад. Дар асоси қонуни мурофиавӣ, аз қарори судя дар бораи ба сифати чораи пешгирӣ ба ҳабс гирифтан ё ин ки рад кардани он ба суди болоӣ бо тартиби кассатсионӣ дар муддати се шабонарӯз аз рӯзи баровардани қарор шикоят ё эътироз овардан мумкин аст.

Мутобиқи иловаҳои мазкур, судяҳо вазифадор мегарданд, ки дар мӯҳлати на дертар аз рӯзи дигари ба охир расидани ин мӯҳлат маводро бо шикоят ё эътирози воридшуда ба суди марҳилаи кассатсионӣ ирсол намоянд.

Таҷрибаи баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ бо тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ нишон дод, ки зимни баррасии парвандаҳо бо чунин тартиб дар моддаи 310-уми Кодекси мазкур имконияти пешбиникардаи қонун оид ба қатъ намудани пешбурди парванда маҳдуд карда шудааст. Зеро тибқи муқаррароти ин модда дар натиҷаи муҳокимаи парванда бо тартиби соддакардашуда суд танҳо ҳуқуқи қабули ҳукми айбдоркуниро дорад.

Аз ҳамин лиҳоз, бо мақсади таъмини пурраи ҳуқуқҳои тарафҳо ва имконияти татбиқи қонун дар хусуси қатъ намудани пешбурди парванда бо сабабҳои пушаймонӣ аз кирдор, оштӣ шудан бо ҷабрдида, тағйир ёфтани вазъият, гузаштани мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан, ки мувофиқан дар моддаҳои 29, 30, 31, 32 Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ ва моддаҳои 72, 73, 74, 75 Кодекси ҷиноятӣ пешбинӣ гардидаанд, ба моддаи 310-уми Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ ворид намудани иловаҳои дахлдор пешниҳод шудааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур дар мувофиқа бо Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Прокуратураи генералӣ, вазоратҳои адлия, молия, рушди иқтисод ва савдо таҳия шуда, дар ҷаласаи васеи Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон ҷонибдорӣ гардидааст.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, аз шумо, вакилони мӯҳтарам, дастгирӣ кардани қабули лоиҳаи қонуни мазкурро эҳтиромона хоҳиш менамоям.

**РАИС:** - Аз рӯйи ин масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Маҳмудов Насрулло Раҳматҷонович дода мешавад.

**Насрулло МАҲМУДОВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади иҷрои Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013 ва дар ин за-



мина беҳгардонии фаъолияти судҳо ҷиҳати таъмини адолати судӣ пешниҳод гардидааст. Бо пешниҳоди лоиҳаи қонуни мазкур ба танзим даровардани мӯҳлат ва тартиби баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ, таъмини мустақилияти бештари судяҳо ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ дар назар мебошад.

Ҳамзамон доираи ваколатҳои судя ҳангоми гузаронидани мурофиа бо тартиби соддакардашудаи тафтишоти судӣ васеъ гардида, ба суд имконият дода мешавад, ки дар ин мурофиа пешбурди парвандаи ҷиноятиро дар ҳолатҳои пешбининамудаи Кодекси мазкур қатъ намояд. Бо пешниҳоди лоиҳаи қонуни мазкур дар маҷмӯъ ворид намудани тағйиру иловаҳо ба 4 моддаи Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ дар назар аст.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 феврали соли 2012 барои додани хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон, дигар кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд. Онҳо лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ карда, баҳри такмил додани он 13 таклиф пешниҳод намуданд.

Кумитаи масъул 22 феврали соли 2012 бо иштироки муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Н.А.Ғафорова, намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намояндаи субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ҷаласаи васеъ гузаронида, ҳамаи таклифҳоеро, ки пешниҳод шуда буданд, мавриди муҳокима қарор дода, аз онҳо 11 таклифро пурра ё қисман қобили қабул донист. Таклифҳои ба лоиҳаи қонун воридгардида такмил дода шуд. Аз ҷумла қисми 1 моддаи 1 лоиҳаи қонун пурра хориҷ шуд, зеро мӯҳтавои мафҳуми пешниҳодгардидаи «дастгиршуда» дар моддаи 91-уми Кодекс айнан зикр шудааст, ҳамзамон қисми 4-уми лоиҳа ба техникаи қонунгузорӣ мутобиқ гардонида шуд.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад. Аз ин лиҳоз, аз шумо, вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳиш мекунам, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста бо қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нотариати давлатӣ» сухан ба вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Менглиев Рустам Шомуродович дода мешавад.



**Рустам МЕНГЛИЕВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилони мӯҳтарам!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нотариати давлатӣ» дар таҳрири нав бо тартиби муқарраргардида аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба баррасии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нотариати давлатӣ» аз 15 майи соли 1997 амал дорад.

Инкишоф ёфтани муносибатҳои молумулкии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, қабул шудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ба монанди кодексҳои гражданӣ, оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он», «Дар бораи ипотека», «Дар бораи боҷи давлатӣ», «Дар бораи забони давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», ҳамчунин мукаммал намудани принсипҳои фаъолияти нотариати давлатӣ, баланд бардоштани масъулияти нотариуси давлатӣ, мутобиқ намудани меъёрҳои ин қонун ба қонунҳои амалкунанда такмилдиҳии қонуни соҳаи нотариатро тақозо менамояд.

Дар таҷрибаи солҳои охир пас аз қабули қисми 3 Кодекси гражданӣ ва Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон намудҳои нави амалиёти нотариалӣ, ба монанди васиятномаҳои махфӣ, тасдиқи ваколати иҷрокунандаи васиятнома, розигии ҳамсарон ҳангоми ихтиёрдории молу мулки онҳо ва ғайра ба вуҷуд омаданд, ки тартиби амалӣ намудани онҳо дар қонуни амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нотариати давлатӣ» танзими худро наёфтаанд.

Меъёрҳои боби 48-уми Кодекси гражданӣ водор месозад, ки нотариусҳои давлатӣ барои ҳифзи молу мулки меросӣ чораҳои иловагӣ андешанд. Вале қонуни амалкунанда тартиби татбиқи меъёрҳои Кодекси гражданиро пешбинӣ намекунад ва нотариусҳои давлатӣ дар бисёр маврид дар ҳалли муроҷиати шаҳрвандон оид ба чунин амалиёт мушкилӣ доранд.

Дар лоиҳаи қонун номувофиқатии баъзе аз меъёрҳои амалкунанда бо меъёрҳои кодексҳои гражданӣ, оила ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» бартараф гардидаанд.

Ба лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади баланд бардоштани масъулияти нотариусони давлатӣ, мушаххас намудани ҳисоботи онҳо моддаҳои нав (моддаи 19 Коргузорӣ ва ҳисобот дар идораҳои нотариалии давлатӣ ва моддаи 28 Ӯҳдадориҳои нотариусони давлатӣ) ворид карда шудаанд.

Ҳисоботи оморӣ нишон медиҳанд, ки сол аз сол шумораи амалиёти нотариалӣ ва маблағи боҷи давлатӣ зиёд шуда истодаанд. Аз ҷумла агар дар соли 2004 шумораи амалиёти нотариалӣ 183 250 ададро ташкил диҳад, ин шумора дар соли 2011-ум 510 ба 220 адад расидааст. Вобаста ба ин маблағи боҷи давлатӣ низ мутаносибан дар соли 2004-ум ба 3 469 664 сомонӣ ва дар соли 2011-ум ба 31 849 528 сомонӣ баробар шудааст, ки ин аз мустаҳкам гардидани муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ бо мақсади ҳифзи манфиатҳои давлат, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ шаҳодат медиҳад. Аз ин лиҳоз, мукаммал гардонидани коргузории нотариати давлатӣ зарурат дорад.

Вакилони гиромӣ! Лоиҳаи қонуни мазкур аз се фасл, 19 боб ва 112 модда иборат аст. Дар муқоиса ба қонуни амалкунанда ба лоиҳаи қонуни мазкур 1 боб, 20 моддаи нав ворид карда шуда, 58 модда дар таҳрири нав ва ба моддаҳои боқимондаи он тағйиру иловаҳои ҷузъӣ ворид карда шудаанд.

Боби якум 20 моддаро дар бар мегирад, ки онҳо масъалаҳои мафҳумҳои асосӣ, сарчашмаҳои қонунгузорӣ, фаъолияти нотариалӣ ва назорати он, вазифаҳои нотариуси давлатӣ, принсипҳои фаъолияти нотариалӣ, мустақилият ҳангоми ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ, махфӣ будани амалиёти нотариалӣ, забони коргузорӣ дар идораҳои нотариалӣ, маҳали ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ, ҳудуди ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ, бойгониҳои идораҳои нотариалии давлатӣ, роҳбарии идораи нотариалии давлатӣ, ба мансаб таъин ва озод намудан ва боздоштани фаъолияти нотариуси давлатӣ, коргузорӣ, ҳисобот, мӯҳр, штамп, бланкаҳои идораи нотариалии давлатӣ ва дигар масъалаҳои ташкили фаъолияти нотариалии давлатиро танзим намудаанд.

Маблағгузории идораҳои нотариалии давлатӣ, пардохти боҷи давлатӣ барои ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ ва хизматрасониҳои иловагии ҳуқуқӣ дар боби 2-юми лоиҳаи қонун дарҷ гардидаанд.

Боби 3-юм бошад, масъалаҳои вобаста ба нотариуси давлатӣ ва коромӯзи нотариуси давлатӣ, ҳуқуқу ӯҳдадориҳои онҳо, комиссияи тахассусӣ, мӯҳри нотариуси давлатӣ, маҳдудият дар фаъолияти нотариуси давлатӣ ва савганди ӯро муқаррар намудааст.

Боби 4-ум моддаҳои аз 32 то 36-ро дар бар гирифта, дар он номгӯйи амалиёти нотариалие, ки нотариусони давлатӣ ва дигар шахсони ваколатдор ба ҷо меоранд, пешбинӣ шуда, номгӯйи амалиёти нотариалии ба нотариусони давлатӣ тааллуқдошта ба таври васеъ маънидод мегардад.

Дар боби 5-ум тартиб ва мӯҳлатҳои ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ, муқаррар намудани шахсият ва санҷиши қобили амали онҳо, дархости маълумот ва ҳуҷҷатҳо барои ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ, талабот нисбати онҳо, додани шаҳодатномаҳо, сабти амалиёти нотариалӣ, рад кардани баҳоовари амалиёт ва тартиби шикоят аз болои амалиёти нотариалӣ ба низом даровардa шудааст.

Қоидаҳои ба ҷо овардани намудҳои алоҳидаи амалиёти нотариалӣ дар боби 6-ум, ҳифзи молу мулки меросӣ дар боби 7-ум, қабул ва эълони васиятномаи махфӣ дар боби 8-ум, додани шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос дар боби 9-ум, додани шаҳодатномаи ҳуқуқи моликият дар боби 10-ум, манъкунии аз соҳибӣ соқит кардани молу мулк дар боби 11-ум, тасдиқ намудани нусхаи ҳуҷҷатҳо ва иқтибос аз онҳо, аслияти имзо ва дурустии тарҷума дар боби 12-ум, таъмини далелҳо дар боби 13-ум, тасдиқи воқеияти дар ҳаёт ё дар маҳали муайян будани шаҳрванд, супоридани аризаҳои шаҳрвандон ба шахсони ҳуқуқӣ дар боби 14-ум, ба амонат қабул кардани маблағ ва коғазҳои қиматнок дар боби 15-ум, ба ҷо овардани навиштаҷоти иҷроия дар боби 16-ум ва ба ҷо овардани дигар амалиёти нотариалӣ дар боби 17-ум танзими худро ёфтаанд.

Масъалаҳои вобаста ба татбиқи меъёрҳои ҳуқуқии дигар давлатҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар боби 18-ум пурра танзим шудаанд. Муқаррароти хотимавӣ бошад, дар боби 19-уми лоиҳа пешбинӣ гаштааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур пас аз баррасӣ дар кумитаҳои Маҷлиси намояндагон такмил дода шудааст. Аз шумо, вакилони мӯҳтарам, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Аз рӯйи ин масъала сухан ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Ҳакимова Хадича Фатҳуллоевна дода мешавад.

**Хадича ҲАКИМОВА: -Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромиқадр!**

Ба муҳокимаи шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нотариати давлатӣ» пешниҳод мешавад.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нотариати давлатӣ» мутобиқи моддаи 58 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади мутобиқ намудани он бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ, баланд бардоштани масъулияти нотариусони давлатӣ ва рушди системаи нотариалии давлатӣ, беҳтар кардани сифати ҳуҷҷатҳои бо тартиби нотариалӣ тасдиқкардашуда, пешбинӣ намудани намудҳои нави амалиёти нотариалӣ, ба монанди васиятномаҳои махфӣ, тасдиқи ваколати иҷрокунандаи васиятнома ва ғайраҳо таҳия ва пешниҳод гардидааст.

(Идома дар саҳ. 3)

# Қонун дар бораи нотариати давлатӣ дар таҳрири нав қабул шуд



(Идома аз саҳ. 1, 2)

Дар равандиислоҳоти ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиёде таҳия ва қабул гардидаанд, ки муносибатҳои нави ҷамъиятии хоси иқтисоди бозориро ба танзим даровардаанд. Муҳимтарини ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Кодекси мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии барои ривоҷу инкишофи меъёрҳои он қабулшуда, маҳдудиятҳои давраи иқтисоди нақшавиро аз байн бурда, ба субъектони муносибатҳои бозорӣ, яъне шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ доираи васеи ҳуқуқҳоро оид ба соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории молу мулки манқул ва ғайриманқул пешбинӣ намудаанд.

Бартараф шудани ҳар гуна монеаҳо, рушди моликияти хусусӣ ва дар ин замина ба муомилоти гражданӣ ҷалб шудани объектҳои моликият, зиёд шудани аҳдҳое, ки тавассути онҳо ҳуқуқи моликият ба ин объектҳо ба расмият дароварда мешаванд, устувории муомилоти гражданиро тақозо менамояд.

Яке аз роҳҳои ба даст овардани устувории муомилоти гражданӣ аз байн бурдани ҳар гуна баҳсҳо аз тариқи амалиёти нотариалӣ, ба расмият даровардани аҳдҳо ва дигар амалҳо, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва давлат мебошад.

Баъзан санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои гражданӣ ва оилавӣ ба ҷо овардани амалиёти нотариалии гуногунро пешбинӣ намудаанд, ки дар доираи қонуни амалкунанда дар бораи нотариат танзими ҳуқуқии худро наёфтаанд.



Бо дарназардошти ин ва дигар асосҳо лоиҳаи нави Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нотариати давлатӣ» таҳия гардидааст. Лоиҳаи қонуни мазкур дар муқоиса бо қонуни амалкунанда 20 моддаи навро пешбинӣ намудааст, ки онҳо дар маҷмӯъ бо дигар меъёрҳо муносибатҳои ҷамъиятии ташаккулёфтаро ба танзим дароварда, мухолифатҳои байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷойдоштаро бартараф месозанд.

Дар лоиҳа бори аввал қонуният, мустақилият ва махфӣ будани амалиёти нотариалӣ ҳамчун принсипҳои фаъолияти нотариалӣ эътироф шуда, мазмуни ҳар яки он дар моддаҳои алоҳида шарҳи пурра ва возеҳи худро ёфтаст.

Моддаи 6-уми лоиҳаи қонун бошад, вазифаҳои нотариуси давлатиро, ки аз таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин манфиатҳои давлат бо роҳи ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ аз номи Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад, муайян намудааст.

Тарафи дигари фарқкунандаи лоиҳа аз қонуни амалкунанда дар он аст, ки лоиҳа меъёрҳои навро доир ба масъулияти нотариуси давлатӣ пешбинӣ намудааст. Аз ҷумла меъёрҳои моддаи 5 оид ба назорати фаъолияти нотариалӣ, моддаи 19 оид ба пешниҳод кардани ҳисоботи оморӣ ва моддаи 28 оид ба ӯҳдадориҳои нотариуси давлатӣ меъёрҳое мебошанд, ки баҳри баланд бардоштани масъулияти нотариусҳои давлатӣ ҳангоми ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ мусоидат менамоянд.

Ҳамчунин лоиҳа дигар меъёрҳои нав, аз ҷумла оиди махфӣ будани амалиёти нотариалӣ, ҳудуди ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ, боздоштани фаъолияти нотариуси давлатӣ, маблағгузории идораҳои нотариалии давлатӣ, тасдиқи васиятнома ва ваколатномаҳое, ки ба ҳуҷҷатҳои ба таври нотариалӣ тасдиқшуда баробар карда мешаванд, идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулки меросӣ, супориш дар бораи таъсиси идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулки меросӣ, қабул ва эълон кардани васиятномаи махфӣ, тасдиқ намудани ваколати иҷрокунандаи васиятнома ва ғайраҳоро муқаррар намудааст, ки лоиҳаро мукаммал гардонида, холигии танзими ҳуқуқии ин масъалаҳоро аз байн мебарад.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 июни соли 2011 таҳти рақами 733 барои додани хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон, дигар кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нотариати давлатӣ»-ро ҳамаи кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш ва таҳлили ҳаматарафа қарор дода, онро дар маҷмӯъ ҷонибдорӣ намуданд ва дар баробари ин ҷиҳати мукаммалгардонӣ ба он 242 таклифу дархост пешниҳод карданд.

Лоиҳаи қонуни мазкур дар ҷаласаи васеи кумитаи масъул 14 декабри соли 2011 бо иштироки муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Н.А.Ғафорова, намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифт. Аз ҷониби иштирокдорон аз 242 таклифи пешниҳодгардида 235-тоаш пурра ва ё қисман қабул шуда, 7-тои дигараш қабул нашуд. Таклифҳои қабулгардида дар мувофиқа бо субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нотариати давлатӣ» ворид карда шуд.

Дар натиҷа, сарҳати сеюми моддаи 1, қисми 3 моддаи 4, қисмҳои 2 ва 3 моддаи 24, сарҳати дувоздаҳуми моддаи 32 ва сарҳати ҳаштуми моддаи 34 аз лоиҳаи қонун хориҷ карда шуданд.

Ба моддаи 26 қисми 4, ба қисми 1 моддаи 35 сарҳати панҷум ва ба моддаи 39 қисми 1 илова карда шуд.

Сездаҳ сарҳат, 21 қисм ва 4 моддаи лоиҳаи қонуни мазкур дар таҳрири нав ифода карда шудаанд.

Аз ҷумла сарҳатҳои дуюм ва шашуми моддаи 1, моддаи 2, қисми 2 моддаи 8, қисмҳои 2 ва 3 моддаи 11, ҷумлаи якуми қисми 1 моддаи 12, қисми 1 моддаи 17, матни моддаи 18 ва сарҳати дуюми он, қисми 2 моддаи 19, ҷумлаи якуми моддаи 23, қисми 1 ва сарҳати сеюми қисми 2 моддаи 24, моддаи 25, қисмҳои 2 ва 4 моддаи 26, қисмҳои 1 ва 3 моддаи 30, сарҳатҳои панҷум, шашум, ёздаҳум, ҳабдаҳум ва ҳаждаҳуми қисми 1 моддаи 32, сарҳатҳои сеюм, чорум, панҷум ва ҳафтуми қисми 1 моддаи 34, қисми 1 моддаи 39, қисми 3 моддаи 41, қисми 2 моддаи 49, қисми 7 моддаи 50, қисми 1 моддаи 58, қисми 2 моддаи 62, қисми 1 моддаи 84, қисми 1 моддаи 104 ва қисми 1 моддаи 106 лоиҳа дар таҳрири нав ифода гардида, илова бар ин ба як қатор моддаҳои дигари он тағйиру иловаҳои дорои хусусияти имлоӣ, таҳририӣ ва забонӣ ворид карда шудаанд.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нотариати давлатӣ» ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф намебошад.

Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон бо дарназардошти ворид намудани тағйиру иловаҳои пешниҳодгардида лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нотариати давлатӣ»-ро барои баррасӣ пешниҳод менамояд ва хоҳишмандем онро ҷонибдорӣ кунед.

**РАИС:** - Аз рӯйи ин масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Амиршоева Саодат дода мешавад.

**Саодат АМИРШОЕВА: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба таври куллӣ тағйир ёфтани вазъи иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва сиёсии кишвар, дигаргуншавии раванди ҷомеа, муносибатҳои ҷамъиятӣ, татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ ва дар ин замина ҷорӣ гардидани муносибатҳои нави бозорӣ дар соҳаи нотариат тағйироти ҷиддиро ба амал овард.



Қабул ва мавриди амал қарор гирифтани як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои ба вуҷуд омадани намудҳои нави шартномаҳо мусоидат намуд. Вобаста ба ин ҳолат ва инкишофи муносибатҳои ҷамъиятиву иқтисодӣ доираи амалиёти нотариалӣ, ки аз тарафи нотариусони идораҳои нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷо оварда мешаванд, васеътар гардид. Солҳои пеш ба як нотариуси давлатӣ дар як моҳ ба ҷо овардани зиёда аз 20 амалиёти нотариалӣ рост меомад, имрӯзҳо ин рақам ба ҳисоби миёна то 400 амалиёти нотариалиро ташкил медиҳад.

Дар баробари зиёд шудани шумораи амалиёти нотариалӣ сифати кори нотариусҳои давлатӣ беҳтар шуда бошад ҳам, вале он боз ҳам беҳбудиро талаб мекунад. Гарчанде солҳои охир Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои беҳбудӣ бахшидан ба кори нотариусҳои давлатӣ чораҳои зарурӣро андешида бошад ҳам, вале баъзе вайронкуниҳои ҳуқуқҳои шаҳрвандон дида мешаванд.

Дар сарҳати 3 моддаи 28 лоиҳаи қонуни мазкур омадааст: «нотариуси давлатӣ ӯҳдадор аст, ки махфӣ будани маълумотеро, ки ҳангоми ба ҷо овардани фаъолияти касбиаш ба ӯ маълум гаштааст, нигоҳ дорад». Ин талабот дар қонуни амалкунанда низ ҷой дорад. Вале дар баъзе идораҳои нотариалӣ барои мӯътадил кор кардан бо мизоҷҳо, барои нигоҳ доштани махфияти амалиётҳои нотариалӣ, шароити зарурӣ вуҷуд надорад. Ин гуна амалиётҳо баъзан дар шоҳидии шахсони бегона ё дигар мизоҷон гузаронида мешаванд. Барои ҳимояи ҳуқуқҳои шаҳрвандон дар чунин мавридҳо бояд шароити мусоид мавҷуд бошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нотариати давлатӣ ҳамчун институти устувори ҳуқуқи гражданӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиати қонунии шаҳрвандон, шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва давлатро тавассути ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ таъмин карда, моликияти хусусиро муҳофизат, бахснопазир будани ҳуқуқҳои молумулкӣ ва дигар ҳуқуқҳои иштироккунандагони моликияти гражданиро таъмин менамояд.

Дар ҳар як давлате, ки шароити молумулкӣ вуҷуд дорад, нотариат қисми ҷудонашавандаи низоми ҳуқуқии он ба ҳисоб меравад. Дар фаъолияти нотариати давлатӣ амалиётҳои нав, ба монанди шартномаи идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулк, васиятномаи махфӣ, аҳдномаи никоҳ, дигар амалиётҳо дохил карда шудааст.

Бинобар ин, дар таҳрири нав пешниҳод намудани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нотариати давлатӣ» сариваќтӣ ва ба мақсад мувофиқ аст. Баъзе нофаҳмиҳое, ки айни ҳол дар таҷрибаи нотариусҳои давлатӣ дида мешаванд, дар лоиҳаи мазкур ҳалли худро ёфтаанд. Дар татбиқи моддаи 212-уми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне «ба шахси дигар вогузоштани ваколат» дар фаъолияти нотариусҳои давлатӣ душвориҳо зиёде ба миён меомад. Шаҳрвандон ба ивази шартномаи хариду фурӯши воситаҳои нақлиёт ваколатномаҳои беохир (генералӣ) медоданд, ки муайян намудани соҳибмулкони онҳо хеле душвор мегардид.

Дар лоиҳаи қонуни мазкур пешбинӣ намудани қисми 2 моддаи 53 имконият медиҳад, ки ҳангоми аз як шахс ба шахси дигар гузаштани ҳуқуқ ба молу мулки манқул ва ғайриманқул, воситаҳои нақлиёт бесарусомонӣ дар идораҳои нотариалӣ бартараф гардида, ҳуқуқи соҳибмулк ба тарзи дахлдор ба қайд гирифта шавад. Дар лоиҳаи қонун ҳамаи ҳолатҳо ва ҳуқуқҳо мушаххас баён шудааст, ки нотариусҳои давлатӣ онро чӣ гуна татбиқ бояд кунанд. Масалан, дар таҷриба мо бештар шоҳиди он мешавем, ки бо мақсади рӯйпӯш кардани моҳияти асосии шартномаи хариди фурӯши молу мулк аз соҳибмулк танҳо ваколатнома барои идора намудани молу мулк ё воситаҳои нақлиёт мегиранд. Бо ин ҳаракати худ онҳо на танҳо моҳияти асосии шартномаро рӯйпӯш мекунанд, балки аз пардохти ҳатмии давлатӣ ё ин ки супоридани боҷи давлатӣ, ки ин ҳам яке аз намудҳои андоз ба ҳисоб меравад, саркашӣ мекунанд. Ба нотариуси давлатӣ лозим аст, ки ба ин ҷиҳати масъала аҳамияти ҷиддӣ диҳад, бо ҳамин восита пеши роҳи бастани аҳдҳои қалбакӣ гирифта шуда, манфиати давлат ҳифз карда мешавад.

Вале як нуктаро меҳоҳам махсус зикр намоям. Мо хуб медонем, ки дар ҷаҳони муосир нотариусҳои хусусӣ, детективҳои хусусӣ ва адвокатҳои хусусӣ фаъолият мекунанд. Дар Федератсияи Россия (ҳанӯз 20 сол пеш), давлатҳои дигари Муштаракулманофеъ нотариусҳои хусусӣ дар баробари нотариусҳои давлатӣ фаъолият доранд, ки ин барои босифат, сари вақт ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, бо ҷойҳои кор таъмин намудани онҳо мусоидат намуда, буҷети давлатро боз ғанӣ мегардонад. Чунин мешуморам, ки институти нотариусҳои хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ташкил карда шаванд.

Дар давлати мо чӣ қадар ташкилоту муассисаҳои ҳифзи ҳуқуқ зиёд бошад, мардум аз ҳуқуқу манфиатҳои худ ҳамон андоза бештар бархӯрдор мешавад, волоияти қонун боло меравад. Лоиҳаи қонуни мазкурро метавон соҳавӣ ҳисобид. Вобаста ба лоиҳаи қонуни мазкур корҳои зиёде ба анҷом расонида шуд, ки дар натиҷа он такмил ёфт ва мукаммал гардида, ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ шуд. Дар он саҳми Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон калон мебошад. Аз шумо, вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нотариати давлатӣ»-ро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Вобаста ба ин масъала сухан ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ ва экология Ҳисориев Маҳмадамин Исматович дода мешавад.

**Маҳмадамин ҲИСОРИЕВ: - Мӯҳтарам Раис! Раёсат, вакилони гиромиқадр ва ҳозирин!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нотариати давлатӣ» бо мақсади бартараф намудани мухолифатҳои қонунгузории миллӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ки онҳоро Тоҷикистон эътироф намудааст, ҳамчунин мутобиқ намудани он бо қонунҳои амалкунанда, беҳтар кардани сифати ҳуҷҷатҳои бо тартиби нотариалӣ тасдиқкардашуда, баланд бардоштани масъулияти нотариусони давлатӣ ҳангоми барасмиятдарории нотариалӣ таҳия ва пешниҳод шудааст.

Нотариати давлатӣ ягона сохтори мақомоти давлатие мебошад, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва давлатиро бо роҳи ба ҷо овардани амалиёте, ки қонуни мазкур пешбинӣ намудааст, ҳифз менамояд.

Амалигардонии фаъолияти нотариалӣ аз ҷониби нотариуси давлатӣ ва шахсони ваколатдор, танҳо ба қонун асос меёбад ва шахсоне, ки барои иҷрои амалҳо фишор меоранд, тибқи қонунгузорӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.



Амалиёти нотариалӣ асосан дар муассисаҳои давлатӣ, яъне идораҳои нотариалӣ анҷом дода мешавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки шаҳрванд бо сабаби беморӣ, маъюбӣ ё бо дигар сабабҳои узрнок ба бинои идораи нотариали давлатӣ ҳозир шуда наметавонад. Дар ин сурат бо хоҳиши ӯ амалиёти нотариалӣ дар маҳали зист ба ҷо оварда мешавад.

Маҳали ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ аз ҷониби шахсони ваколатдори намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

Идораҳои нотариалии давлатӣ аз буҷети ҷумҳуриявӣ ва аз ҳисоби маблағҳое, ки тибқи тартиби муқарраргардида аз хизматрасонии иловагии ҳуқуқии музднок ворид мешавад, маблағгузорӣ мешаванд ва фаъолият мекунанд.

Лоиҳаи қонуни баррасишаванда бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, ба танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба гузаронидани амалиёти нотариалӣ равона шудааст.

Аз шумо эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ карда барои қабули он овоз диҳед.

*Лоиҳаи қонун модда ба модда ва боб ба боб ба овоз монда, қонун яклухт қабул шуд.*

*Вобаста бо қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон» сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ ва экология Саиди Ёкубзод дода мешавад.

**Саиди ЁКУБЗОД: - Мӯҳтарам Раис! Раёсат, вакилони гиромӣ!**

Тибқи Барномаи Созмони Милали Муттаҳид дар бораи баргузории «Даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об - барои ҳаёт» солҳои 2005-2015, ки бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қабул шудааст, зарур аст ҷиҳати ба роҳ мондани истифодаи оқилонаву сарфаҷӯёна, ҳифз ва идоракунии захираҳои об бо мақсади рушди устувори иқтисодиёт, таъмини амнияти экологию озуқаворӣ мамлакат заминаҳои ҳуқуқии соҳа таҳким ёбанд.

Маҳз бо ҳамин мақсад ҳамчун яке аз чораҳои аввалиндараҷа лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия шудааст, ки он ба баррасӣ ва муҳокима пешниҳод мегардад.

Имрӯз таҷрибаи ҷаҳонӣ собит кардааст, ки идоракунии ҳавзаи дарёҳо дар асоси принсипи гидрографӣ таҷрибаи беҳтарин мебошад, аз ин рӯ гузаштан ба принсипи ҳавзавӣ ин талаботи муҳими иқтисодиёти Тоҷикистон буда, ҳамзамон заминаи гузаштани сохторҳои институтсионалии хоҷагии об ба иқтисодиёти бозорӣ мебошад.



Дар Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар моддаи 2 ҳарчанд принсипи ҳавзавӣ ҳамчун яке аз принсипҳои идоракунии захираҳои об зикр гардида бошад ҳам, он васеъ шарҳ дода нашудааст. Тағйиру иловаҳои пешниҳодгашта бо мақсади аз байн бурдани ин норасоӣ таҳия шуда, пешниҳод гаштааст.

Дар лоиҳаи пешниҳодшуда истифодаи мафҳумҳо васеъ гашта, он аз 34 ба 42 адад расонида шудааст, ки ин сифат, имконияти танзимсозӣ ва истифодабарии Кодекси обро беҳтар мегардонад.

Дар лоиҳа як боби нав бо номи «Идоракунии ҳавзавии истифодабарӣ ва ҳифзи захираҳои об» ва дар он 5 моддаи алоҳидаи нав дохил карда шудааст:

1. Моддаи $140^1$. Идоракунии ҳавзавии захираҳои об;
2. Моддаи $140^2$. Шӯрои миллии об ва салоҳиятҳои он;
3. Моддаи $140^3$. Шӯроҳои ҳавзавии он ва ваколатҳои онҳо;
4. Моддаи $140^4$. Стратегияи миллии об;
5. Моддаи $140^5$. Нақшаҳои ҳавзавии истифодабарӣ ва ҳифзи захираҳои об.

Лоиҳаи қонуни мазкур дар асоси натиҷаҳои муҳокимаҳои воҳӯрии машваратӣ, ки дар мавзӯи «Танзими меъёрию ҳуқуқии истифодаи устувори захираҳои об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар шаҳри Душанбе 10-11 феврали соли 2011 бо иштироки намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доираи васеи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва мутахассисони соҳа баргузор гардида буд, таҳия шудааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур дар асоси эроди Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Шукурҷон Зуҳуров дар Шӯрои Маҷлиси намояндагон бори дигар дар ҳузури муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Н. А. Ғафорова муҳокима гашта, камбудиҳо ва норасоиҳо бартараф карда шуданд.

Вакилони гиромиқадр, хоҳишмандам лоиҳаи қонуни мазкурро дастгирӣ намуда, ба ҷонибдории овоз диҳед.

**РАИС:** - Аз рӯйи ин масъала сухан ба муовини якуми вазири мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳимов Султон Нурмаҳмадович дода мешавад.



**Султон РАҲИМОВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилони гиромӣ!**

Мавзӯи баррасишаванда барои соҳаи идораи захираҳои об муҳим буда, дар миқёси мамлакат аҳамияти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дорад. Ба намояндагони мӯҳтарами халқ маълум аст, ки гузариш ба иқтисоди бозорӣ ба соҳаи хоҷагии об мушкилоти зиёдро пеш овард.

Яке аз сабабҳои ин ҳолат сохтори номувофиқи маъмурии идораи захираҳои об мебошад. Таҷрибаи дигар давлатҳои пешқадам ва натиҷаҳои тадқиқоти олимон ҷиҳати гузариш ба усули идоракунии ҳавзавӣ нишон медиҳад, ки низоми идоракунии дар асоси истифодаи ҳамгироёнаи об ба роҳ мондашуда самараи хуб медиҳад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шахсан Президенти мамлакат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рушди соҳаи об аҳамияти калон дода, ҳама гуна иқдомҳои навро, ки ба манфиати соҳа равон гардидаанд, дастгирӣ менамоянд. Тағйироту иловаҳо ба Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи мақсад ва талаботи замон мебошад.

Мавриди зикр аст, ки дар таҳияи тағйиру иловаҳо ба Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон коршиносон ва мутахассисони Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолона ширкат варзиданд ва таклифу пешниҳодоти мо пурра ба инобат гирифта шуданд.

Вазорат якҷоя бо коршиносони маҳаллӣ ва байналмилалӣ, бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо иштироки вазорату идораҳои дахлдор Стратегияи ислоҳоти соҳаи идораи захираҳои обро таҳия карда истодаанд. Таклифу иловаҳои ба Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодшуда барои амалӣ намудани ислоҳоти соҳаи об заминаи ҳуқуқӣ омода месозад.

Хоҳишмандам ба ҷонибдории лоиҳаи қонуни мазкур овоз диҳед.

**РАИС:** - Аз рӯйи ин масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ ва экология Ҳақдодов Маҳмадшариф дода мешавад.

**Маҳмадшариф ҲАҚДОДОВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони гиромӣ!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Д. Гулмаҳмадов ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Саиди Ёкубзод, О.Сафаров ва Р.Латипов таҳия шудааст, пешниҳод мешавад.



Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон» заминаи ҳуқуқиро ҷиҳати гузаштан ба идоракунии ҳавзавии об дар асоси принсипи идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои об дар ҷумҳурӣ ба танзим медарорад.

Дар замони ҳозира мавзӯи об яке аз масъалаҳои мубрами ҳаёти ҷомеаи башарӣ маҳсуб меёбад, ки истифодабарии он равандҳои гуногунҷабҳаи ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва сиёсиро дар бар мегирад.

Рӯзе нест, ки дар воситаҳои ахбори омма, чӣ дар сатҳи байналмилалӣ ва чӣ дар сатҳи минтақавӣ ва миллӣ, дар мавзӯи об ва истифодаи оқилонаи он дар бахшҳои гуногун иқтисодиёт ва амнияти экологӣ вобаста ба хавфу хатари табиӣ ва антропогенӣ ба манбаъҳои об гузорише пахш нагардад.

Дар баробари ин, мавзӯи об имрӯз дар сиёсати давлатҳои ҷаҳон аз як тараф, ҳамчун воситаи ҳалли масъалаҳои иқтисодию иҷтимоии ҷомеа қарор дошта, аз тарафи дигар, аз ҷониби бархе аз давлатҳо ҳамчун воситаи фишор барои манфиатҳои ғаразноки худ истифода мешавад.

Тоҷикистон дорои захираи калони об дар минтақаи Осиёи Марказӣ мебошад. Аз 115,6 км$^3$ оби дар ҳавзаи баҳри Арал ҷоришаванда 64,0 км$^3$ ва ё 55,4 фоизи он дар ҳудуди Тоҷикистон ташаккул меёбад. Барои ҳамин ҳам истифодаи оқилона ва ҳифзи захираҳои об барои Тоҷикистон яке аз афзалиятҳои воло ва муҳим арзёбӣ мегардад.

Сарфи назар аз соҳибихтиёрии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи истифодаи захираҳои табиии худ, аз ҷумла захираҳои обӣ барои рушди ояндаи кишвар, ки қонунгузории байналмилалӣ муайян кардааст, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сиёсати дохилию хориҷии худ ба масъалаҳои истифодаи оқилонаи захираҳои обии кишвар, ки яке аз омилҳои рушди некӯаҳволии мардум ва баланд гардидани сатҳу сифати зиндагии онҳо мебошад, диққати аввалиндараҷа медиҳад.

Сиёсати берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди муносибат дар соҳаи об дар амалӣ намудани чорабиниҳо оид ба истифодаи комплексии захираҳои об асос ёфта, об ҳамчун неъмати пурарзиши иқтисодӣ эътироф меёбад ва барои таҳия ва мустаҳкам намудани механизми пешгирӣ ва ҳалли масъалаҳо ва зиддиятҳои ҷойдошта дар ин соҳа равона гардидааст. Бо вуҷуди ин, асоси муносибатҳои байнисарҳадии об гуфтушуниди муфид, мубодилаи дониш ва таҷрибаи пешқадам, татбиқи лоиҳаҳои мушаххас оид ба идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои об ба шумор меравад.

Асоси ин сиёсатро се ташаббуси байналмилалии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои об – «Соли байналмилалии оби тоза» (2003), «Даҳсолаи амалиёти байналмилалии «Об - барои ҳаёт» (2005-2015) ва «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об» (2013), ки бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз тарафи СММ қабул гардидаанд, инъикос менамоянд.

Ин ташаббусҳои сатҳи олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои об имрӯзҳо дар маркази диққати ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор дошта, ҷиҳати ҳалли онҳо дар сатҳи байналмилалӣ ва минтақавию миллӣ тадбирҳои мушаххас андешида шуда истодаанд.

Дар навбати худ Ҷумҳурии Тоҷикистон чор конференсияи байналмилалиро вобаста ба масъалаҳои об - солҳои 2003, 2005, 2008 ва 2010 дар шаҳри Душанбе баргузор намуд, ки қарору тавсияҳои он мавриди истифодаи умум қарор доранд.

Вобаста ба афзоиши бемайлони аҳолии кишвар ва кишварҳои минтақа масъалаҳои таъмини аҳолӣ бо озуқа, оби нӯшокӣ ва барқ сол аз сол мураккаб мегардад. Барои таъмини амнияти озуқаворӣ кишвар тибқи «Консепсияи истифодаи оқилона ва ҳифзи захираҳои об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ояндаи наздик то як миллион гектар аз худ намудани заминҳои нави обёришаванда дар назар дошта шудааст, ки бинобар сабаби афзоиши талабот ба об дар минтақа васеъ намудани майдони заминҳои обёришаванда, бо дарназардошти меъёрҳои муқарраргардидаи тақсимоти об дар минтақа ва истифодаи технологияҳои замонавӣ, амалӣ карда мешавад.

Дигар афзалияти ҳаётан муҳим барои таъмини истиқлолияти энергетикии кишвар аз худ намудани захираҳои гидроэнергетикӣ ва истеҳсолӣ аз лиҳози экологӣ тозаи қувваи барқ муайян гардидааст. Дар ин раванд, пеш аз ҳама ба итмом расонидани сохтмони НБО «Роғун» дар дарёи Вахш ва оғози дигар лоиҳаҳои гидроэнергетикӣ дар назар дошта мешавад.

Дар баробари амалӣ намудани ин нақшаҳо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба аҳамияти захираҳои об барои иқлими хушки минтақаи Осиёи Марказӣ, бахусус ҳавзаи дарёи Ому ҷиҳати баҳисобгирии манфиатҳои кишварҳои поёноби минтақа ҳангоми сохтмони иншооти гидроэнергетикӣ чораҳои зарурӣ меандешад.

Барои ҳалли масъалаҳои номбаршуда ва дигар масъалаҳои вобаста ба истифодаи оқилона ва ҳифзи захираҳои об гузаштан ба низоми идоракунии ҳавзавии об дар асоси принсипи идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои об бо истифода аз меъёрҳои байналмилалӣ мувофиқи мақсад мебошад.

Идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои об низоми идоракуние мебошад, ки на танҳо барои қонеъ гардонидани манфиати соҳаҳо ва сатҳҳои гуногуни истифодабарии об равона гардидааст, балки баҳисобгирӣ ва таъсири мутақобилаи захираҳои об ва захираҳои замин, инчунин захираҳои дигари табиии ба онҳо вобастаро дар ҳудуди муайяни гидрографӣ ба асос гирифта, ҳифз ва рушди захираҳои обро ба манфиати насли имрӯзаю оянда таъмин менамояд.

Ба ин мақсад ба Кодекси оби амалкунанда ворид намудани боби $23^1$ «Идоракунии ҳавзавии истифодабарӣ ва ҳифзи захираҳои об» бо таъсиси Шӯрои миллии об ва шӯроҳои ҳавзавии об, ки тартиби таъсис ва ваколати онҳо дар моддаҳои алоҳидаи лоиҳаи қонуни мазкур нишон дода шудаанд, зарур аст. Дар моддаҳои алоҳидаи дигар механизми идоракунии ҳавзавӣ, ки дар асоси Стратегияи миллии об ва нақшаҳои ҳавзавии истифодабарӣ ва ҳифзи захираҳои об амалӣ карда мешаванд, оварда шудаанд. Инчунин дар моддаи 2- юми Кодекси об мафҳумҳои нав, ки ба идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои об тааллуқ доранд, оварда шуда, баъзе мафҳуму калимаҳои дигар дар таҳрири нав пешниҳод шудаанд.

(Идома дар саҳ. 4)

(Идома аз саҳ. 1, 2,3)

Ҳамин тариқ, Кумитаи масъул якҷоя бо дигар кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи расмиёти муқаррargардидаи Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баррасӣ ва такмили лоиҳаи қонуни мазкур фаъолона иштирок карда, бо таклифу пешниҳодҳои мушаххас онро ҷонибдорӣ намуданд.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад.

Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ ва экология, бо дарназардошти хулосаҳои кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро барои баррасӣ пешниҳод карда, аз шумо, вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста бо қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - «Оид ба тасдиқи Шартномаи давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар бораи кофтукови байнидавлатии шахсон» сухан ба муовини вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷӯрахонов Саид Қаюмович дода мешавад.

**Саид ҶӮРАХОНОВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони гиромӣ!**

Шартномаи давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар бораи кофтукови байнидавлатии шахсон аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Шартномаи давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар бораи кофтукови байнидавлатии шахсон 10 декабри соли 2010 дар шаҳри Москва ба имзо расида, аз муқаддима ва 15 модда иборат мебошад.

Шартномаи мазкур барои рушди фаъолонаи ҳамкориҳо байни давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар самти кофтукови байнидавлатии шахсон равона карда шудааст.

Тибқи Шартнома давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар кофтукови Шартнома байнидавлатии шахсон ба воситаи мақомоти салоҳиятдори худ ҳамкорӣ менамоянд.

Дар муқаддима асосҳо барои баста шудани шартнома ифода ёфта, дар моддаи 1 мафҳумҳое, ки дар шартномаи мазкур истифода бурда мешаванд, маънидод карда шудаанд.

Дар моддаҳои 2-4 дар бораи муайян намудани мақомоти салоҳиятдор, шаклҳои ҳамкорӣ ва тартиби кори мақомоти зикршуда, дар моддаҳои 5-6 бошад, тартиби ирсоли дархост ё маълумот байни тарафҳо ва тартиби иҷрои дархост дар бораи расонидани кӯмак, инчунин вобаста ба маҳдуд намудани истифодаи маълумот ва ҳуҷҷатҳои қабулгардида мавриди танзим қарор дода шудаанд.

Дар моддаҳои 7-8 масъалаҳои ташаккул ва бурдани манбаи марказонидашудаи иттилоотии кофтукови байнидавлатии шахсон дар доираи Махзани байнидавлатии иттилоотии Вазорати корҳои дохилии Федератсияи Россия ва оид ба хароҷоти вобаста ба иҷрои шартнома алоқаманд пешбинӣ шудаанд.

Дар моддаи 9 масъалаи тартиби кофтукови байнидавлатии шахсон, ки бо ҳуҷҷати алоҳида аз ҷониби Шӯрои сарони ҳукуматҳои ИДМ муайян карда мешавад ва дар моддаи 10 бошад, меъёр оид ба дахлнопазирии ҳуқуқу ӯҳдориҳои тарафҳо, ки иштирокчии дигар шартномаҳои байналмилалӣ мебошанд, инъикос гардидааст.

Моддаҳои 11-15-уми шартнома бошад, масъалаҳои вобаста ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ва ба расмият даровардани он бо протокол, гузаронидани машварат ва гуфтушунид байни тарафҳо, масъалаҳои эътибори қонунӣ пайдо намудани шартнома, тартиби ҳамроҳшавӣ ба шартнома ва хориҷшавӣ аз он, мӯҳлати амал ва қатъ гардидани онро ба танзим медароранд.

# Қонун дар бораи нотариати давлатӣ дар таҳрири нав қабул шуд

Вакилони мӯҳтарам! Тасдиқи шартномаи пешниҳодгардида баҳри кофтукови байнидавлатии шахсони дар ҷустуҷӯ қарордошта, ки аз мақомоти таҳқиқотӣ, тафтишотӣ ва судӣ пинҳон шудаанд, аз адои ҷазои ҷиноятӣ саркашӣ менамоянд ва шахсони бе ному нишон гумшуда самари хуб хоҳад дод.



Шартномаи мазкур ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат надорад.

Бинобар ин, аз шумо, вакилони мӯҳтарам, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки тасдиқи шартномаи мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Аз рӯйи ин масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Баракатулло Атохоҷа дода мешавад.

**Баракатулло АТОХОҶА: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони гиромӣ!**

Шартномаи давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар бораи кофтукови байнидавлатии шахсон аз тарафи сарони давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар таърихи 10 декабри соли 2010 дар шаҳри Москва ба имзо расида, аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.



Шартномаи мазкур аз муқаддима, 15 модда ва замима иборат буда, дар он мақсад ва мароми ба имзо расидани Шартномаи давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар бораи кофтукови байнидавлатии шахсон баён шудааст.

Шартнома ба масъалаҳои мафҳумҳо, танзим ва механизми иҷрои шартномаи мазкур, мақсадҳои мақомоти салоҳиятдори тарафҳо оид ба кофтукови байнидавлатии шахсон, шаклҳои ҳамкориҳо дар соҳаи кофтукови байнидавлатии шахсон ба воситаи дархостҳои пешбинишуда, махфияти маълумоти гирифташуда, ташаккули манбаи марказонидашудаи иттилоотии кофтукови байнидавлатии шахсон бахшида шудааст.

Ғайр аз ин, дар шартнома, тартиби кофтукови байнидавлатии шахсон, дахлнопазирии ҳуқуқу ӯҳдориҳои тарафҳо дар хусуси кофтукови байнидавлатии шахсон, дохил намудани тағйироту иловаҳо ба шартномаи мазкур, масъалаҳо оид ба ҳалли баҳсҳо миёни тарафҳо, тартиби ба қувваи қонунӣ даромадан, ворид намудани тағйиру иловаҳо ба шартнома ва ҳамроҳшавӣ ба он танзим шудааст.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон шартномаи зикршударо мавриди баррасӣ қарор дода, онро ҷонибдорӣ намуданд.

Шартномаи давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар бораи кофтукови байнидавлатии шахсон ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад.

Дар асоси гуфтаҳои боло, аз шумо эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки ҷиҳати тасдиқи шартномаи мазкур овоз диҳед.

*Доир ба тасдиқи Шартномаи мазкур Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуд.*

**РАИС:** - «Дар бораи тасдиқи Созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия оид ба ҳамкорӣ дар масъалаҳои сарҳадӣ» сухан ба муовини аввали раис-Фармондеҳи Қӯшунҳои сарҳадии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон Мирзоев Шералишо Файзалиевич дода мешавад.

**Шералишо МИРЗОЕВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон!**

Мутобиқи моддаҳои 7 ва 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба баррасӣ ва тасдиқи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия оид ба ҳамкорӣ



дар масъалаҳои сарҳадӣ, ки 2 сентябри соли 2011 дар шаҳри Душанбе аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Федератсияи Россия Дмитрий Анатолевич Медведев ба имзо расидааст, пешниҳод карда мешавад.

Созишномаи мазкур самтҳои асосии ҳамкорӣ, инчунин афзалиятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россияро дар соҳаи сарҳадӣ муайян менамояд.

Тибқи муқаррароти созишнома ҷониби Федератсияи Россия ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи тайёр намудани кадрҳо, ҳамкории ҳарбӣ-техникӣ ва муҷаҳҳазгардонии сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъминоти ҳавопаймоӣ ва интиқоли бору молҳо тавассути ҳавопаймоҳои ҷониби Федератсияи Россия дар шаклҳои пулакӣ, имтиёзнок ва ройгон кӯмак мерасонад.

Айни замон, дар муассисаҳои таълимии сарҳадии Федератсияи Россия тариқи ройгон 200 нафар хизматчиёни ҳарбии Қӯшунҳои сарҳадӣ таҳсил намуда, ҳарсола 55 нафар барои омӯзиш равон карда мешаванд.

Дар асоси мувофиқаҳои бадастомада пешбинӣ гардидааст, ки ҷониби Федератсияи Россия дар сохтмони дидбонгоҳҳои сарҳадӣ ва муҷаҳҳазгардонии муҳандисии ҷузъу томҳо дар самтҳои асосӣ ширкат меварзад.

Инчунин дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон Гурӯҳи ҳамкории сарҳадии Хадамоти амнияти федералии Федератсияи Россия таъсис дода шудааст, ки ба салоҳияти он ҳамоҳангсозии масъалаҳои ҳамкорӣ ва амалигардонии созишнома дохил мебошанд.

Дар ҳайати Гурӯҳи мазкур 30 нафар дастурдиҳандагон дохил карда шудаанд, ки ба тайёр кардани кадрҳои сарҳадӣ дар Омӯзишгоҳи олии сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва марказҳои таълимии Қӯшунҳои сарҳадӣ мусоидат менамоянд.

Бо мақсади ба роҳ мондани ҳамкориҳо ва татбиқи амалии созишнома дар сохтори Гурӯҳи ҳамкории сарҳадӣ шӯъбаи ҳамоҳангсозии ҳамкории сарҳадӣ дар ҳайати 12 нафар таъсис дода шудааст.

Инчунин ба сохтори Гурӯҳи ҳамкории сарҳадӣ ҷузъу томҳои маъмурӣ, таъминоти ақибгоҳӣ, техникӣ ва посбонӣ дар ҳайати 160 нафар дохил шудаанд, ки барои ташкили фаъолияти он ва таъмини иҷрои вазифаҳои вогузоргардида вазифадор мебошанд.

Дар як маврид, созишномаи мазкур пешбинӣ намудааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомоти ваколатдори ҷониби Федератсияи Россия ва кормандони он дар хусуси озод намудан аз доираи ҳуқуқии ҷиноятӣ, маъмурӣ ва граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, пардохти андозҳо, боҷҳои гумрукӣ ва дигар пардохтҳо имтиёзҳо пешниҳод мекунад.

Ба истиснои ҳолатҳои зерин:

-даъвоҳои амволии марбут ба молу мулки ғайриманқули дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон будаи онҳо;

-даъвоҳои ба мерос дахлдорбуда;

-даъвоҳои марбут ба ҳама гуна фаъолияти тиҷоратие, ки онҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом медиҳанд;

-даъвоҳо оид ба барқарор намудани зарари ҳангоми ҳодисаи нақлиётӣ расонидашуда;

-даъвоҳо бинобар ҳалокшавии шахсе ё зарари ҷисмоние, ки аз ҷониби шахсони зикргардида расонида шудааст.

Бо мақсади ба роҳ мондани ҳамкориҳои муфид ва бо дарназардошти иштироки Федератсияи Россия дар муҷаҳҳазгардонии сарҳади давлатӣ ва тайёр намудани кадрҳои сарҳадӣ ба мақсад мувофиқ мебошад, ки созишнома аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад.

Лоиҳаи қарори дахлдори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва матни созишнома бо вазоратҳои адлия, корҳои хориҷӣ, молия, мудофиа, рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Кумитаи андоз ва Хадамоти гумрук мувофиқа шудааст.

Мӯҳтарам вакилон, бо дарназардошти манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифз ва ҳимояи сарҳади давлатӣ пешниҳод менамудем, ки Созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия оид ба ҳамкорӣ дар масъалаҳои сарҳадӣ тасдиқ карда шавад.

**РАИС:**- Аз рӯйи ин масъала сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Азимов Амиркул Насимович дода мешавад.

**Амиркул АЗИМОВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Бист соли Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, ки пур аз ҳаводису рӯйдодҳои муҳиму тақдирсози халқи мо мебошад, дар баробари арзёбии ҷиддии гузашта ва имрӯзаи мо таҳлили мукаммал ва муратгаби татбиқи сиёсати хориҷии кишварро тақозо менамояд. Рисолат ва ҷавҳари ин сиёсат ҳифзи ҳамаҷонибаи манфиатҳои миллӣ, таъмини озодиву истиқлоли мамлакат, амнияту суботи ҷомеа ва кафолати пешрафту тараққии кишвар, ҳамчунин тақвият бахшидан ба ҷойгоҳи хоси Тоҷикистон дар низоми навини равобити байналмилалӣ ба шумор мерафт.

Дар фазову минтақаи ва-



сеи мамлакатҳои пасошӯравӣ мавқеъ ва робитаҳои кишвари мо дар муносибатҳои тарафайни Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Иттиҳоди Давлатҳои АвруОсиё, Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ ва Созмони Ҳамкории Шанхай тақвият меёбанд.

Бо кишварҳои минтақа ва ҳамҷавор равобити неки ҳамсоягӣ, ҳусни тафоҳум ва муносибатҳои мутақобилан судманд мавҷуд мебошанд, ки мустаҳкам намудани чунин робитаҳо ба кишварҳои ба мо дӯст, алалхусус Федератсияи Россия, ки шарики аввалиндараҷаи стратегии давлати мост, яке аз афзалиятҳои сиёсати хориҷии кишвари мо мебошад.

Аз ҳамин лиҳоз, барпо намудани сулҳу оромӣ дар мамлакатамон, тақвияти мубориза бар зидди терроризм, ифротгароӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва ҷинояткории муташаккили трансмиллӣ яке аз самтҳои афзалиятноки стратегияи давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон аст.

Баъд аз пош хӯрдани



Иттиҳоди Шӯравӣ, теъдоди муайяни сарбозони Қӯшунҳои артиши Федератсияи Россия дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмин намудани амнияти мардуми сарзамини мо боқӣ монданд, ки ин ба манфиати ҳар ду кишвар мебошад. Қӯшунҳои сарҳадии Федератсияи Россия дар асоси «Созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия оид ба ҳамкорӣ дар масъалаҳои сарҳадӣ» то соли 2005 адои хизмат намуда, сарбаландона вазифаҳои худро ба сомон расониданд.

Аз сабаби дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд набудани таълимгоҳҳои мушаххаси сарҳадӣ, дар давоми солҳои охир зиёда аз 250 нафар фарзандони Тоҷикистон донишгоҳҳои ҳарбии сарҳадии Федератсияи Россияро хатм намуда, то имрӯз дар ҳифзи марзу буми Тоҷикистон адои хизмат менамоянд. Айни замон дар донишгоҳҳои сарҳадии Федератсияи Россия зиёда аз 200 нафар фарзандони Тоҷикистон ба таври ройгон таҳсили илм доранд. Аз тарафи хизматчиёни қисмҳои ҳавоии қисмҳои сарҳадии Федератсияи Россия ба манотиқи гуногуни кишвар, ба ҷойҳои хизматии сарҳадбонон маводи зарурӣ интиқол дода мешавад. Дар аксари ҳодисаҳои ғайричашмдошти табиӣ хизматчиёни ҳарбии Қӯшунҳои сарҳадии Федератсияи Россия ба кӯмаки мардуми маҳаллӣ ҳозир шудаанд. Дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташкили самарабахши ҳифзи сарҳад гурӯҳи мушовирони низомии Қӯшунҳои ҳарбии сарҳадии Федератсияи Россия фаъолият доранд, ки масъалаҳои мансуб ба нигаҳбонии марзу буми Тоҷикистонро дар мӯҳлатҳои кӯтоҳтарин ҳал менамоянд ва ин ҳамкориҳои ҳарбиву амниятӣ дар заминаи мустаҳками эътимоду боварӣ миёни кишварҳои мо рӯ ба инкишоф доранд. Алалхусус дар Федератсияи Россия омода сохтани кадрҳои барои бахшҳои гуногуни иқтисоди миллии мо зарурӣ, кадрҳои баландихтисоси ҳарбӣ аз намунаҳои ин ҳамкориҳои пурсамар мебошанд.

Созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия оид ба ҳамкорӣ дар масъалаҳои сарҳадӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Президенти Федератсияи Россия 2 сентябри соли 2011 дар шаҳри Душанбе ба имзо расида, аз тарафи Президенти мамлакат ҷиҳати тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Созишномаи мазкур самтҳои асосии ҳамкорӣ ва афзалиятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россияро дар соҳаи сарҳадӣ, аз ҷумла дар соҳаи тайёр намудани кадрҳо дар муассисаҳои таълимии ҳарбии Федератсияи Россия, расонидани кӯмак дар интиқоли бору молҳо тавассути ҳавопаймоҳои ҷониби Россия муайян менамояд.

Тасдиқи созишномаи мазкур рушди муносибатҳои тарафҳоро дар соҳаи мутақобилан судманд дар масъалаҳои сарҳадӣ, мубодилаи маълумот ва таҳкими ҳамкориҳои ояндаи иттилоотӣ ҳангоми ҳалли вазифаҳои ҳимояи ҳуқуқ, озодиҳои шаҳрвандон, мубориза бар зидди терроризм, экстремизм, интиқоли маводи мухаддир ва ҷиноятҳои муташаккили трансмиллӣ ва пешгирии таҳдиду хатарҳои муосир, ки ба манфиатҳои амнияти миллии тарафҳо таъсир мерасонанд, таъмин менамояд.

Созишнома аз муқаддима ва 30 модда иборат буда, дар он мақсад ва мароми мақомоти ваколатдори тарафҳо, масъулин, мақсад ва шаклҳои ҳамкории тарафҳо, мубодилаи иттилоот, ҳамоҳангсозии масъалаҳои ҳамкорӣ ва амалигардонии созишнома, сохтор ва шумораи Гурӯҳи ҳамкории сарҳадӣ, истифодабарии амволи тарафҳо, алоқаи почтавӣ, телеграфию телефонӣ, радиоалоқа ва намудҳои махсуси алоқа ҳангоми ҳалли масъалаҳои таъмини ҳифзи сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст.

Ғайр аз ин, дар созишнома мубодилаи иттилоотӣ, тартиб, мақсад ва маблағгузории ҳамкорӣ, таъминоти ҳарбӣ-техникӣ ва ҷойгиркунии фармоишҳо барои таҳия, тайёр, ҷорӣ кардан ва таъмири воситаҳои техникие, ки дар ҳифзи сарҳади давлатӣ истифода мешаванд, дарҷ ёфтаанд.

Саҳми назарраси мамлакати мо дар муборизаи умумӣ бар зидди терроризм, ифротгароӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва ҷинояткории муташаккили трансмиллӣ дар ҳамкории дуҷониба бо Федератсияи Россия чун мавзӯъҳои муҳимтарини сиёсати хориҷии ҷумҳурӣ буд ва боқӣ хоҳад монд.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон созишномаи зикршударо мавриди баррасӣ қарор дода, онро ҷонибдорӣ намуданд.

Созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия оид ба ҳамкорӣ дар масъалаҳои сарҳадӣ ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад.

Аз шумо, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки ҷиҳати тасдиқи созишномаи мазкур овоз диҳед.

**Шодӣ ШАБДОЛОВ:** - Нисбат ба тасдиқи созишномаи мазкур андешаи худро ошкор изҳор карданиам. Масъалаи таъмини амният дар давраи Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон хеле муҳим мебошад. Рӯйирост гуфтанӣ ҳастам, ки ҳифзи сарҳади давлатии тӯлонӣ бо Афғонистон дар сатҳе, ки зарур аст, таъмин намебошад. Агар пурра таъмин мешуд, аз он миқдори калони маводи мухаддир ғайриқонунӣ интиқол намегашт.

Дар чунин ҳолат камбудӣ танҳо аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон намебошад. Ин сарҳади ҷанубии на танҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки тамоми давлатҳои аъзои ИДМ маҳсуб меёбад. Дар ин хусус борҳо нуқтаи назари худро низ изҳор доштам. Агар ин сарҳади ҷанубии давлатҳои аъзои ИДМ бошад, пас чаро тамоми маблағи ҳифзи он танҳо ба ӯҳдаи Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор шудааст? Куҷост саҳми дигар давлатҳо? Аз ин ҷо дигар давлатҳо, аз ҷумла Федератсияи Россия Қӯшунҳои сарҳадии худро берун карданд.

Ба ҳар ҳол барои ба эътидол овардани ҳолати ҳифзи сарҳад ба Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷумҳурии Халқии Хитой ва Федератсияи Россия кӯмак расонданд. Дар Афғонистон бошад ҷанг ҳамоно идома дорад ва оқибати он маълум нест.

Ҳар ду тарафи даргир лавозимоти зиёди ҷангӣ дар ихтиёр доранд. Баъди хуруҷи нерӯҳои низомии НАТО аз Афғонистон он қувваҳои даргир амалҳои тахрибкоронаи худро ба куҷо равона мекунанд? Ин дар ҳолест, ки сарҳади миёни Тоҷикистону Афғонистон хеле тӯлонист. Ин хатар на танҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки дигар давлатҳои аъзои ИДМ низ таҳдид мекунад.

Аз ин рӯ, барои тақвияти ҳифзи сарҳади Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Афғонистон дигар давлатҳо маблағгузорӣ намоянд, аз ҷиҳати техникаи ҳарбӣ кӯмак расонанд. Он бояд боэътимод муҳофизат шавад.

*Доир ба тасдиқи созишномаи мазкур Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуд.*

**РАИС:** - Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Фелалиев Акрамшо Саидшоевич дода мешавад.



**Акрамшо ФЕЛАЛИЕВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилони гиромӣ, ҳозирини арҷманд!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст ва лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қабули он пешниҳод мешаванд.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади такмили фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳкими ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон таҳия гардидааст.

Лоиҳаи қонуни зикршуда ворид намудани тағйиру иловаҳоро ба банди д) қисми 1 моддаи 11, илова намудани қисмҳои 4 ва 5-ро ба моддаи 12, илова намудани банди в) ба қисми 1 моддаи 22 ва қисми 2 ба ин моддаро пешбинӣ менамояд. Ҳамзамон сархати сеюми қисми 3 моддаи 12 қонуни амалкунанда дар таҳрири нав пешниҳод мешавад.

Ба банди д) қисми 1 моддаи 11 пас аз калимаҳои «Ҷумҳурии Тоҷикистон» калимаҳои «, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ» илова карда шуданд, яъне ин Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро вазифадор мекунад, ки ба ҳамкории мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мусоидат намояд.

Ба қисми 1 моддаи 12 банди е) илова карда шуд, яъне мутобиқи ин меъёр ба Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дода шудааст, ки бо маводи парвандаҳои ҷиноятӣ, гражданӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ки санадҳои судӣ вобаста ба онҳо эътибори қонунӣ пайдо кардаанд, инчунин бо маводе, ки оғози парвандаи ҷиноятӣ нисбати онҳо рад карда шудааст, шинос шавад. Ҳамзамон бо пешниҳоди Кумитаи масъул ба ин банд калимаи «оилавӣ» илова карда шуд, яъне ба Ваколатдор ҳуқуқ дода мешавад, ки дар баробари шинос шудан ба мавод ва парвандаҳои дар боло номбаршуда метавонад ба парвандаҳои оилавӣ низ шинос шавад.

Бо супориши Шумо, мӯҳтарам Раис, сархати сеюми қисми 2 моддаи 1 лоиҳаи қонуни мазкур, бо моддаи 6 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мутобиқ гардонида шуда, дар таҳрири нав ифода гардид, яъне «Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҳуқуқ дорад, дар иҷлосияҳо, ҷаласаҳои якҷоя ва алоҳидаи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар маҷлисҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти давлатӣ иштирок намояд».

Ҳамчунин пешбинӣ гардидааст, ки Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандоне, ки бо сабабҳои узрнок қобилияти мустақилона амалӣ намудани ҳуқуқҳои худро надоранд, ба суд муроҷиат намояд ва ё аризаи даъвогӣ пешниҳод кунад.

Дар сархати чоруми қисми 2 моддаи 1 лоиҳаи қонун калимаҳои «он» ва «дар сурати розигии шахсе, ки ба манфиати ӯ» ва калимаҳои «ба сифати мушоҳид» хориҷ карда шуда, калимаҳои «оид ба ҳуқуқи инсон» ва «бо риояи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» илова карда шуданд. Бо илова намудани ин қисм ба қонуни амалкунанда ба Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва бо супориши хаттии ӯ ба корманди Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҳуқуқ дода мешавад, ки онҳо дар маҷлисҳои тамоми марҳилаҳои судӣ, аз ҷумла ҷаласаҳои пӯшидаи судӣ иштирок намоянд.

Ба моддаи 22 қонуни амалкунанда банди в) ва қисми 2 илова карда шуд, ки мутобиқи банди в) аз рӯйи натиҷаи баррасии шикоят Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҳуқуқ дорад ба мақомот ва шахсони мансабдори ваколатдори давлатӣ оид ба қабул намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба ҳуқуқи инсон ё ворид намудани тағйиру иловаҳо ба онҳо пешниҳод ирсол намояд. Тибқи илова, яъне қисми 2 моддаи 22 «2. Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон метавонад ба Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати додани тавзеҳоти дастурӣ оид ба масъалаҳои ҳуқуқи инсон муроҷиат намояд.».

Яъне, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар такмили қонунгузорӣ, ки ба ҳуқуқу озодиҳои инсон дахл доранд, бояд мусоидат намояд.

Чуноне зикр шуд, лоиҳаи қонуни мазкур аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод гардидааст ва аз тарафи Сарвари давлат хеле васеъ намудани ваколатҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва корманди Дастгоҳи он далели давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд будани Тоҷикистон аст.

Вакилони гиромӣ! Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон лоиҳаи қонуни мазкурро 22 феврали соли 2012 дар ҷаласаи васеи худ бо иштироки муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Н.А. Ғафорова, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода, намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мушовири калони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати ҳуқуқӣ мавриди муҳокима қарор дод.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад, қабули он аз Буҷети давлатӣ маблағи иловагиро низ талаб наменамояд.

Аз шумо, вакилони мӯҳтарам, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки ба ҷонибдории лоиҳаи қонун овоз диҳед.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста бо қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

Ҷаласаро Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷамъбаст намуд.

***Ҷумъахон НАБОТОВ,***
***Аъзам МӮСОЕВ,***
***«Садои мардум»***
***Суратгир Аҳлиддин ИСОЕВ***

● Муҳокимаи парламентӣ



Суратгир А. ИСОЕВ

# ТО ФАЗЛУ ҲУНАР ОЙИНАПАРДОЗ НАШУД...

Масъалаи таълиму тарбияи насли наврас ба ҷумлаи масоили умдаи ҷомеа табдил ёфта, Давлат ва Ҳукумату парламенти Тоҷикистон ба он эътибори ҷиддӣ медиҳад, зеро ояндаи миллату Ватан ба ин насл вобаста аст. Бе насли солимфикру соҳиби таълиму тарбияи хуб таъмини ояндаи дурахшон имкон надорад. Чанде пеш бо ташаббуси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон доир ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ» муҳокимаи ҷамъиятӣ баргузор гардид, ки гуфтаҳои болоро роҷеъ ба муҳим будани масъалаи таълим ва тарбияи насли наврас тақвият мебахшад.

Муҳокимаи ҷамъиятиро раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон Марҳабо Ҷабборова ифтитоҳ намуда, аз муҳимияти мавзӯи зикргардида сухан кард. Сипас, вакил Нурулло Оқилов, ҳозиринро бо мӯҳтавои лоиҳаи қонун шинос намуд. М.Хидирова – муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон, М.Ҳакимов ва чанде дигар вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин Т.Маҳмадова – муовини вазири маорифи ҷумҳурӣ, И. Каримова – Президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Лейлӣ Моширӣ – роҳбари намояндагии ЮНИСЕФ дар Тоҷикистон оид ба ҳусну қубҳи лоиҳа пешниҳодҳои мушаххасу муфид иброз намуданд.

Қобили зикр аст, ки рушди соҳаи маориф, пеш аз ҳама ба таълиму тарбияи хуб фарогирии насли наврас, дар Паёми ҳамасолаи Президенти мамлакат мавқеи сазовор дошта, рисолати намояндагони соҳаи мазкур дар амри тарбияи насли наврас махсус таъкид мешавад. Бинобар ин, барои ба маҷрои дуруст роҳандозӣ намудани соҳа пойдевори бинои онро мустаҳкам кардан лозим аст. Ин рисолатро муассисаҳои томактабӣ ба дӯш доранд.

Аз таҷрибаи даврони шӯравӣ бармеояд, ки нақши муассисаҳои томактабӣ - боғча – яслӣ ва кӯдакистонҳо дар таълиму тарбияи кӯдакони хурдсол бағоят назаррас мебошад. Мутаассифона, бо сабабҳои маълум дар давраи бенизомиҳо бисёре аз кӯдакистонҳои шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ аз бемасъулиятии роҳбарони алоҳида ба моликияти шахсӣ табдил ёфт. Қисмати боқимонда талаву тороҷ гардида, ба вайрона мубаддал шуд. Ҳарчанд қисмате аз чунин иншооти ғайриқонунӣ хусусигардонидашуда боз ба ихтиёри давлат баргардонида шудаанд, вале ин басанда нест.

Дар ҷараёни муҳокима маълум гардид, ки мутобиқи ҳисоботи оморӣ, дар ҷумҳурӣ кӯдакони синни аз 1 то 6- сола 1 миллиону 97 ҳазору 628 нафарро ташкил медиҳад. Дар ҷумҳурӣ 488 муассисаи томактабӣ ба қайд гирифта шудааст, ки 62 451 нафар атфолро нигоҳубин мекунанд. Беш аз 4789 омӯзгорон дар ин муассисаҳо ба таълиму тарбия машғул мебошанд. Яъне, фарогирии кӯдакон бо кӯдакистон 7 фоизро ташкил медиҳад, ки хеле кам мебошад.

Дар рафти муҳокима ҳамчунин илова ба кӯдакистонҳо, шаклҳои дигари фарогирии атфол ба таълиму тарбия пешниҳод гардиданд, зеро шароити кору зиндагӣ дар шаҳру деҳот як хел нест.

Аз ҷониби иштирокчиён ҳамчунин пешниҳодхое шуданд, ки пеши роҳи фаъолияти кӯдакистонҳои худсарона, бидуни иҷозаи мақомоти маҳаллӣ фаъолияткунанда гирифта, дар Кодекси нави андоз масъалаи аз андозбандӣ озод кардани фаъолияти кӯдакистонҳо таҷдиди назар шавад. Дар муҳокимаи лоиҳаи қонун Г.Ғаниева - узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва С. Шоназаров - мушовири калони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати ҳуқуқӣ, инчунин роҳбарону мутахассисони раёсату шӯъбаҳои маориф ва муассисаҳои томактабии ноҳияҳои шаҳри Душанбе, пажӯҳишгоҳу донишкадаҳо, роҳбарони намояндагии ташкилотҳои байналмилалии ЮНИСЕФ, Барномаи маорифи Фонди Оғохон, ЮСАИД, воситаҳои ахбори оммаи ҷумҳурӣ иштирок намуданд.

Дар рӯҳияи одоби баланди инсонӣ ва илму ҳунаромӯзӣ ба роҳ мондани таълиму тарбияи фарзандон аз ниёгони тамаддунсозамон ба мо мерос мондааст. Аз ин лиҳоз, таҳия ва қабули қонунҳои дархӯри ҷомеа ва муҳимтар аз ҳама пиёдасозиии муваффақонаи онҳо, миллату кишвари моро дар радифи мамлакатҳои пешрафта ҷой медиҳад. Беҳуда шоир нагуфта:

*То фазлу ҳунар ойинапардоз нашуд,*
*З- иқбол даре ба рӯи кас боз нашуд.*

***М. НУРАЛИЕВ, «Садои мардум»***

# ҶОРӢ НАМУДАНИ СТАНДАРТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ КОРХОНАҲО НАФЪИ БЕШТАР ДОРАД

Яке аз роҳҳои мутобиқ намудани маҳсулоти корхонаҳои кишвар, ба талаботи байналмилалӣ ҷорӣ намудани стандартҳои нав дар раванди фаъолият маҳсуб меёбад. Бо ин мақсад 29 феврал дар Вазорати энергетика ва саноати ҷумҳурӣ семинари омӯзишӣ баргузор шуд. Чорабиниро сардори Раёсати рушди илм, техника ва технологияи вазорат Қосимбек Олимбеков оғоз бахшида, истифодаи стандартҳои байналмилалии силсилаи «ИСО»-ро дар раванди истеҳсолот муҳим ва тақозои замон арзёбӣ намуд. Яке аз ҳадафҳои ин чорабинӣ аз пешниҳоди маълумоти муфассал оид ба стандартҳои ҷадиди байналмилалӣ, аз ҷумла силсилаи «ИСО» иборат буд.



Суратгир А. ИСОЕВ

Роҳбари гурӯҳи консалтингии (машваратии) «Камолот-1» Фарзона Тилавова доир ба мавзӯи «Нақши низоми менеҷмент чун омили мусоидаткунандаи рушди соҳибкорӣ» суханронӣ намуда, муҳимият ва бартариҳои онро муфассал шарҳ дод. Аудитори пешбари гурӯҳи мазкур Гулбаҳор Маҳкамова хусусият ва бартариҳои стандарти байналмилалии «ИСО-9001» бозгӯӣ намуда, минҷумла зикр кард, ки истифодаи он дар раванди фаъолият барои корхонаҳои истеҳсолӣ аз ҳар ҷиҳат манфиатовар аст. Намояндагони корхонаҳои истеҳсолӣ, аз ҷумла ҶСШК «Суман», ҶСП «Гулистон», ҶММ «Интермебел», ҶММ «Пойафзоли чармӣ», ҶДММ «Ёқут-2000» ва ғайра доир ба мавзӯи мавриди баррасӣ андешаҳояшонро иброз дошта, ҳамзамон ҳавасмандиашонро ҷиҳати ҷорӣ намудани стандартҳои нави байналмилалӣ таъкид намуданд.

***Далер МЕРГАНОВ, «Садои мардум»***

# ТАНЗИМ ТАҚОЗОИ ЗАМОН АСТ

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки имсол панҷсола мешавад, аз зумраи қонунҳоест, ки дар таҷрибаи қонунгузории дигар давлатҳо ба назар намерасад.

-Мақсади асосии ин қонун ҳимояи ҳуқуқи иҷтимоии мардум, ҷустуҷӯи роҳу воситаҳои паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва гирифтани пеши роҳи харҷу масрафҳои зиёдатӣ мебошад. Дар ин раванд кӯшишҳои ҳамарӯзаи Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон беназир аст. Бо ибтикори Сарвари давлат қабул шудани қонуни мазкур барои ноил шудан ба ҳадафҳои паст намудани сатҳи камбизоатӣ роҳи васеъ кушод ва бешубҳа, таъмини некӯаҳволии ҷомеа ва ҳар яки мо аз иҷрои ин қонун вобаста аст,- гуфт сармутахассис оид ба корҳои дини Ҷамоати деҳоти Далёни болои ноҳияи Ғончӣ Бобо Комилов.

Таҳлили ҳисоботи оморӣ шаҳодат медиҳад, ки қонуни мазкур аллакай то андозае ба баланд шудани сатҳи зиндагонии оилаҳои камбизоату серфарзанд, ҳимояи манофеи иқтисодии мардум, ташаккули эҳсоси масъулияти шаҳрвандон дар мавриди риояи қонунҳои амалкунанда мусоидат кардааст.

Агар ба сарфаи молу мавод дар давоми панҷ соли охир ҳангоми гузаронидани панҷ навъи маъракаҳои асосӣ-тӯйҳои арӯсию домодӣ, хатнасур, маросими дафн, чил ва сол назар андозем, мебинем, ки танзим ба мардуми мо чӣ додааст.

Дар деҳоти Далёни боло соли сипаригардида 152 тӯйи арӯсию домодӣ, 86 хатнасур, 71 маросими дафн, 44 маъракаи чил ва 28 маъракаи сол гузаронида шуд. Ба ҳама маълум аст, ки то қабули ин қонун дар тӯйи хатнасур чӣ қадар маблағ масраф мегардид. Аз ҷумла дар ҳамин деҳот бино ба ҳисоби мутахассисон дар чунин маърака як сар моли калон, тӯйи арӯсӣ ду сар ва дар дигар маъракаҳо як сарӣ моли майда забҳ мегардид. Агар бо нархи бозор як сар моли калон 2500 сомонӣ арзиш дошта бошад, пас аз ин ҳисоб 215000 сомонӣ ва як сар моли майда 500 сомонӣ арзиш дошта бошад, 223 ҳазору 500 сомонӣ, ҷамъ 438 ҳазору 500 сомонӣ маблағ танҳо аз ҳисоби забҳ нашудани чорво сарфа шудааст, - мегӯяд Бобо Комилов.

***Ҳусейни НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»***




## Амалиёт идома дорад

**ДУШАНБЕ. (Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум»)** Бо вуҷуди он ки ҳаво рӯ ба гармӣ овардаву барфҳо об мешаванд, дар кишвар Амалиёти умумиҷумҳуриявии «Ҳифзи ҳайвоноти ваҳшӣ» идома меёбад. Ин тадбир аз ҷониби Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бинобар сабаби серборишӣ ва сард омадани зимистони имсола, бо мақсади таъмини ҳайвоноти ваҳшӣ ва паррандагон бо хӯрока ва беталаф баровардани онҳо аз айёми сардиҳо андешида шудааст. Дар доираи ин чорабинӣ то имрӯз аз тарафи Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангал ва шикор дар ҳудуди хоҷагиҳои ҷангал 12,2 тонна рези гандум, 4,2 тонна ҷав, донаи ангур ва меваи хушк, 3,4 тонна кунҷола, 47,7 тонна хошоки дурушт, аз тарафи Муассисаи давлатии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда дар ҳудудҳои мамнӯъгоҳҳо, парваришгоҳҳо ва паркҳои табиӣ 15,2 тонна рези гандум, 7,5 тонна ҷав ва дигар донагиҳо, 10 тонна намак, 51,2 тонна хошоки дурушт ва аз тарафи раёсат, шӯъба ва бахшҳои ҳифзи муҳити зисти вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо бо дастгирии аҳолӣ 10,9 тонна зироатҳои ғалладонагӣ, 1,6 тонна кунҷола ва 0,9 тонна хошоки дурушт дар мавзеъҳои сукунати ҳайвоноти ваҳшӣ ва паррандагон ҷойгир намуданд.

Амалиёти умумиҷумҳуриявии «Ҳифзи ҳайвоноти ваҳшӣ» то 13 март идома меёбад.

## Форуми миллӣ баргузор гардид

**ДУШАНБЕ. (Ф. ҲАБИБУЛЛОЕВА, «Садои мардум»)** Дар пойтахти ҷумҳурӣ бо дастгирии Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳодияи миллии машваратии соҳаи кишоварзӣ -«АгроДониш» Форуми миллӣ оид ба масъалаҳои машваратии кишоварзӣ баргузор гардид. Ба кори форум намояндаи Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон Нарзулло Дадобоев ҳусни оғоз бахшид. Сипас, намояндаи Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон Борис Филлипов оид ба рушди ҳамкориҳои дуҷониба, рушди маълумотдиҳӣ дар соҳаи кишоварзӣ маърӯза кард. Иштирокчиёни форум барои дар оянда таъсис додани нуқтаҳои маълумотдиҳӣ дар маҳалҳо, махсусан дар назди ҷамоатҳои деҳот пешниҳодҳои муфид намуданд. Дар ҷамъбасти форум барои боз ҳам ҷоннок гардонидани ҳамкориҳо миёни ташкилотҳои байналмилалӣ оид ба дастгирӣ ва инкишофи фаъолияти Иттиҳодияи миллии машваратии соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ тавсияҳо қабул шуд.

## Ярмарка- фурӯши ниҳолҳо

**ҚӮРҒОНТЕППА. (Д. СУЛТОНОВ, «Садои мардум»)** Дар бозори «Ҳоҷӣ Шариф»-и шаҳри Қӯрғонтеппа ярмарка- фурӯши ниҳол ва тухмии зироатҳо баргузор гардид.

Дар он хоҷагиҳои ниҳолпарварии шаҳру ноҳияҳои минтақаи Қӯрғонтеппа, ҳамчунин ноҳияи Восеъи минтақаи Кӯлоб иштирок намуданд. Тавре муовини аввали сардори Идораи кишоварзии вилоят Тоҷиддин Содиқов иброз дошт, дар ярмарка беш аз 150 ҳазор адад ниҳоли мевадиҳандаю сояафкан пешкаши аҳолӣ гардонида шуд. Ниҳолу тухмиҳои ба фурӯш пешниҳодгардида дорои сертификати сифат буданд.

Чунин тадбирҳо мусоидат менамоянд, ки дар вилоят ҳамасола бунёди боғҳо зиёд гардад.

## Саноат рушд мекунад

**КӮЛОБ. (М. НУРАЛИЕВ, «Садои мардум»)** Дар шаҳри Кӯлоб бо иқдоми ватанпарваронаи роҳбарияти ҶСШК «Комбинати шири Кӯлоб» чор сехи нави истеҳсоли маҳсулоти ниёзи аввал ба кор шурӯъ кард, ки ба боло рафтани ҳаҷми маҳсулот ва даромади софи корхона мусоидат хоҳад намуд. Сехҳои мазкур иқтидори дар як шабонарӯз истеҳсол намудани аз 500 то 700 қуттӣ маҳсулоти шириро дорад, ки ин имконият медиҳад сокинони ноҳияҳои Фархор, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Восеъ ва Данғараро низ бо маҳсулоти ғизоии хушсифат таъмин намоянд.

Роҳбарону мутахассисони комбинат чун армуғони наврӯзӣ ният доранд, ки боз сехҳои ҳасиббарорӣ ва яхмосро ташкил намуда, зиёда аз 30 нафар сокинони шаҳрро бо кори доимӣ фаро гиранд.

## Парвариши қулфинай дар гармхона

**БОХТАР. (Д. СУЛТОНОВ, «Садои мардум»)** Саҳмдорони хоҷагии деҳқонии «Беҳбудӣ»- и ноҳияи Бохтар ба иқдоме даст задаанд, ки дар ҷумҳурӣ бемисл аст. Онҳо дар шароити гармхона парвариши зироати барои инсон зарурии қулфинайро ба роҳ монданианд. Бо ин мақсад дар заминҳои хоҷагӣ аз рӯйи нақшаи махсус бунёди гармхонаи калонҳаҷм бомуваффақият идома дорад.

Тавре сардори хоҷагии мазкур Раҳматулло Саъдуллоев иттилоъ дод, парвариши қулфинай дар шароити гармхонаи калонҳаҷм бори аввал дар ҷумҳурӣ ба роҳ монда мешавад. Чунин таҷриба имкон медиҳад, ки қулфинай як моҳ барвақттар аз мӯҳлати муқаррарӣ пешкаши аҳолӣ гардонида шавад.

Дар хоҷагӣ бунёди гармхонаи дуввум барои парвариши лимӯ низ ба нақша гирифта шудааст.

## Семинар – машварат доир гардид

**НОРАК. (Ҳ. МИРЗОЕВ)** Дар шаҳри Норак бо иштироки муовини вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷ. Саидова ва намояндагони шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон семинар - машварат оид ба фаъолияти гармхонаҳои доимоамалкунанда баргузор гардид.

Ҷамъомадро муовини якуми раиси вилояти Хатлон Абдураҳмон Қодирӣ кушода зикр намуд, ки дар вилоят аз ҳама калонтарин гармхона- гармхонаи НБО-и Норак маҳсуб меёбад. Гармхонаи мазкур соли 1981 ба истифода дода шуда, то соли 1991 бо иқтидори пурааш кор кардааст. Айни ҳол аз масоҳати умумии 12 гектар шаш гектари он мавриди истифода қарор гирифтааст.

## Навхонадоронро оиладорӣ меомӯзанд

**ВОСЕЪ. (Т. ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»)** Бо ташаббуси Шӯъбаи сабти асноди ҳолати шаҳрвандии вилояти Хатлон вобаста ба ташаккули маърифати ҳуқуқии навхонадорон дар мавзӯи «Ташкили оила ва фарҳанги оиладорӣ» семинари назариявӣ - амалӣ доир гардид.

Дар семинар намояндагони ҷамоатҳои деҳот, ташкилоту муассисаҳо иштирок намуда, дар бахши назариявӣ ва амалии семинар мубодилаи афкор намуданд.

- Омӯзиши донишу маълумоти навхонадорон ва волидайни ҷавонон, интихоби сару либос барои худ ва фарзанд, намоиши либосҳои миллӣ ва муосири арӯсию домодӣ, парпечи тифлони навзод ва тарзи гаҳворабандӣ хеле хуб сурат гирифт, ки доварон ба онҳо баҳои қаноатбахш доданд,- гуфт дар сӯҳбат сармутахассиси Шӯъбаи сабти асноди ҳолати шаҳрвандии вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб Гулчаҳон Болтаева.

## Шароит беҳтар комёбиҳо бештар шудааст

**ҶАББОР РАСУЛОВ (М. АБДУЛЛО, «Садои мардум»)** Варзишгарони ноҳия солҳои охир ба дастовардҳои шоиста сазовор гашта истодаанд. Тайи солҳои 2007-2011 дар ноҳия ду нафар устоди варзиши дараҷаи байналмилалӣ, ҳафт нафар устоди варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон, 19 нафар номзад ба устоди варзиш ва 25 нафар соҳиби дараҷаи якуми варзишӣ тайёр карда шудааст, ки ин муваффақияти назаррас мебошад. Устоди шинохтаи варзиш, муассиси клуби варзишии «Ланглиф»-и ноҳия Усто Устопиров комёбиҳои варзишгаронро дар беҳтар шудани шароити варзишӣ, бунёди толорҳои нав арзёбӣ менамояд.

***Масъули гӯша Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум». Бо мо дар тамос бошед. Телефон: 238-58-91***

● Дар мавзӯи рӯз

# НОБОЛИҒОНРО ТАРБИЯИ ДУРУСТ МЕБОЯД



***Мувофиқи Карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сохтори дастгоҳи марказии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Хадамоти пешгирии ҳуқуқвайронкунии байни ноболигон ва ҷавонон таъсис дода шуд. Хабарнигорамон бо сардори хадамоти мазкур полковники милитсия Кудратулло Азимов доир ба вазифаи ин сохтор ҷиҳати ошкору пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкунии ноболигон ва ҷавонон, сабабу омилҳои чунин амалҳои ношоистаи онҳо сӯҳбате доир намуд.***

**-Қудратулло Шайдуллоевич, хадамоти мазкур дар иҷрои вазифаҳои худ кадом талаботи меъёрии ҳуқуқиро ба роҳбарӣ мегирад?**

-Мутобиқи низомнома Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдаки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми муайяни фаъолияти мақомоти марбутаро дар хусуси пешгирии ҳуқуқвайронкунии байни ноболиғон ва ҷавонон дар бар мегирад. Ба ин масъала як қатор сохторҳои давлатӣ дар асоси қонунҳои амалкунандаи соҳавӣ муваззаф шудаанд.

Аз ҷумла тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор шудааст, ки дар ин самт фаъолият барад.

Қаблан дар таркиби Раёсати кофтукови ҷиноятии Вазорати корҳои дохилӣ шӯъба оид ба мубориза бар зидди ҷиноятҳои вазнини байни ноболиғон ва ҷавонон ташкил ёфта буд. Бо таъсис додани Хадамоти пешгирии ҳуқуқвайронкунии байни ноболиғон ва ҷавонони Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон доираи вазифа, ваколату масъулияти он васеъ гардид. Хадамот мутобиқи Низомнома якҷоя ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ баҳри пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғону ҷавонон кор мебарад. Бо ин гурӯҳи наврасон корбарӣ аз рӯйи ду намуд- пешгирии умумӣ ва инфиродӣ сурат мегирад. Вобаста бо татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» хадамот мутобиқи нақша- чорабиниҳо дар муассисаҳои таълимӣ, маҳали зист, ташкилоту идораҳо сӯҳбату вохӯриҳо доир менамояд.

Баргузории ин ва дигар чорабиниҳо муҳим ва зарурӣ ҳисоб меёбанд. Зеро вазъи ҷиноӣ аз ҷониби ноболиғону ҷавонон нигаронкунанда аст. Соли 2011 аз ҷониби онҳо 545 ҳолати содир намудани ҷиноят ба қайд гирифта шудааст, ки нисбати соли 2010-ум 15 адад бештар аст.

Аз ҷониби онҳо ҷинояти расонидани зарари вазнин ба саломатӣ панҷ адад, таҷовуз ба номус се, қаллобӣ шаш, авбошӣ 31, роҳзанӣ се адад содир шудааст.

Аз ҳама зиёд онҳо ба дуздӣ даст мезананд. Содиршавии ин намуди ҷиноят аз ҷониби онҳо 392 ададро ташкил медиҳад.

**-Сабаб ва омилҳои ҳуқуқвайронкунии ноболиғон ва ҷавононро дар чӣ мебинед?**

-Содир шудани амалҳои номатлуб аз ҷониби ноболиғон ва ҷавонон сабабҳои гуногун дорад ва онҳоро аз муҳити оила сар карда, то ба таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ ва муносибати аҳли ҷомеа алоқаманд кардан мумкин аст.

Ҳанӯз ҳам ҳамкориҳо миёни мақомоти дахлдор ва ҷомеа, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳои таълимӣ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст. Бурдани корҳои таблиғотию тарбиявӣ дар миёни наврасону ҷавонон низ чандон назаррас нест.

Вобаста ба муҳити оила низ чандин омил ва сабабҳоро муқаррар намудан зарур аст. Зеро он муҳит яксон нест. Агар дар як оила волидайн ба фарзандони худ назорат набаранд, дар дигар оила ноболиғон умуман аз падар ё модари худ маҳрум гардидаанд. Хешовандону наздикон ба тарбияи онҳо чандон эътибор намедиҳанд ва дар ниҳоят бесаробон мемонанд. Ин сабаб мешавад, ки ноболиғ ба роҳи бад қадам гузорад.

Дар оилаи носолим, вақте ки падару модар ё яке аз онҳо майпарасту нашъаманд бошад, чӣ тавр фарзанд тарбияи дуруст гирад? Ҳолатҳоеро ҳам вохӯрдаем, ки падару модар барои арақнӯшӣ маблағ пайдо намудан фарзанди худро ба гадойӣ маҷбур сохтааст. Фарзанд аз чунин муҳит чӣ ибрат мегирад? Баръакс, ин ҷо эҳсос мегардад, ки падару модар худ ниёз ба назорату тарбия доранд. Дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доштани падару модар ҳам сабаби аз тарбия дур мондани фарзандон мегардад.

Мушоҳидаҳо собит сохтанд, ки зиёд гаштани марказҳои компютерӣ ва кафеинтернетҳо дар наздикии муассисаҳои таълимӣ ба мӯътадил фаъолият намудани онҳо халали ҷиддӣ ворид менамоянд. Хонандагони сустирода ва гумроҳ аз дарсҳо гурехта, ба ҷойҳои ба иборае «дилхушӣ» мераванд. Қисми дигари наврасону ҷавонон аз хона баромада, роҳи чунин марказҳоро пеш мегиранд. Рейдҳои шабонарӯзии мо чунин ҳолатҳоро ошкор намуд ва дар натиҷа барои вайрон кардани реҷаи корӣ, саркашӣ аз пардохти андоз ва дигар камбудиҳо фаъолияти чанде аз чунин марказҳо қатъ гардонда шуд.

Маълум мешавад, ки баъзе аз падару модарон, масъулони муассисаҳои таълимӣ нисбати фарзандон ва толибилмони худ беназоратӣ зоҳир менамоянд.

Майли зиёд доштани ноболиғону ҷавонон, ки аксаран хонандагони мактабҳои таҳсилоти миёнаанд, ба тамошои филмҳои фаҳшу зӯроварӣ, қатлу ғорат нигаронкунанда аст. Ҳангоми рейдҳо дар телефонҳои мобилии хонандагон (қонун бо телефони мобилӣ ба машғулиятҳо омаданро манъ кардааст) сабти наворҳоеро ошкор намудем, ки дур аз одобу ахлоқ мебошанд. Наврасон дар синну соле қарор доранд, ки бештар пайравӣ ва тақлид карданро дӯст медоранд. Тафаккури онҳо тавонеро надорад, ки дидаю шунидаашро таҳлил намояд, баҳо диҳад. Дидаву шунидаашро ҳамон тавре ки ҳаст қабул менамояд ва мехоҳад худро дар симои чунин «қаҳрамонон»-и филмҳо бинад.

Дар рафти тафтишот чанде аз наврасону ҷавонон иқрор шуданд, ки ҷиноятро зери таъсири тамошои чунин филмҳо содир намудаанд. Боиси ҳайрат аст, ки баъзе наврасон ва ҷавонон аз амалҳои ҷиноятии худ изҳори пушаймонӣ намекунанд ва оқибатҳои онро ҳам фаҳмидан намехоҳанд.

Албатта, бо падару модари ин гурӯҳи ҷавонони даст баҷиноятзада сӯҳбат доштем. Аксари онҳо дар ҷавоб мегӯянд, ки фарзандонашон онҳоро гӯш намекунанд, худсар гаштаанд. Бале, акнун дер шудааст, ба тарбияи фарзанд аз кӯдакии ӯ бояд оғоз намуд. Кӯдак, ки калон шуд, тарбияаш душвор мешавад ва табиист, ки дигар суханону насиҳати волидайн ба ӯ таъсир надорад.

Омили дигари ҳуқуқвайронкунии ноболиғон ва ҷавонон баъзан бетафовутии аҳли ҷомеа мебошад. Зеро дар тарбияи насли наврас баробари оила ва мактаб ҷомеа низ метавонад таъсири мусбӣ расонад.

Баъзе амалҳои авбошӣ, рафторҳои дигари ношоями ноболиғону ҷавонон дар маҳали истиқоматӣ, ҷойҳои ҷамъиятӣ содир мешаванд. Масалан, як гурӯҳ наврасону ҷавонон, ки хонандагони мактаби № 67 –и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе мебошанд, 22 январи соли ҷорӣ дар маҳаллаи 33-юм аз ҳиссиёти авбошӣ ду нафарро бо корд зада, захмдор карданд. Ҳоло аз рӯйи ин ҳодиса парвандаи ҷиноятӣ оғоз шуда, тафтишот идома дорад. Боварии кас намеояд, ки аз оғози ин муноқиша омӯзгорони мактаб, падару модар, сокинони маҳала бехабар бошанд.

**-Оё мақомоти корҳои дохилӣ воситаю имкони пешгирии чунин амалҳои ҷиноййӣ миёни ноболиғону ҷавононро надорад?**

-Пешгирии ҳама гуна амалҳои ҷиноятӣ, аз ҷумла вайрон кардани тартиботи ҷамъиятӣ вазифаи мақомоти корҳои дохилӣ мебошад. Бо истифода аз воситаю имконот бисёр ҳодисаҳои қонунвайронкунӣ, амалҳои ҷиноятӣ ошкору пешгирӣ шуданд.

Соли гузашта аз ҷониби кормандони милитсия 35 ҳолати сар задани ҳуқуқвайронкунии ноболиғону ҷавонон муайян ва пешгирӣ гардид. Асосан ин корҳои пешгирӣ дар муассисаҳои таълимӣ ба ҷо оварда шуд. Аз рӯйи мушоҳидаҳо ба хулоса омадем, ки ихтилоф миёни хонандагон давоми як ё ду моҳи ба охир расидани соли таҳсил сар мезанад. Ин имкон дод, ки пеши роҳи ҳодисаҳои нохуш гирифта, минбаъд дар ин самт назорат пурзӯр карда шавад.

**- Оё ҳодисаҳое ба қайд гирифта шудаанд, ки нисбати худи ноболиғону ҷавонон ҷиноят содир шуда бошад?**

-Саволи муносиб. Ҳолатҳои зиёде дар мавриди ба ноболиғону ҷавонон расондани зарари миёна ва вазнин ба саломатӣ, дуздии ашё (дуздӣ ё зада гирифтани телефону пули онҳо) ба қайд гирифта шудаанд. Соли гузашта нӯҳ нафар ноболиғ кушта шудааст.

Ҷинояткорон дар амалҳои зишти худ аз ноболиғон истифода мебаранд. Чунончӣ, порсол шаш ҳолати ҷалби ноболиғон ба содир намудани ҷиноят ба қайд гирифта шуд. Аксари онҳо бо супориши калонсолон дар амалҳои дуздӣ истифода шудаанд. Ин чунин маънӣ дорад, ки оянда ин пешаи доимии ноболиғон мегардад.

Ба кӯчаю бозор ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ бе назорати калонсолон фиристодани ноболиғон боиси сар задани ҳодисаҳои нохуш мегардад. Онҳо бо роҳи фиреб ба дасти қаллобон, занони фоҳиша меафтанд, ки баъдан ҳамчун манбаи даромад истифода мегарданд.

Ҳолатҳое, ки духтароне ноболиғ ба дасти чунин гурӯҳи бадахлоқону ҷиноятпеша афтидаанд, хеле зиёданд.

Аз беназоратии волидайн соли гузашта аз ҷумлаи наврасони то 7 сола -28 нафар ва аз 7 то 16 сола -24 нафар дар садамаи нақлиётӣ ба ҳалокат расида, 234 нафарашон ҷароҳатҳои гуногуни ҷисмонӣ бардоштанд.

Бояд гуфт, ки соли 2011 дар натиҷаи аз тарафи мақомоти корҳои дохилӣ андешидани корҳои фаврӣ-ҷустуҷӯйӣ аз 263 нафар ноболиғони беному нишон гумшуда 242 нафарашон ёфт шуд, вале 21 нафари дигар ҳанӯз ҳам дар кофтуков мебошанд.

Баъзе падару модароне низ ҳастанд, ки ҳуқуқҳои фарзандони худро поймол намуда, бо ҳар баҳона ба гирифтани маълумоти умумии ҳатмии эшон монеъ мешаванд. Соли гузашта нисбати 47 нафар чунин волидайн парвандаи ҷиноятӣ оғоз шуда, ба суд ирсол гардид.

**-Ҳолатҳои ҳуқуқвайронкунӣ аз ҷониби фарзандони оилаҳои солим, аз ҷиҳати моддӣ таъмин ба мушоҳида мерасанд?**

-Фарзандони чунин оилаҳо ба дуздӣ даст намезананд. Зеро кисаашон пур аст. Бештари онҳо аз ҳиссиёти авбошӣ амалҳои номатлуб содир мекунанд. Зеро медонанд, ки пушту паноҳ, дастгир доранд. Ин қабил бештар ба дилхушӣ майл доранд ва дониставу надониста гоҳҳо аз доираи меъёри одобу ахлоқ мебароянд. Бо чунин оилаҳо низ мо кор мебарем.

Дар охир бояд зикр кард, ки мо бо гурӯҳи нафароне сарукор дорем, ки сатҳи зиндагӣ, маълумот, рафтору одоби гуногун доранд. Ба роҳи неки зиндагӣ ҳидоят намудани онҳо басо мушкил аст. Дар ин самт дар ҳамбастагӣ бо дигар мақомот, аҳли ҷомеа ба пешравиҳои зиёде ноил гаштан мумкин аст, танҳо бетараф будан лозим нест.

***Аъзам МӮСОЕВ, «Садои мардум»***

● Ба истиқболи 100 – солагии матбуоти тоҷик

# САРОҒОЗИ МАТБУОТИ ТОҶИК

Аз қарни понздаҳуми мелодӣ дар Аврупо нигоҳи ҷадиде ба ҷаҳон ва зиндагии инсон ба вуҷуд омад, ки бо суръат густаришу тавсеа ёфт. Ин ҳаракати ҷадиди фикрӣ дар марзҳои ҷуғрофии Аврупо боқӣ намонд, балки ба андешаи миллатҳои дигар низ роҳ ёфт. Дар охири садаи Х1Х дар Бухоро андешаҳои нав зуҳур кард, ки ба унвони маорифпарвариву мунавварфикрӣ ёд мешавад.

Аллома Аҳмади Дониш бо ошноӣ бо як кишвари нисбатан мутараққии дунё-Россия олами наверо кашф кард ва ба хулоса омад, ки низоми нави ҷаҳон боиси тараққиву тамаддуни аҳли Фаранг гардидааст. Пайравону шогирдони ӯ дар охири садаи Х1Х ва оғози садаи ХХ ба туфайли сафарҳои зиёдашон ва ошноӣ бо мамолики Шарқу Ғарб ба натиҷа расиданд, ки мардуми бедору ҳушёр рӯ ба тараққӣ оварда, аҳли Бухоро дар хоби ғафлатанд.

Аз ҷониби дигар, таъсиси рӯзномаҳои форсӣ дар садаи Х1Х дар сарзаминҳои Ҳиндустону Эрон, Туркияву Афғонистон, Мисру Инглистон ва ба рағми ҳамаи монеаҳо нашрияҳои форсии охири садаи Х1Х-оғози садаи ХХ «Ахтар», «Қонун», «Ҳаббулматин», «Парвариш», «Чеҳранамо», ҷаридаву маҷаллаҳои туркиву тоторӣ ва озарбойҷонии «Сирот-ул-Мустақим», «Тарҷумон», «Мулло Насриддин» ва монанд ба ин дастраси мунавварфикрон ва ислоҳталабони Осиёи Миёна мегардид, ки аз байни одамони оддӣ низ касони назаркунанда ба матбуот пайдо шудан гирифтанд.

Таҳаввулоту дигаргуниҳо, ҷунбишу инқилобҳои пайи ҳам дар оғози садаи ХХ ва ошноии мунавварфикрону тараққихоҳони тоҷик бо адабиёту матбуоти ҳамзабонону халқҳои дигар дар амри бедорӣ ва ташаккули таҷаддудхоҳӣ, пайванди ҷунбиши ислоҳталабонаи ҷадиди Бухоро бо амвоҷи наҳзати машрута ва озодихоҳии кишварҳои дигар нақши муҳим бозид.

Равшанфикрону тараққихоҳони Бухоро, бо вуҷуди маҳдудияти фаъолияташон ва таъқиби ошкору ниҳон аз ҷониби ҳукуматдорон, бо ҳар роҳу восита мекӯшиданд, ки камбуду норасоиҳои ҷомеаро рафъ сохта, мардуми Бухороро ба сӯйи тараққию тамаддун ҳидоят намоянд. Мактаби ҷадиди Абдулвоҳиди Мунзим, ки ҳамроҳ бо шарикдарсонаш Садриддин Айнӣ, Ҳамидхоҷаи Меҳрӣ ва Аҳмадҷони Ҳамдӣ таъсис дода буд, дар муддати кӯтоҳ байни мардум эътибору нуфузи зиёд пайдо карда, боиси эҷоди муборизаи ошкори навгароёну муҳофизакорон гардид.

Мирзосироҷи Ҳакими огоҳ аз вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии Бухоро, баъди сафарҳои тӯлонӣ ба мамолики Шарқу Ғарб барои ҳамватононаш «Туҳафи аҳли Бухоро»-ро пешкаш намуд ва он ҳама таҷрибаву сабақҳое, ки ҳини сафару саёҳати худ омӯхтааст, чунин ба риштаи назм кашидааст:

*Он чӣ дар аснои сафар дида шуд,*
*Бе каму нуқсон ҳама вочида шуд.*

Адиби навандеш ҳама мулкгирӣ ва футуҳоти пай дар пайи дували Фарангро дар саёҳати мардумони боилми онҳо дарёфта, кашфи Америкоро аввал дар баракати илм, баъд аз ҳиммати саёҳат донистааст.

Ҳамин баракати илм ва ҳиммати саёҳат буд, ки баъди бозгашт аз сафар Мирзосироҷи Ҳаким ҳамроҳ бо тараққихоҳи дигар Мирзомуҳиддини Мансур – тоҷири машҳури Бухоро, аз пайи таъсиси рӯзномаи тоҷикӣ шуд.

Бино ба иттилои устод Айнӣ, онҳо «аввал мудири матбааи Когон Левини яҳудиро дида, ба вай аз нашри рӯзнома ваъдаи манфиати зиёде нишон дода, ӯро ба майдон андохтанд.

Левин ба умеди фоида ба майдон баромада, дар ин бора ба элчихона муроҷиат кард. Мирзомуҳиддин ҳам, ки бо корҳои тиҷораташ бо элчихона рафтуой дошт, тарафи рухсат додан ба рӯзномаро гирифт ва барои ба идораҳои рус шиносондани мардуми Бухоро, барои ривоҷи пахтакорӣ лозим будани рӯзномаро фаҳмонда, барои итминони хотири элчихона Ҳайдархоҷа Мирбадаловро, ки дар он ҷо хидмати мутарҷимиро ба ҷо меовард, ба мудирии рӯзнома тавсия кард. Сафоратхона ба шарти дар дасти худаш будани ҳаққи сензорӣ аз ҳукумати Бухоро барои нашри рӯзнома ба номи Левин ва Ҳайдархоҷа имтиёз ва иҷозат гирифта дод» .




Равшанфикрону тараққихоҳони Бухоро барои муҳаррирӣ аз Боку Мирзоҷалол Юсуфзодаро даъват карданд, ки дар кори табъу нашр таҷрибаи кофӣ ва бо рӯзномаю маҷаллаҳои Қафқоз, Эрону Туркия ва Ироқ ҳамкории доимӣ дошт. Дар маҷаллаи номдори Озорбойҷон «Мулло Насриддин», ки дар Тифлис чоп мешуду дар Бухоро ҳам ихлосмандону ҳаводорони зиёде дошт ва дар мактаби эҷодии ду тан аз адибони маъруфи Озарбойҷон Мирзоҷалил Маҳмадқулизода ва Алиакбари Собир, ки бунёдгузор ва сардабири моҳвораи мазкур буданд, чун адибу рӯзноманигори варзида ба камол расидааст. Ӯ забони форсиро хуб медонист ва аз осори адибони форсизабон баҳраи зиёде бардошта буд, ки маҳз ба шарофати Мирзоҷалол нахустрӯзномаи тоҷикии «Бухорои Шариф» на танҳо дар қаламрави аморату байни мардуми Осиёи Миёна, балки Эрону Афғонистон, Россияву Ҳиндустон ва Қафқозу Туркия ва дигар мамолики мусулмонӣ муштариву хонанда пайдо кард.

Рӯзнома дар чаҳор моҳи аввал ҳафтае шаш маротиба, баъди таъсиси рӯзномаи «Тӯрон» ба забони ӯзбекӣ ҳафтае чаҳор бор чоп мешуд.

Азбаски масрафи чоп бештар гардида, фоида камтар, Левин баъди нашри чанд шумора аз соҳибимтиёзии рӯзнома даст кашид ва ҷавонбухороиён бо ҷамъоварии маблағ барои идомаи нашри рӯзнома ширкати «Бухорои Шариф» -ро соҳибимтиёзи рӯзнома эълон карданд ва дар шумораҳои охири худ хабар доданд, ки ба баракати «кӯмаки тараққихоҳон ва арбоби ҳиммат ва ҳамияти Бухоро» мушкилоти молии рӯзнома рафъ ва имкони идомаи нашраш фароҳам гардидааст.

Мирзоҷалол дар шумораи нахустини «Бухорои Шариф» эълом дошт, ки «саҳифоти рӯзномаи мо ба ҷиҳати таҳрироти илмия ва адабия ва фанния ва билумуман мақолоти нофия боз аст. Мақолоти муғойир ба маслаки тараққихоҳона дарҷ нахоҳад гардид» ва ин нукта басо муҳим аст дар мушаххасоти мақсаду маром ва ғояву омоли рӯзнома.

Барои хотирҷамъии ҳукуматдорони Бухоро ва сафоратхонаи рус дар ҳамин шумора таъкид шудааст, ки «мизони мундариҷот мутобиқати Қуръони шариф ва зарурати ислом хоҳад буд. Рӯзномаи мо аз ёрморкаҳо, мисли Нижниновғуруд ва ғайра маълумот дода, аз моли алтиҷораи дохил ва хориҷ ва маҳсулоти Бухорои Шариф ва атрофу тавобеи он, мисли пунба, пашм, пӯсти қароқӯл, қимати мизони нон, гӯшт, абрешим, чой ва ғайра иттилоот хоҳад дод.

Мақсаду маслаки «Бухорои Шариф» битараққӣ буда, эҳтиёҷот ва лавозими аҳолии Бухоро ва умуми исломро шарҳ хоҳад намуд: дар интишор намудан ва ҳусни иҷтимоъ соӣ хоҳад буд.

Мундариҷоти умумия: телеғрофоти аҷенти Петербурғ, мақомоти илмия, ҳикоёти таърих, мустахбироти Истомбул, Мадинаи мунаввара, Миср, Теҳрон, Табрез, Рашт, Тошканд, Марғелон, Андиҷон, Хуҷанд, Самарқанд, тарҷумаи аҳволи ашхоси машҳурин».

Дар нахустшумораи рӯзнома омада, ки «то ба ҳол дар Бухорои Шариф ба нашри рӯзнома мутавассил нашудаанд» ва «иллати аслӣ ва сабаби адами рӯзнома дар чунин нуқта ва маркази муҳим он будааст, ки аз ҷиҳати амри моддӣ касе ҷилав нафтода, то матбаа ва лавозимро муҳайё намояд. Чун алҳол матбаа ҳозир аст, шурӯъ ба таъсис ва нашри ҳамин варақпора мекунем».

**Нахустрӯзномаи тоҷикии «Бухорои Шариф» равзанае буд, ки дар тирашабҳои Бухорои даврони манғития ба сари мардум нури маърифат мепошид.**

Баъдтар навишта, ки ҳарчанд «аморати Бухоро дорои се миллион нуфус аст, то акнун аҳолии Туркистон ва Мовароуннаҳр як рӯзнома ба забони миллӣ ва исломии худ надоштанд. Ҳоло аз ғайрат ва ҳиммати миллатписандонаи чанд нафар маорифпарвар ва тараққихоҳони Бухорои шариф ин рӯзномаи мусаммо ба «Бухорои Шариф» ба забони форсӣ, ки забони расмии Бухоро ҳаст, таъсис шуда ва аз адам ба вуҷуд омада ва ба табъу нашри он иқдом намуда шуд. Ҳоло барои 9-10 миллион нуфуси исломии Туркистон ва Мовароуннаҳр ҳамин як рӯзнома аст ва фақат».

Аммо устод Айнӣ иллати дер ба майдон омадани рӯзномаи тоҷикиро ба тариқи дигар шарҳу эзоҳ додаанд, ки «ҷавонони Бухоро кайҳо боз дар фикри нашри рӯзномае буданд, лекин чораи инро намеёфтанд. Зеро ҳукумати Бухоро, ки ба ягон кори оддии маданӣ роҳ намедод, ба нашри рӯзномае, ки дар пеши назараш чун муфаттише шуданаш мумкин буд, чӣ гуна роҳ дода метавонист.

Элчихонаи ҳукумати рус ба нашри як рӯзномаи озодфикр рухсат додан он тараф истад, ба ин кор аз ҳукумати амир ҳам бештар монеъ мешуд».

Матолиби шумораи аввали нахустрӯзномаи тоҷикии «Бухорои шариф» аз он далолат медиҳад, ки бо таъсиси он бунёдгузорону муассисон ду ҳадаф доштаанд: иттило ва манфиати молӣ. Барои интишори эълону реклом ва хабарҳои тиҷоратӣ дар саҳифаҳои сеюму чаҳорум муассису идораи рӯзнома 20 тин ва дар саҳифаи аввалу дуюм 30 тин муқаррар намуда буд, ки иқтисоди бозорӣ чунин муносибатро тақозо мекунад. Қисми зиёди расонаҳои хабарии кишварҳои ҷаҳон фаъолияти худро аз ҳамин ҳисоб ба роҳ мондаанд, ки дар даврони шӯравӣ ва солҳои аввали соҳибистиқлолии кишварамон чунин тарзи фаъолият мамнӯъ буд. Бо гузашти солҳо, расонаҳои хабарии Тоҷикистон боз ба ин тарзу усул баргаштанд, ки имрӯз аз ин ҳисоб бархе аз расонаҳои хабарии кишвар маблағи муайяне ба даст меоваранд ва он ҳам ҳамон идомаи анъанаи нахустрӯзномаҳои мост.

Мирзоҷалол Юсуфзода, чун сармуҳаррири рӯзнома, дар инъикоси масоили муҳими аморати Бухоро ва ҷаҳон аз жанрҳои гуногун истифода мебурд. Хабар дар рӯзномаи «Бухорои шариф» ҷойгоҳи вижа дошт, ки зери унвони ахбори дохила, хориҷа, маҳаллӣ, тиҷоратӣ, санъатӣ ва телегрофотӣ ба табъ расидааст.

Мирзоҷалол на танҳо хонандагонро аз воқеаю рӯйдоди дохилу олам хабардор мекард, балки барои чидани дурри маънӣ дари хазинаи маърифатро боз менамуд, то ки худро шиносанд ва ҳам ба ҳаводиси олам бо чашми ибрат нигаранд. Дар мақолаи «Чӣ бояд кард?» ин маънӣ хеле хуб тавзеҳу эзоҳ ёфтааст: «Ҳар кӣ нигоҳ ба унвони мо фармояд, хоҳад гуфт дар чӣ хусус шумо мегӯед, чӣ бояд кард? Арз мекунем: дар ҳама ҳолат чӣ бояд кард?» ва ба гузаштаи миллати кӯҳантаърихи ориёӣ рӯ оварда, аз бузургоне чун Фирдавсӣ, Имом Ғаззолӣ, Фахриддини Розӣ, Имом Бухорӣ ва Саъдиву Ҳофиз ёдовар мешавад, ки ба туфайли файзу баракати таълиму дониш, ашъору сайри маънии гуфтори онҳо замоне мардуми форсигӯй «ноз ба саканаи Фирдавс» менамудем.

Мирзоҷалол, чун аксарияти маорифпарварон, ислоҳи норасоиҳоро дар талаби илм мебинад ва дар зиёда аз дусад номгӯй силсиламақолаҳояш дар рӯзнома ба суолҳое ҷавоб гуфта, таваҷҷуҳи хонандагонро ба масъалаҳое ҷалб намуд, ки ба маснади тараққихоҳон, дармонбахши дардҳо, ифшогари розу ниёзҳо, донандаи таъриху ҷуғрофия, сиёсати давлатҳо ва ёри мушфиқ будани рӯзнома эътимод ҳосил шуд.

Таҳқиқи амиқи масъалаҳои муҳими давру замон аз мақола ба мақола ва ифшои моҳиронаи гиреҳҳои печида аз маърифати баланду ҷаҳонбинии фарохи муаллиф гувоҳӣ медиҳад. Таҳлили амиқи мушкилоту муаммои рӯзгор дар вазъияти мураккабу печидаи аморати Бухоро дар оғози садаи бистум ғайрату ҷасоратро талаб мекард, ки гӯшзадии муаммо кифоя набуд. Ҷустуҷӯ ва пешниҳоди роҳҳои ҳалли онҳо аз ҷониби Мирзоҷалол, Мирзосироҷи Ҳаким, Абдурраufи Фитрат, Садри Зиё, Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ, устод Айнӣ, Сайидризо Ализода, Абдулвоҳиди Мунзим, Абдулқодир Муҳиддинов, Мирхон Порсозода барин даҳҳо равшанфикрону ислоҳотхоҳони тоҷик гувоҳи густариши нуфузу эътибори ҷараёни ҷадидия дар ҷомеаи тоҷикон мебошад.

Дар рӯзнома дар бораи пайдоиши забони форсии тоҷикӣ, посдорӣ ва рушди он ва тадриси дастури забон матолиби зиёде, аз қабили «Муҷмалӣ дар хусуси забон», «Забони Эрон ва ё Ориён» андешаву мулоҳизаҳои ҷолибе баён шудааст, ки то имрӯз қимату аҳамияти худро гум накардааст.

Мирзоҷалол ва Мирзосироҷи Ҳаким баробари хуб донистани забони модарӣ омӯхтани забони хориҷиро ниҳоят зарур мешуморанд. Забондониро яке аз омилҳои муҳими омӯзиши улуми дунявӣ меҳисобанд. Бино ба таъкиди Мирзоҷалол, мардум ба воситаи забон «аз фикр ва тасаввури ҳамдигар хабардор» мешаванд ва «баъд аз ин бо мурури айём забони аслии худашонро соф ва холис намуда» истеъмол хоҳанд кард. Ин нуктаи муҳим дар замони ҷаҳонишавии фарҳангҳо аҳамияти дучанд касб менамояд, ки аз як тараф, омӯзиши забонҳои дигар талаби замон, аз ҷониби дигар тозаву покиза нигоҳ доштан, қудрату тавонмандӣ бахшидан ба забони модарӣ қарзи ҳар фарди худогоҳу миллатдӯст мебошад.

Мирзосироҷи Ҳаким тараққии тиҷорату саноатро ба донистани забони хориҷӣ алоқаманд медонад, ки зарурати онро ҳангоми сафарҳояш ба мамолики Шарқу Ғарб хуб эҳсос карда буд:

«Барои тараққии тиҷорат ва махсусан саноат, мо бояд забони хориҷиро ёд гирифта, ба муовинати ҳамон забон тарзи саноату тиҷорати хориҷиро ёд бигирем ва барои донистани инҳо бояд мамолики хориҷӣ рафта, дар он ҷо тарзи саноату тиҷоратро дарс хонда, аз рӯйи илм ва дониш шурӯъ ба тараққии тиҷорат ва саноати худамон намоем ва кутуби лозимиро ба забони худ тарҷума намуда ва аз рӯйи онҳо қадам ба тариқи таҷаддуд ва тараққӣ бигузорем ва илло, ин тавре ки мо ҳастем, на ин ки тараққӣ, баръакс таназзул хоҳем кард».

Таъкиди доимии Сарвари давлат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯриҳояшон бо мардум, дар мулоқотҳояшон бо зиёиёни кишвар дар бораи омӯхтани ду-се забони хориҷӣ ва муҳайё сохтани шароити хуб дар ҳамаи макотиби таҳсилоти ҳамагонӣ ва донишгоҳҳо барои забономӯзӣ идомаи ҳамон ғояву омоли маорифпарварону мунавварфикронамон аст, ки бо гузашти солҳо дар Тоҷикистони соҳибистиқлол ҷомаи амал мепӯшад.

Рӯзномаи «Бухорои Шариф» чун минбари баланд ва ношири афкори маорифпарварону мунавварфикрон, ислоҳотталабону таҷаддудхоҳон дар ошноии мардум бо осори адибони маъруфи дунё низ хидмати шоиста кардааст. Намунаҳо аз осори адибони русу ҷаҳон, аз қабили Л. Толстой «Яздонро ё шайтонро», «Худо ҳақро мебинад, лекин зуд кашф намекунад», «Инсонро замини зироатӣ бисёр лозим аст», «Гарон тамом мешавад», «Муҳаббат кунед якдигарро», «Духтари соҳибмансаби чинӣ», «Асири қафқозӣ», «Сулҳдорӣ», ҳикояҳои Чехов, масалҳои Крилов ва дигарон дар тарҷумаи Р. И. ба нашр расидааст, ки гирдовариву таҳия ва интишори онҳо дар шакли маҷмӯа на танҳо имкони ошноӣ бо нахусттарҷумаҳои адабиёти дигар халқро ба тоҷикӣ, балки муқоисаву баррасии онҳоро бо тарҷумаҳои дигар, фароҳам месозад.

Ҳамин тариқ, нахустрӯзномаи тоҷикии «Бухорои Шариф» равзанае буд, ки дар тирашабҳои Бухорои даврони манғития ба сари мардум нури маърифат мепошид.

Бино ба таъкиди устод Айнӣ, аҳли қалами рӯзнома «ба мағзи ҷавонон фикри хондан, қалам ва адабиётро ҷойгир карда, ба хотири падарон хаёлҳои тарбия ва хонондани бачагонро оварданд. Аз ин таъсирҳо мадраса ҳам хушк намонд. Шогирдони мадраса ислоҳи ҷадвалҳои дарсро талаб мекарданд... Ҳатто баъзе мударрисҳо талаб ва рағбати умумии талабагонро дида, аз ӯҳдааш набароянд ҳам, ба таври худ ба ислоҳи таълим сар карданд» .

Бинобар ин, баъди нашри 153 шумора аз 2 январи соли 1913 бо фармони гумоштаи сиёсии рус Петров рӯзномаи «Бухорои шариф» аз нашр боздошта шуд.

Дар даврони соҳибистиқлолии кишвар бо Қарори Шӯрои Олии Тоҷикистон рӯзи нашри аввалин рӯзномаи тоҷикии Осиёи Миёна - «Бухорои Шариф» 11 март чун Иди ҳирфавии рӯзноманигорони тоҷик –Рӯзи матбуоти тоҷик таҷлил мегардад, ки арҷгузорӣ ба хидмату ҳиммати фарзонафарзандони миллати тоҷик ва хайрхоҳону ҳамкорони онҳо мебошад.

***Пайванди ГУЛМУРОД***

# ҚУДРАТИ МӮЪҶИЗАОФАРИ ҚАЛАМ МУТТАКОЯШ БОД!

**Устод Ғанӣ Ҷӯразода аз зумраи рӯзноманигороне аст, ки дар айёми тақдирсози ибтидои солҳои навадум ҳамроҳ бо Фотеҳи Абдуллоҳ, Додоҷон Раҷабӣ, Мирзомаҳмуд Мирбобоев, Бахтиёр Муртазоев, Обиди Умар, Раҳими Бобоҷон, Шарифи Ҳамдампур ва дигарон дар паҳлӯи сармуҳаррири рӯзномаи «Садои мардум» Муродуллоҳи Шерализода буд ва дар таҳияи ҳар шумораи он бедареғ саҳм мегузошт. Он айём рӯзнома ҳафтае панҷ маротиба чоп мешуд ва мо-рӯзноманигорони ҷавон ҳатто фурсат надоштем, ки лаҳзае дар идора бошем, зеро барои шумораи навбатии рӯзнома мавод даркор буд.**

**Бо пайдо шудани фурсат худро дар сӯҳбати ин устодони сухан зада, аз лутфу марҳамат ва маслиҳату таҷрибаашон баҳравар мешудем. Устод Ғанӣ Ҷӯразода аз зумраи он қаламкашони ботаҷриба буд, ки ба мо, ҷавонон, ҳаматарафа дасти кӯмак дароз мекард. Имрӯз ӯро чун рӯзноманигор, тарҷумон ва нависандаи шинохта мешиносанд ва шогирдони зиёдаш ҳурматашро ба ҷо меоранд.**



## МУАРРИФИНОМА

Ҷӯраев Ғанибой (Ғанӣ Ҷӯразода) 9 январи соли 1936 дар маҳаллаи Мирамони Ҷамоати деҳоти Пӯлодони ноҳияи Конибодоми вилояти Ленинобод (ҳоло Суғд) дар оилаи коргари роҳи оҳан ба дунё омадааст.

Хатмкардаи шӯъбаи филологияи тоҷики УДТ ба номи В.И. Ленин (солҳои 1956-1961) мебошад.

Фаъолияти журналистияш соли 1961 оғоз ёфтааст. Солҳои 1961-1968 тарҷумон, ходими адабӣ, мудири шӯъба ва котиби масъули рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон», солҳои 1968-1973 ходими калони адабии рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ», солҳои 1973-1974 муҳаррири калони илмии Сарредаксияи Энсиклопедияи советии тоҷик, солҳои 1974-1990 мудири шӯъбаи маҷаллаи «Коммунисти Тоҷикистон» буд.

Моҳи ноябри соли 1990 барои кор ба рӯзномаи навтаъсиси «Садои мардум» даъват шуда, то моҳи июни соли 1993 дар ин рӯзнома аввал ходим, баъд мудири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёти рӯзномаи «Садои мардум» буд.

Солҳои 1993-2006 дар вазифаи муҳаррир ва тарҷумони шӯъбаи тарҷума ва нашри санадҳои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон кор кардааст.

Ғанӣ Ҷӯразода узви Иттифоқи журналистони СССР ва Тоҷикистон (1962), узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон (2000) мебошад.

Бо Грамотаи Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон (1977), медали «Ветерани меҳнат» (1986) ва унвони Корманди шоистаи фарҳанги Тоҷикистон (1986) қадр гардидааст.

Шеъру ҳикоя ва очеркҳояш дар китоби дастаҷамъии «Қаламҳои пурмеҳр», китобҳои алоҳидааш «Чароғи ирфон», «Шафақи субҳ», «Шӯълаи гулхан», «Кулоҳи падар», «Захми дил», «Қисмат», «Қатраҳо дарё шаванд», «Ҳушёраки ман, ту куҷоӣ? ...», «Афсонаи модаркалонам», «Бозгашти хотира», «Очаҷон, аз ман маранҷ!», «Рахсеб» ва ғайра ба дасти хонандагон расидаанд.

Аввалин навиштаҳои Ғанӣ Ҷӯразода солҳои панҷоҳум, айёме ки дар мактаби миёнаи №25, ба номи Л.М. Кагановичи деҳаи машҳури Пӯлодони ноҳияи Конибодоми мехонд, дар рӯзномаи ноҳиявӣ чоп мешуд. Вай мухбири фаъоли рӯзномаи «Машъали Коммунизм» (ҳоло «Садои Конибодом») буд. Баъдтар хабару мақола ва шеъру ҳикояҳояш дар рӯзномаҳои ноҳиявӣ, вилоятӣ ва ҷумҳурӣ ба табъ расиданд. Омӯзгорони мактаб ба ин шогирди қаламкашашон таваҷҷуҳи зиёде доштанд.

Он айём ба қаламкашони ҷавон ғамхории махсус зоҳир мешуд. Соли 1955 дар шаҳри Ленинобод (ҳоло Хуҷанд) курс-конференсияи «Адибони ҷавон» баргузор гардид. Ғанӣ Ҷӯразодаи ҷавон бо даъвати нависандаи маъруф Раҳим Ҷалил дар ин маҳфил иштирок кард ва бори нахуст адибони маъруфи тоҷик М. Турсунзода, А. Деҳотӣ, М. Миршакар, А. Шукӯҳӣ, Ф. Ниёзӣ, Ҳ. Содиқ, М. Аминзода ва дигаронро дид. Чакидаҳои нахустинаш аз тарафи устодони сухан баҳои хуб гирифт.

Устод Ғанӣ Ҷӯразода он айёми хушу гувороро ба хотир оварда, дар яке аз сӯҳбатҳояш мегӯяд:

« ... Дар маҳфиле, ки ба муносибати курс-конференсия ороста шуда буд, устод Раҳим Ҷалил ба устод Мирзо Турсунзода нигариста гуфтанд:

- Ғаниҷон, баробари мақола ва ҳикояҳои хонданибоб, шеърҳои дилнишин ҳам эҷод мекунад!

Устод Турсунзода гуфтанд:

- Канӣ, ягонтаашро хонад.

Ғаниҷон дар назди устодони бузурги сухан шармидаю кебида як шеъри худро қироат кард, ки ба ҳозирон маъқул шуд. Устод Мирзо Турсунзода аҳсан хонда, гуфтанд, ки ҳатман баъди мактаб хонданро дар факултаи адабии мактаби олӣ давом диҳад.

Ин фотеҳае буд барои Ғаниҷон ва бо ҳамин фотеҳа вай баъди хатми мактаби миёна ба шаҳри Душанбе омад, шӯъбаи филологияи тоҷики Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленинро хатм карда, тамоми умр дар идораҳои рӯзномаю маҷаллаҳои ҷумҳуриявӣ кор кард ва албатта, пайваста асарҳои бадеӣ эҷод менамуд.».

Яке аз давраҳои сермаҳсултарини фаъолияти журналистиаш рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» ба ҳисоб меравад. Мақола, очерк ва репортажҳо навишта, маводи мухбирони берунаро дилсӯзона таҳрир мекард. Қаҳрамонҳои очерку мақолаҳояш пахтакорони номдор, чорводорон ва бунёдкорони сохтмонҳои азими аср – НБО-и Сарбанд, Шаршар, Норак , коргарони заводи нуриҳои азотии Вахш, комбинати химиявии Ёвон, ангиштканҳои кони Шӯроб, фотеҳони заминҳои навкорами Мирзоҷӯл ва дигар мавзӯъҳое буданд, ки бо шарофати қаламаш корнамоиҳои бунёдкорони ин сохтмону иншоотҳои муҳими аср ба саҳифаҳои пурқимати таърих ворид шуданд.

Ҳангоми дар рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» кор карданаш вай бори нахуст ба сафари хизматӣ, ба дашти лабташнаи Мирзоҷӯл баромада, аз ҳаёти нахустин фотеҳони заминҳои навкорами ин водӣ таҳти унвони «Вохӯрӣ» («Комсомоли Тоҷикистон», 21 августи соли 1963) мақолаи хондание чоп кард, ки то ҳанӯз аҳамияти таърихии хешро гум накардааст. Ба ин рӯйхат очерку мақолаҳои «Дар роҳ»- нақл дар бораи бинокорони Нерӯгоҳи барқи обии «Норак» (14 феврали соли 1962), «Писархонд» - аз ҳаёти бофандагони Комбинати бофандагии шаҳри Душанбе (25 марти соли 1962), «Гулҳо таъзим мекунанд» - аз корнамоиҳои Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ Эргаш Шарифов (27 октябри соли 1965) ва дигарҳо дохиланд.

Ҳафт соли фаъолият дар рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» барои вай мактаби такмили маҳорати журналистика гардида, беҳтарин очерку мақола ва мусоҳибаҳояш дар ин рӯзнома рӯйи чоп омад.

Баъдҳо фаъолияти журналистиаш дар рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ», идораи Энсиклопедияи советии тоҷик ва маҷаллаи «Коммунисти Тоҷикистон» идома ёфт. Дар ин муддат Ғанӣ Ҷӯразода на танҳо чун журналист камол ёфт, балки маҳорати тарҷумонӣ ва нависандагиашро низ такмил дод.

Бо даъвати сармуҳаррири рӯзномаи навтаъсиси «Садои мардум» Муродуллоҳи Шерализода моҳи ноябри соли 1990 Ғаниҷон Ҷӯразода ба кор даъват шуд.

Ӯ аввалҳо корманди шӯъба ва андак баъдтар аз моҳи феврали соли 1991 то моҳи июни соли 1993 мудири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёти рӯзномаи «Садои мардум» буд.

Устод Ҷӯразода бо дӯсти солҳои ҷавонӣ ва минбаъди ҳаёташ Умриқул Ҳақбердиев ва ходими шӯъба Ниёзбегим Хоҷаева аввалҳо дар як коргоҳ – шӯъбаи мактубҳо менишастанд. Баъзан дарро кушода, кунҷковона рафти корашонро назорат мекардем. Чӣ қадар бо меҳру муҳаббат ба таҳияи мавод машғул буданд, ки ҳаваси мо – рӯзноманигорони ҷавон меомад.

Вақте ки мо субҳ ба идораи рӯзнома ( он вақт идораи рӯзнома дар паси бинои имрӯзаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, алҳол бинои Институти тадқиқоти сиёсии Ҳизби коммунисти Тоҷикистон воқеъ буд) мешитофтем, ин ду тан аллакай машғули кору эҷод буданд.

Ман рӯзҳои нахустини корам дар шӯъбаи ахбор ва эълону рекламаи рӯзнома ба ҳайси мухбири калон фаъолият доштам. Азбаски он вақт бештари эълону рекламаҳои ба рӯзнома воридшуда ба забони русӣ меомад, дар тарҷумаи баъзе калимаҳои байналмилалӣ ё техникӣ дар мемондем, пеш аз ҳама ба устодон Умриқул – ако, акои Ғаниҷон муроҷиат мекардем. Ҳама вақт дар кадом мавриде бошад, кӯмакашонро дареғ намедоштанд.

Ҷавон будем, маводи навиштаамон таҳрирталаб буд, вале аз журналистони ботаҷрибаи рӯзнома на ҳама мехостанд, ки навиштаҳои шогирдонаамонро таҳрир кунанд. Устод Ғаниҷон Ҷӯразода бо камоли майл дастхатҳои моро қалам зада, сарлавҳаи дурусттаре мемонд ва пас назди мошиннависон мегузошт. Саҳар андак дертар омада бинем, маводи навиштаамонро касе аз назди мошиннавис - апаи Сайёра гирифтааст. Баъд фаҳмем, ки устод Ҷӯразода маводи моро баъди мошинка шуданаш хонда, ба котибот супоридааст.

Дар ҷамъомадҳои кӯтоҳи пагоҳирӯзии рӯзнома маводи шогирдонаи ҷавононро дастгирӣ мекард, ки ин ба мо рӯҳу илҳом ва қувваи нав мебахшид.

Устод Ғаниҷон Ҷӯразода ҳангоми кор дар рӯзномаи «Садои мардум» мақолаҳои зиёд ба нашр расонидааст. Дар миёни хонандагони рӯзнома мақолаҳои публиситиаш «Бунёд кунем, на хароб» («Садои мардум», 6 феврали соли 1991) доир ба воқеаҳои февралии соли 1990 дар шаҳри Душанбе, «Гуноҳро узр шӯяд ё худ сабақ аз фоҷиаи миллат» («Садои мардум», 15 апрели соли 1997) аз хусуси сулҳи байни тоҷикон ва сабақҳои ҷанги шаҳрвандӣ ҳамовозии хеле гарму ҷӯшон пайдо карданд. Маҳз чунин рӯзноманигорон буданд, ки бо навиштаҳояшон мардуми ба ду сангар ҷудошударо ба сулҳу оштӣ даъват мекарданд. Дар натиҷа, мо ба сулҳу осоиш расидем.

Вақте ки сухан аз мақолаҳои проблемавиаш равад, бастаҳои бо мурури солҳо зардшудаи «Садои мардум»-ро варақ мезанам: Мақолаҳои проблемавии устод Ҷӯразода – «Тақозои ақли солим» («Садои мардум» 15 марти соли 1991) дар бораи масъалаҳои бозсозӣ, демократӣ, рушди иқтисодию иҷтимоӣ дар кишвар, «Ба мо чӣ намерасад?» («Садои мардум», 6 июни соли 1991) оид ба проблемаҳои инкишофи иқтисодӣ, шаклҳои нави хоҷагидорӣ ва соҳибкорӣ дар ҷумҳурӣ ва боз даҳҳо чунин мақолаҳо ба назар мерасанд.

Мақолаҳои публисистии ӯ оқибатҳои фоҷианоки майдонбозиҳо, таҳдиду фишороварӣ ва дастабозиҳои мансабдоронро пешгӯӣ намуда, мардумро ба оромӣ ва ваҳдату дӯстӣ, меҳнати софдилонаву бунёдкорона даъват кардааст. Дар баробари ин муаллиф ба проблемаҳои доғи рӯз ва ҷамъият даст зада, нисбати он фикру андешаҳояшро баён менамояд. Бо далелҳои мӯътамад ба вазъи бааммаломада баҳо дода, роҳҳои бартараф кардани мушкилотро баён намудааст. Вай ба навиштаҳои журналистони ҷавон Қироншоҳи Шарифзода, Мардони Муҳаммад, Мардон Шукуров, Хушвахт Муборакшоев, Камол Абдураҳимов ва дигарон холисона қалам задааст ва имрӯз онҳо ӯро устод гуфта, ҳурмату эҳтиром менамоянд.

Устод Ғаниҷон Ҷӯразода моҳи июни соли 1993 барои кори минбаъда ба Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъват шуд ва то соли 2006 (то ба нафақа баромаданаш) дар вазифаи муҳаррир ва тарҷумони шӯъбаи тарҷума ва нашри санадҳои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон кор кард. Алҳол дар нафақа буда, ба навиштани повесту ҳикояҳо ва хотирот машғул аст. То имрӯз даҳ китобаш ба дасти хонанда расидааст, вале ҳанӯз ҳам (устод ҳоло 76 сол дорад) қаламаш саршор аз илҳом аст. То ҳанӯз бо рӯзномаву ҳафтономаҳои «Садои мардум», «Адабиёт ва санъат», «Ҷавонони Тоҷикистон» ва ғайра ҳамкорӣ дорад. Очерку ҳикояҳояш чоп мешаванд.

Соли гузашта бахшида ба 75 - солагии зодрӯзаш бо кӯшиш ва заҳмати номзади илмҳои филология Абдуллоҷон Юнусов бо номи «Ғанӣ Ҷӯразода – нависанда, рӯзноманигор, тарҷумон» (китобномаи шарҳиҳолиаш) аз чоп баромад. Ин китобнома санаҳои асосии ҳаёт ва фаъолият, асарҳо, мақолаҳо ва очерку ҳикояашро бозгӯйӣ карда, кори муҳаққиқони адабиёт ва таърихи журналистикаи тоҷикро то андозае осон хоҳад кард.

- Имсол рӯзноманигорон 100 - солагии рӯзи матбуоти тоҷикро ботантана ҷашн мегиранд. Ман ифтихор дорам, ки панҷоҳ сол боз аъзои Иттифоқи журналистони Тоҷикистон (аз соли 1962) мебошам...

Афсӯс мехӯрам, ки дар таҷлили ин санаи фархунда дӯстону ҳамкоронам - сармуҳаррир Муродуллоҳи Шерализода, Умриқул Ҳақбердиев, Раҳимҷони Бобоҷон, Абдуқаҳҳори Муҳаммадалӣ. Раҷабалии Юсуфзода ва Хушвахтшоҳ Муборакшоев бо мо нестанд.

Вале навиштаҳояшон дар саҳифаҳои рӯзнома, китобҳои алоҳида, бахусус хотираи хонандагонашон, боқӣ хоҳад монд, - мегӯяд Корманди шоистаи фарҳанги Тоҷикистон устод Ғанӣ Ҷӯразода.

Аз журналистони собиқадор, ки пояҳои нахустинро дар рӯзномаи навтаъсиси «Садои мардум» мустаҳкам кардаанд, - имрӯз бо рӯзномаи мо танҳо устодон Ғаниҷон Ҷӯразода, Бахтиёр Муртазоев ва Обиди Умар алоқа доранду халос. Барои мо сӯҳбати эшон ғанимат аст ва аз ҳузурашон ҳамеша хурсанд мешавем, зеро онҳо ба қатори рӯзноманигороне дохиланд, ки дар мушкилтарин лаҳзаҳо рӯзномаи ҳанӯз навтаъсисро тарк накарданд, балки кори нотамоми сармуҳаррир Муродуллоҳи Шерализодаро идома дода, рӯзномаро ба камол расониданд, онро хонданибоб ва дар асл ҳам ба номаш мувофиқ - «Садои мардум» карданд.

Мехостам бо чанд мисраи шеъри Алӣ Бобоҷон, ки дар рӯзи мавлуди дӯсташ Ғаниҷон Ҷӯразода қироат карда буд, ба навиштаҳоям хотима бахшам:

***Ҷӯраи ҳаммаслаки мо,***
***эй Ғанӣ,***
***Дар рафоқат лоиқи сад***
***аҳсанӣ.***
***Хоксорӣ хислати волои***
***туст,***
***Дур ҳастӣ аз ғуруру***
***манманӣ...***

***Тиллои НЕКҚАДАМ,***
***«Садои мардум»***

● Чеҳраи ҳунар

# ДИЛЕ САРШОРИ МЕҲРУ БЕҚАРОРӢ

- Мудири шӯъбаи фарҳанги ноҳиямон Саидлуқмон Ғаниев шояд дар байни сарварони шӯъбаҳои фарҳанги ноҳияҳои музофотии вилояти Суғд ягона шахси мутахассису соҳибкасб бошад, ки соли 1967 Омӯзишгоҳи мусиқии ба номи Содирхон Ҳофизи шаҳри Хуҷандро ба итмом расонида, 45 сол инҷониб дар соҳаи фарҳанг фаъолият менамояд. Хатмкардаи риштаи санъати Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Душанбе бо ихтисоси режиссер мебошад. Бист сол инҷониб бидуни танаффус сарварии шӯъбаи фарҳанги ноҳияро ба ӯҳда дорад, - гуфт зимни сӯҳбат муовини раиси ноҳияи Ғончӣ Зебуннисо Азимова.



Банда низ С.Ғаниевро солҳои зиёд инҷониб хуб мешиносам. Аз шахсиятҳои шинохтаи ноҳия, мисли Қаҳҳор Ойматову Сироҷиддин Осимӣ, шодравонҳо Неъматулло Муҳаммадиеву Абдумалик Қаюмов, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон Турсунмурод Отабоев, ҳофизи шинохта Эргашбой Ашӯров дар бораи ҳунари сарвариву доманаи эҷодаш суханҳои тавсифомез бисёр шунидаам. Ҳамчунин шунида будам, ки чанд сол қабл барои беэътиборӣ ба нумӯву равнақи бахши фарҳанг дар ноҳия ариза навишта, бо хоҳиши худ аз кор ҳам рафта буд, вале тамоми аҳли ҷомеаи меҳнатии шӯъбаи фарҳанги ноҳия бо исрор сарварашонро дубора ба вазифа баргардониданд.

Мавсуф 1 январи соли 1949 дар деҳаи Қалъачаи Азим дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Падараш Ғанихӯҷа Муқимов сарварии колхози ба номи Сталини деҳаро ба ӯҳда дошт. Панҷ фарзанд, чор писару як духтараш чеҳраи падарро дер-дер медиданд, чунки ӯ чашми рӯз накафида аз хона берун мешуду наздикиҳои поси шаб, бевақт ба хона бармегашт. Ҳангоми баргаштан аксар вақт бачагонро хуфта меёфт.

Дар тарбияи фарзандон нақши модари хонадон - Анварой Комилова калон буд. Ин зани меҳнатқарин аз гузари Кордгарони шаҳри Истаравшан буда, дар оилаи аҳли адабу ҳунару санъат ба дунё омадааст. Аз субҳи содиқ то фурӯ рафтани офтоб рӯймолдӯзӣ мекард ва дар ҳошияи рӯймолҳо абёти Хоҷа Ҳофиз, Мирзо Бедил, Шайх Саъдӣ, Хоҷа Камол ва дигар бузургмардони шеъри форсиро зардӯзӣ менамуд. Ҳини фориғ аз кор фарзандони хешро дар рӯҳияи дӯстдории санъати мусиқӣ ва шеъри воло тарбия мекард.

Писари калониаш -Абдурауф Ғаниев омӯзгори шинохтаи шаҳри Истаравшану ноҳияи Ғончӣ буд. Шоири халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ - Саидалӣ Маъмур номбурдаро аз устодони беҳтарини худ медонад. А.Ғаниев беш аз ҳашт сол сарварии шӯъбаи маорифи ноҳияро ба ӯҳда дошт. Хуб най менавохт, бародарони хурдӣ Абдуғаффори ронанда ва Абдусаттор - подполковники милитсия дар навохтани тору рубоб ва хондани суруд устухон надоштанд. Қаҳрамони мо Саидлуқмон бошад, қариб ҳамаи асбобҳои мусиқиро навохта метавонад.

Аз устодони моҳири санъат арбобони шинохтаи санъат -Тӯрахон Аҳмадхонов, Яков Аронович Мошеев, Маҳмудҷон Воҳидов, Ҳошим Гадоев, Қурбон Маъмуров асрори ҳунари ровигию ҳунармандӣ ва коргардонӣ омӯхт.

Соли 1972 дар ноҳияи Ғончӣ таҳти сарварии шодравон Неъматулло Муҳаммадиев маҳфили мақомхонон ва бо роҳбарии Ҳамроқул Мирзоқулов маҳфили драмавӣ амал мекард. Саидлуқмон бо кӯмаки ин ду нафар ва дастгирии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия ба таъсиси театри халқӣ даст зад. Сокинони солхӯрдаи Ғончӣ имрӯз ҳам даҳҳо намоишномаҳоро, аз қабили «Арвоҳ»-и Самад Ғанӣ, «Қарзи виҷдон»-и Султон Сафар, «Захми забон»-и Меҳмон Бахтӣ, «Се хушдор»-и Абдусалом Атобоев, «Фармони Кадушоҳ»-и Абдумалик Баҳорӣ, «Кӯпрук»-и Фотеҳ Ниёзӣ, «Дарди бадро давои бад»-и Ҳоҷӣ Содиқро хуб дар ёд доранд, ки дар онҳо С.Ғаниев ба ҷуз коргардонӣ, боз нақшҳои асосиро бозида буд.

Сарвари ҳакамони нависандаҳои драмнавис Мубинҷон Юсуфов ба ҳунараш чунин баҳогузорӣ карда буд: «Имрӯз мо фаҳмидем, ки Саидлуқмон Ғаниев на танҳо актёр ва таҳиягари моҳир, балки драманависи моҳире низ будааст».

Ҳамин буд, ки асари драмавии устод - «Охират» дар озмуни ҷумҳуриявии асарҳои зидди нашъамандӣ соҳиби ҷоизаи махсус шуд.

Саидлуқмон Ғаниевро ҳамеша серкору сертараддуд меёбам. Охир, сарварии қасри фарҳанг, хонаи фарҳанги ноҳиявӣ, мактаби санъати бачагона, чор хонаи фарҳанги деҳот, 16 клуб, китобхонаҳои ноҳиявию бачагона, 24 китобхонаи деҳот, театри мардумӣ, ки даҳҳо сарвару коргар дошта, ҳама мутеи шӯъбаи фарҳанг мебошанд, чандон осон нест. Тӯли фаъолият шогирдони зиёдеро тарбия карда, ба воя расонид. Аксари онҳо имрӯз худ собиқадор шудаанд. Мадина Амонова- коргардони театр, Муҳиддин Нурматов-сарвари хонаи фарҳанги ноҳия, Ҳайдар Юлдошев-сарвари қасри фарҳанг, Шаҳло Умарова-сарвари китобхонаи марказонидашуда, Дилором Намозова-мушовири китобхонаҳо, Сайрулло Носиров-муовини мудири шӯъбаи фарҳанг, Бойқузӣ Мӯсоев-корманди шӯъба, Хайрулло Саъдиев ва бисёр дигарон.

-Ба бахти мо, аксари сарварони ноҳияаамон мардони фарҳангдӯст баромаданд. Агар дастгирию пуштибонии онҳо намешуд, мо ҳеҷ кореро анҷом дода наметавонистем. Масалан, бо ибтикори раиси пешинаи ноҳия Қаҳҳор Ойматов (ҳоло муовини мудири шӯъбаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон) ба шарафи ҷашни 1150 -солагии устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ноҳияи Ғончӣ соҳиби қасри бошукӯҳи фарҳангӣ шуд, ки имрӯз номи устод Рӯдакиро дорад. Раиси феълии ноҳия Зуфар Исмоилов баробари таъин шуданаш ба ин вазифа, ба хотири ба даст овардани асбобҳои мусиқӣ ва сару либоси театрӣ аз ҳисоби буҷети ноҳия 15 ҳазор сомонӣ ҷудо кард, -арзи сипос менамояд С.Ғаниев.

-Ин ҳол бароям одат шудааст. Субҳи барвақт меояму бевақтии шом ба хона меравам. Завҷаам - Изолат Қӯзиева, ки аз соли 1971 инҷониб мураббияи боғчаи №2, Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, маро хуб мефаҳмад. Солҳои пешин ҳар ду ҳам маоши ночиз мегирифтем, дар зиндагӣ маҳрумияти зиёдеро паси сар кардем. Шукр, имрӯз фарзандон калон шуданд. Ду писару як духтар дорем ва 11 набера. Писарон дар Россия. Намемонанд, ки мо мӯҳтоҷ бошем. Шоир Калими Кошонӣ хуб фармудааст:

***Мавҷем, ки осудагии мо***
***адами мост,***
***Мо зинда аз онем, ки ором***
***надорем!***

Дар ҷавоб ба саволи «Чӣ гуна мукофотҳо доред?», бо табассуми малеҳ мегӯяд: Иззату икроми мардум бароям мукофоти олӣ аст.

Ба хайр аст, ки ашхосе, мисли Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидлуқмон Ғаниев ҳастанд. Худо кунад, ки сафи чунин инсонҳои наҷиб дар рӯзгорон боз ҳам бештар гардад.

***Ҳусейни НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»***

● Озмуни «Кадбонуи беҳтарин»

# ЭҲЁИ АНЪАНАҲОИ МИЛЛӢ



Мардуми тоҷик аз қадимулайём бо меҳмондориву меҳмоннавозӣ байни мардумони кишварҳои олам шӯҳрат доранд. Барои дар сатҳи зарурӣ ба ҷо овардани қабули меҳмонон масъулияти асосӣ ба дӯши бонуи хонадон меафтад. Оростани дастурхон ва пурнозу неъмат гардонидани он аз нону кулча, шириниҳои гуногун ва дигар маводи ғизоӣ ба кадбонуи чирадаст вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, дар ҳар деҳаву шаҳру ноҳияҳо кадбонуҳо бо ҳунари волои худ обрӯю эътибори хоса пайдо мекунанд.



Ҳазорсолаҳо пеш зани тоҷик дар тӯю маъракаҳо бо оростани дастурхони пурнозу неъмат, инчунин тайёр намудани хӯрокҳои гуногуни миллӣ маҳорати баланди кадбонугӣ дошт.

Аммо ин ҳунар на ба ҳама занону духтарон даст медиҳад. Дар нигоҳи аввал оростани дастурхон, мисли боиштиҳо хӯрдани нозу неъматҳои лазизи болои он, саҳл метобад, вале ҳаргиз чунин нест.

Баъди соҳибистиқлолии Тоҷикистон анъана ва ҷашну маросимҳои мардумии халқи тоҷик аз нав эҳё мешаванд.

Барои баланд бардоштани мартаба ва бедор кардани завқ ба ҳунарҳои занонаи миллӣ, чанд соли охир дар шаҳру ноҳияҳои кишварамон озмуни «Кадбонуи беҳтарин» гузаронида мешавад. Баргузории ин чорабинӣ агар аз як тараф муайян кардани беҳтарин кадбону бошад, аз тарафи дигар эҳё кардани беҳтарин суннатҳои миллӣ мебошад.

Дар ноҳияи Ҳисор ҳам чанд сол боз гузаронидани озмуни «Кадбонуи беҳтарин» анъана гардидааст. Имсол низ бо қарори раиси ноҳия ва ибтикори Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия бо мақсади эҳёи анъанаҳои қадима, баланд бардоштани ҳисси худшиносии миллӣ, тарбияи маънавии бонувон, бузургдошти тамаддуни ориёӣ ва ба пешвози Иди байналмилалии «Рӯзи модар» дар ҳама ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия озмуни «Кадбонуи беҳтарин» баргузор мешавад.

Чунин озмун дар шаҳраки Шарораи ноҳия хеле хотирмон баргузор шуда, ҳайати ҳакамон ва тамошобинонро дар ҳайрат мононд. Шояд дар нуздаҳ соли баъди таъсиси ҷамоати шаҳрак чунин чорабинии пуршукӯҳ ба ин шаҳомату шукӯҳ бори аввал доир шуда бошад.

Дар озмун аз 14 маҳалла якнафарӣ кадбонуҳои моҳир аз рӯйи панҷ шарт ҳунару истеъдоди худро ба тамошобинон намоиш доданд. Кадбонуҳо зоҳиран яке аз дигаре дар нишон додани ҳунару истеъдод фарқ намекарданд, аммо ҳунари худро ончунон эҳтиёткорона нишон медоданд, ки кас ба ҳайрат меафтад. Дар натиҷа, баҳогузорӣ аз тарафи ҳакамон мушкилоти зиёд ба миён овард. Ҷойи аввал насиби бонуи маҳаллаи Бедил - Адолат Бобохонова, ҷойи дуввум насиби бонуи маҳаллаи Шодмон - Шаҳло Самадова ва ҷойи сеюм насиби бонуи маҳаллаи Фирдавсӣ - Марҳамат Гулова гардид.

Дар ҷамъбасти чорабинӣ ба ҳамаи маҳаллаҳо, барои ғолибону иштирокчиёни фаъоли озмуни «Кадбонуи беҳтарин» аз ҷониби бахши кор бо занон ва оилаи назди Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия ва роҳбарияти Ҷамоати шаҳраки Шарора тӯҳфаҳои хотиравӣ тақдим шуд.

Ғолибони озмуни «Кадбонуи беҳтарин» ба чорабинии «Рӯзи модар» роҳхат гирифтанд.

***Муҳаммад ЗОКИР, «Садои мардум»***



## Тарғибгари адабиёти тоҷик

Дар Сафоратхонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Белорус маросими ба адиби сермаҳсули Ҷумҳурии Белорус, дӯсти наздики адабиёти тоҷик Алес Карлюкевич супурдани шаҳодатномаи узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон баргузор гардид.

Сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Белорус Қозидавлат Қоимдодов ба Алес Карлюкевич шаҳодатномаи узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистонро супурда, аз хизматҳои арзандаи ин адиби маъруфи кишвари дӯсту бародар, дар робита ба ташвиқу тарғиби адабиёти муосири тоҷик, нашри асарҳои адибони мо дар Белорус бо ҳарорат сухан ронд.

Алес Карлюкевич ба сафир ва Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, ки хизмати хоксоронаи ӯро қадршиносӣ кардаанд, самимона арзи сипос намуд ва афзуд, минбаъд низ талош мекунад, ки осори адибони тоҷик ба хонандагони Белорус таври арзанда муаррифӣ шавад.

##Ноширону адибони тоҷик соҳиби чор диплом шуданд

Дар шаҳри Минск нуздаҳумин Намоишгоҳ - ярмаркаи байналмилалии «Китоби Белорус – 2012» ба анҷом расид. Дар ин ҳамоиши фарҳангӣ ноширони 20 кишвари дуру наздик беҳтарин маводи чопии хешро ба маърази тамошо ва фурӯш гузоштанд. Китобҳои тоҷикиро имсол яке аз интишороти бонуфузи хусусии кишвар - «ЭР-граф» (директораш Сӯҳроб Раҷабов) муаррифӣ намуд.

Ноширони тоҷик дар ҷамъбасти намоиш соҳиби чор диплом гардиданд. Минҷумла, ду нависандаи Тоҷикистон Ато Ҳамдам ва Леонид Чигрин барои қиссаи публисистӣ-бадеии «Корномаи Эмомалӣ Раҳмон» (бо забони русӣ) алоҳида соҳиби диплом гардиданд.

Зарур ба тазаккур аст, ки интишороти «ЭР-граф» аз Осиёи Марказӣ ягона иштирокчӣ буд, ки ба душвориҳои сафар нигоҳ накарда, озими пойтахти Ҷумҳурии Белорус гардид ва китоби тоҷикро дар сатҳи баланд муаррифӣ намуд. Намояндагони воломақом аз кишварҳои дуру наздик аз ғурфаи «Тоҷикистон» дидан намуда, ба меҳнати ноширону адибони тоҷик баҳои баланд доданд.

***К. БУРҲОНИДДИН, «Садои мардум»***

## Танзими маъракаҳо дар Гулистон

Сокинони деҳоти Гулистони ноҳияи Рӯдакӣ дар корҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ, хоҷагидорӣ ва умуман ободию рушди кишвар ширкати фаъолона доранд. Онҳо ҳар як иқдоми хубу созандаро дастгирӣ карда, баҳри дар амал тадбиқ гардидани он саъю талош менамоянд.

-Аҳли деҳоти мо аз рӯзҳои аввали қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» онро ҳамчун санади муҳиму дар зиндагии ҳаррӯза зарур якдилона ҷонибдорӣ карданд. Дар натиҷа, маъракаҳои хатнасур, тӯйи домодию арӯсӣ, азодорӣ сифатан беҳтару камхарҷ баргузор гардида истодаанд,- гуфт ба хабарнигорамон сармутахассис оид ба корҳои дин ва танзими ҷашну маросимҳои Ҷамоати деҳоти Гулистон Неъматулло Саидов.

Ба қавли ӯ, адади маъракаҳои хурсандӣ, яъне тӯйҳои суннатӣ ва арӯсу домодӣ, солҳои охир ба шарофати танзими онҳо афзоиш ёфтааст. Пештар танҳо тобистон ва аввали тирамоҳ чунин маъракаҳо баргузор мешуданд, яъне айёми гармӣ, фаровонӣ ва нисбатан арзонии меваю сабзавоту дигар маҳсулоти хӯрока. Ҳоло чунин маъракаҳо дар ҳама фасли сол гузаронида мешаванд. Барои мисол давоми ду моҳи соли ҷорӣ дар ҳудуди деҳот 34 тӯю маърака доир гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 15 адад зиёд аст.

-Мо барои камхарҷу бо тартиб гузаронидани маъракаҳо ба оилаҳои камбизоат маслиҳату дастурҳо медиҳем ва ба қадри имкон дар ин бобат кӯмак мерасонем. Чунончӣ, ҳар сол дар арафаи ҷашни Наврӯз тӯйи хонадоршавии ду нафар навҷавон ва 30-40 хатнасурро дар деҳот мегузаронем. Илова бар ин, бо дастгирии соҳибкорону сарватмандони саховатманд боз 6-7 хатнасур ва 2-3 тӯйи арӯсию домодӣ барпо карда мешавад, ки ин барои оилаҳои камбизоат кӯмаки хуби амалист. Дар ҳудуди деҳоти мо 24 комиссияи ҷамъиятӣ амал мекунад, ки аъзои он баҳри ба танзим даровардани ҷашну маросимҳо ҳиссаи сазовор гузошта истодаанд. Риояи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба манфиати умум аст. Бинобар ин, ҳар як нафар бояд дар амалӣ гардидани он саҳмгузор бошад,- гуфт дар поёни сӯҳбат Н.Саидов.

***Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум»***

## Экожурналистон фаъол мешаванд

Маҳфили навбатии аъзои клуби «Экожурналистон» дар толори наворостаи Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузашт. Раиси кумита Талбак Салимов оид ба фаъолияти гунугунҷанбаи кормандону мутахассисон дар самтҳои гуногуни ҳифзи муҳити зист ва экология, тадбирҳои дар ин бобат андешидашуда ҳарф зад. Вай изҳори боварӣ кард, ки журналистон дар ин кори муҳиму хайр, яъне ҳалли масъалаҳои экологӣ, муҳофизати сарватҳои табиӣ, тоза нигоҳ доштани об ва ба ин восита баланд бардоштани маърифати экологии мардум ҳар чӣ бештар фаъол мешаванд.

Сипас, дар назди аъзои клуби «Экожурналистон» мудири шӯъбаи назорати истифода ва ҳифзи олами набототу ҳайвоноти Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҷабалӣ Шарипов суханронӣ кард. Вай оид ба фаъолияти шӯъба дар самти таъмини сиёсати ягона оид ба истифода ва ҳифзи олами набототу ҳайвонот ва захираҳои моҳӣ, назорати фаъолияти мамнӯъгоҳҳо, парваришгоҳҳо, паркҳои миллӣ ва дигар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда муфассал маълумот дод.

***Б. ИСМАТУЛЛОҲ, «Садои мардум»***


## ОБЩЕСТВО КРАСНОГО ПОЛУМЕСЯЦА ТАДЖИКИСТАНА

Общество Красного Полумесяца Таджикистана (ОКПТ), приносит свои извинения за допущенную техническую ошибку касательно срока объявления тендера на **изготовление жилетки,** по программе «РПО», осуществляемое при финансовой поддержке Финский Красный Крест (ФКК) в газете «Садои мардум» от 25 февраля 2012 года за №23 (2850). Доводим до вашего сведения, что последний срок подачи предложений на вышеизложенный тендер исправлен на 6-ое марта 2012 года до $9^{00}$ ч.

Для участия в тендере необходимо представить письмо намерение об участие, копия документа/сертификата об официальной регистрации компании и копию справки с налогового органа о не задолженности.

***Данное требование является обязательным условием тендера.***

Для получения специального приглашения и детальной спецификации все заинтересованные компании и организации могут обратиться по адресу:

**г. Душанбе, ул. О.Хайяма 120, Отдел материально-технического обеспечения ИА ЦК ОКПТ.**
**Тел: 224-03-74.**

ОКПТ оставляет за собой право принять все или часть предложения, самая низкая предложенная цена может быть не принята.

***Последний срок подачи предложений: 6 марта 2012 года, до $9^{00}$ часов местного времени.***

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Музоядаи №2-ро оид ба фурӯши воситаи нақлиёти ҳабсгардидаи «ДЭУ СИЭЛО», ки аз тарафи Суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ҳабс гардидааст, 2 апрели соли 2012 баргузор менамояд**

| т/р | Номгӯйи амволи ҳабсгардида | Суроға | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| 1 | ДЭУ СИЭЛО, рақами давлатӣ ВР 28-95 01 РТ | шаҳри Душанбе | 3381 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда- **шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44. Телефон: 221-73-74, 221-16-14.**

Фурӯш бо усули ***англисӣ*** сурат мегирад.

Музояда **соати $10^{00}$** баргузор мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда барои воситаҳои нақлиёт ба 15 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи нақдӣ ба кассаи Корхона ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби Корхона супорида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, Харидор ба ҳисоби Фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад.

Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо нишонии зерин фаҳмидан мумкин аст: **шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44. Телефон: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74.**

## ГОСУДАРСТВЕННОЕ УНИТАРНОЕ ПРЕДПРИЯТИЕ ПО ОРГАНИЗАЦИИ ПРОДАЖ ГОСУДАРСТВЕННОГО ИМУЩЕСТВА ГОСУДАРСТВЕННОГО КОМИТЕТА ПО ИНВЕСТИЦИЯМ И УПРАВЛЕНИЮ ГОСУДАРСТВЕННЫМ ИМУЩЕСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**2 апреля 2012 года проводит аукцион №2 по продаже транспортного средства «ДЭУ СИЭЛО», арестованного судом Шохмансурского района города Душанбе**

| п/н | Наименование | Адрес | Стартовая стоимость (в сомони) |
|---|---|---|---|
| 1 | ДЭУ СИЭЛО, госномер ВР 28-95 01 РТ | город Душанбе | 3381 |

Приём заявок на участия в аукционе производится со дня опубликования информационного сообщения и заканчивается за час до начала аукциона по адресу: **город Душанбе, проспект Рудаки 44.**

Метод проведения: ***английский.*** Время проведения 1**$0^{00}$ часов.**

Гарантийный взнос равен 15 показателям для расчетов за один лот и вносится наличными в кассу Предприятия или безналичными на расчетный счет ГУП по организации продаж государственного имущества. В случае победы на аукционе, Покупатель вносит на счет Продовца комиссионный сбор в размере 5% и госдурственную пошлину в размере 0,5% от цены продажи, который не включается в цену продажи лота. Победителем аукциона признаётся участник, предложивший наиболее высокую цену.

Дополнительную информацию можете получить по адресу: **город Душанбе, пр. Рудаки 44, тел: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74.**



# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Музоядаи №6-ро оид ба фурӯши иншооти ғайриманқул 2 апрели соли 2012 баргузор менамояд

| т/р | Номгӯйи иншоот | Суроға | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| 1 | Ошхонаи ҶСК «Кони намак» | ноҳияи Ашт | 50 000 |
| 2 | Ҳаммоми ҶСК «Кони намак» | ноҳияи Ашт | 70 000 |
| 3 | Ошхонаи ҶСК «Сайҳун» | ш. Конибодом | 80 000 |
| 4 | Хонаи истироҳатии ронандагони ҶСК «Сайҳун» | ш. Конибодом | 20 000 |
| 5 | Ошхона ва чойхонаи ҶСК «Зарбед» (собиқ ҶСК «СРСУ ш. Конибодом») | ш. Конибодом | 80 000 |
| 6 | Чойхонаи ҶСК «МНА-38» | ноҳияи Ашт | 50 000 |
| 7 | Клуби «Сорбон»-и ҶСК «МНА – 38» | ноҳияи Ашт | 20 000 |
| 8 | Ҳавзи ҶСК «Баҳодур» | ш. Қӯрғонтеппа | 5 000 |
| 9 | Ҳаммоми ҶСК «Баҳодур» | ш. Қӯрғонтеппа | 50 000 |
| 10 | Иншооти зиддисӯхтори ҶСК «Баҳодур» | ш. Қӯрғонтеппа | 5 000 |
| 11 | Гӯшаи сурхи ҶСК «Баҳодур» | ш. Қӯрғонтеппа | 20 000 |
| 12 | Вагон-хонаи ҶСК «Нафис» | ш. Душанбе | 5 000 |
| 13 | Нонвойхонаи ҶСК «СРСУ Қайроққум» | ш. Қайроққум, кӯчаи Сафина | 50 000 |
| 14 | Ошхонаи ҶСК «СРСУ Қайроққум» | ш. Қайроққум, кӯчаи Сафина | 40 000 |
| 15 | Гармхонаи ҶСК «СРСУ Қайроққум» | ш. Қайроққум, кӯчаи Сафина | 80 000 |
| 16 | Чойхонаи ҶСК «СРСУ Қайроққум» | ш. Қайроққум, кӯчаи Сафина | 100 000 |
| 17 | Бинои ошхона ва чойхонаи ҶСК «Заводи оҳану бетони № 5» | ш. Исфара | 200 000 |
| 18 | Бинои мағозаи ҶСК «АТП-35» | ш. Исфара | 20 000 |
| 19 | Бинои ошхонаи ҶСК «Авторем» | ш. Душанбе | 300 000 |
| 20 | Собиқ бинои мактаби ҶСК «Ҳабиб» | ш. Конибодом | 20 000 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда **- ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 ва ш. Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1.**

**Тел. 221-73-74, 221-16-14, ш. Хуҷанд: тел: 927964016**

Фурӯш бо усули ***англисӣ*** сурат мегирад.

Музояда **соати $10^{00}$** баргузор мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 350 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба кассаи Корхона ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби Корхона супорида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, Харидор ба ҳисоби Фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оиди гузаронидани музояда бо нишонии зерин: **ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, тел: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74, ш. Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1, тел: 927964016** ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **WWW. GKI.TJ** гирифтан мумкин аст.

# ГОСУДАРСТВЕННОЕ УНИТАРНОЕ ПРЕДПРИЯТИЕ ПО ОРГАНИЗАЦИИ ПРОДАЖ ГОСУДАРСТВЕННОГО ИМУЩЕСТВА ГОСУДАРСТВЕННОГО КОМИТЕТА ПО ИНВЕСТИЦИЯМ И УПРАВЛЕНИЮ ГОСУДАРСТВЕННЫМ ИМУЩЕСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

## 2 апреля 2012 года проводит аукцион № 6 по продаже недвижимости

| п/н | Наименование объекта | Адрес | Стартовая стоимость (в сомони) |
|---|---|---|---|
| 1 | Столовая ОАО «Кони намак» | Аштский район | 50 000 |
| 2 | Баня ОАО «Кони намак» | Аштский район | 70 000 |
| 3 | Столовая ОАО «Сайхун» | г. Канибадам | 80 000 |
| 4 | Домик отдыха для водителей ОАО «Сайхун» | г. Канибадам | 20 000 |
| 5 | Столовая и чайхана ОАО «Зарбед» (бывшая ОАО «СРСУ г. Канибадам») | г. Канибадам | 80 000 |
| 6 | Чайхана ОАО «МНА-38» | Аштский район | 50 000 |
| 7 | Клуб «Сорбон» ОАО «МНА – 38» | Аштский район | 20 000 |
| 8 | Бассейн ОАО «Баходур» | г. Курган-тюбе | 5 000 |
| 9 | Баня ОАО «Баходур» | г. Курган-тюбе | 50 000 |
| 10 | Противопожарное здание ОАО «Баходур» | г. Курган-тюбе | 5 000 |
| 11 | Красный уголок ОАО «Баходур» | г. Курган-тюбе | 20 000 |
| 12 | Вагон – домик ОАО «Нафис» | г.Душанбе | 5 000 |
| 13 | Лепешечная ОАО «СРСУ Қайроққум» | г. Кайракум, улица Сафина | 50 000 |
| 14 | Столовая ОАО «СРСУ Қайроққум» | г. Кайракум, улица Сафина | 40 000 |
| 15 | Теплица ОАО «СРСУ Қайроққум» | г. Кайракум, улица Сафина | 80 000 |
| 16 | Чайхана ОАО «СРСУ Қайроққум» | г. Кайракум, улица Сафина | 100 000 |
| 17 | Здание столовой и чайханы ОАО «Заводи оҳану бетони № 5» | г. Исфара | 200 000 |
| 18 | Здание магазина ОАО «АТП - 35» | г. Исфара | 20 000 |
| 19 | Здание столовой ОАО «Авторем» | г. Душанбе | 300 000 |
| 20 | Бывщая здание школы ОАО «Ҳабиб» | г. Канибадам | 20 000 |

Прием заявок на участия в аукционе производится со дня опубликования информационного сообщения и заканчивается за час до начала аукциона по адресу: г. Душанбе, пр. Рудаки 44.

Метод проведения: ***английский***. Время проведения: **$10^{00}$ часов.**

Место проведения. **г. Душанбе, пр. Рудаки 44, г. Худжанд, ул. Ленина 47/1**

Гарантийный взнос равен 350 показателям для расчетов за один лот и вносится наличными в кассу Предприятия или безналичными на расчетный счет ГУП. В случае победы на аукционе, Покупатель вносит на счет Продавца комиссионный сбор в размере 5% и государственную пошлину в размере 0,5% от цены продажи который не включается в цену продажи лота. Победителем аукциона признаётся участник, предложивший наиболее высокую цену.

Дополнительную информацию можете получить по адресу: **г. Душанбе, пр. Рудаки 44, тел: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74, г. Худжанд, ул. Ленина 47/1, тел: 927964016**, а также на сайте Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан **WWW. GKI.TJ**


# Обуна ба

## «АХБОРИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН» БАРОИ СОЛИ 2012 ДАВОМ ДОРАД

«Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» моҳе як маротиба бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ба табъ мерасад.

«Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз се фасл иборат аст:

- дар фасли I қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- дар фасли II шартнома ва созишномаҳои байналмилалӣ, қарорҳои Суди конститутсионӣ;
- дар фасли III қарорҳои шӯроҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп мешаванд.

Нархи обунаи солонаи маҷалла, бе назардошти хизматрасонии КВД «Почтаи Тоҷик», 144 сомониро ташкил мекунад.


# ЭЪЛОН

## Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

***бо мақсади татбиқи сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти баланд бардоштани маърифати экологии аҳолӣ ва ҳавасмандии рӯзноманигорон ҷиҳати ташвиқу тарғиби ҳифзи муҳити зист ва мусоидат ба ҳалли мушкилоти экологӣ дар байни кормандони воситаҳои ахбори омма таҳти унвони «Табиати тозакафолати солимии ҷомеа» дар мавзӯъҳои гуногуни экологӣ ОЗМУН эълон менамояд***

Ба озмун маводҳо ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ пешниҳод мешаванд. Иштироккунандаи озмун ба комиссияи озмун маълумотномаро, ки дар он ному насаб, суроға, рақами телефон ва маълумот дар бораи дар кадом воситаҳои ахбори омма чоп гаштани мақола нишон дода шудааст, пешниҳод мекунад. Ба маълумотнома нусхаи мақола, барномаҳои радиоӣ ва телевизионӣ бо диск ва анотатсияи мавод дар шакли чопӣ бо формати А4, шрифти Times New RomanTj 14 замима мешавад. Нусхаи электронии маводҳо ба суроғаи электронии eco.info@hifzitabiat.tj ирсол карда мешавад.

Давраи баргузории озмун аз 1 март то 25 августи соли 2012 муқаррар шуда, дар арафаи иди Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ҷамъбаст мегардад. Ғолибони озмун бо мукофотҳои пулӣ сарфароз мегарданд. Мукофотҳо ба ғолибон дар ҷаласаи комиссияи озмун аз тарафи роҳбарияти Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми 10 рӯз баъд аз эълони натиҷаҳои озмун супорида мешаванд.

Телефон барои тамос: **235-44-30.**

# ЭЪЛОН

## Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

***бо мақсади амалӣ намудани сиёсати экологии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баланд бардоштани маърифату фарҳанги экологии хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ, бахшида ба 15-солагии Рӯзи Ваҳдати миллӣ ва 20-умин солгарди Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои дарёфти дипломи Раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Сабз бодо кишварам» ОЗМУН эълон менамояд***

Озмун дар байни хонандагони синфҳои 1-4, 5-8, 9 -11 бо 9 номинатсия: расми беҳтарин, шеъри беҳтарин, мақолаи беҳтарин, ҳикояи беҳтарин, сурати беҳтарин, видеофилми беҳтарин, видеоролики беҳтарин, кори таҳқиқотии беҳтарин, кори меъмории беҳтарин гузаронида мешавад. Озмун аз 1 март оғоз гардида, 5 июн дар Рӯзи байналмилалии ҳифзи муҳити зист ҷамъбаст мегардад. Ғолибони озмун бо мукофотҳои пулӣ қадрдонӣ карда мешаванд. (Мукофотҳо аз 50 то 1000 сомонӣ муқаррар шудаанд). Хоҳишмандон барои шинос шудан бо шартҳои озмун метавонанд ба телефони **235-44-30** занг зананд.

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

Шаҳрванд Ҳаметова Дилбар Бурҳоновна, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0043140 бо РЯМ 1230013501 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ 24 феврали соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

***

Шаҳрванд Насриддинов Кабирхӯҷа Абдуллоевич, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0132827 бо РЯМ 1230046125 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ 15 октябри соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

***

Шаҳрванд Муминов Муродалӣ Шомаҳмадович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0132455 бо РЯМ 1230042642 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ 27 августи соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

***

Шаҳрванд Содиқова Бахтинисо Авғоновна, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0182970 бо РЯМ 1230062644 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ 9 августи соли 2011 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

***

ҶДММ «Тавҳид», ки дорои Шаҳодатномаи бақайдгирии давлатии дорои РМА 010087236 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе бо суроғаи кӯчаи Мирзо Турсунзода №3 14 июли соли 2011 додааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

***

Шаҳрванд Пиров Ҷинайдулло Зубайдович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0145806 бо РЯМ 0930046480 мебошад ва он 9 марти соли 2011 дар Нозироти андози ноҳияи Ҳисор ба қайд гирифта шудааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

***

Шаҳрванд Забаров Абдухолиқ Қодирович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0145701 бо РЯМ 0930045527 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 18 феврали соли 2011 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

***

Шаҳрванд Негматов Одил Раҷабович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0151201 бо РЯМ 0430067752 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Сино 9 декабри соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

****

Шаҳрванд Холов Аловиддин Бадридинович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0105709 бо РЯМ 0930036278 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 11 августи соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 00177752 бо РЯМ 0130044824, РМА 045547255-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 29 апрели соли 2011 ба Яхшиева Гулчеҳра додааст, эътибор надорад.

***

Дафтарчаи донишҷӯйии ГО № 8005-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шотемур соли 2008 ба Алиев Сайёд Хасанович додааст, эътибор надорад.

***

Дафтарчаи имтиҳонӣ ва дафтарчаи донишҷӯйии № 11-253-и гумшуда, ки онро Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов соли 2011 ба Ҷобиров Довуд Зафарович додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0002455 бо РЯМ 1230000347-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ 5 августи соли 2009 ба Мирзоахмедов Аҳмадҷон Анварович додааст, эътибор надорад.

***

Патент бо РЯМ 1230045374-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ 5 октябри соли 2010 ба Наимов Акмал Абдуқаҳорович додааст, эътибор надорад.

***

Патент бо РЯМ 1230061626-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ 11 июли соли 2011 ба Тоиров Саидакрам додааст, эътибор надорад.

***

Номаи камоли силсилаи А, № 194959-и гумшуда, ки онро Литсейи №1-и шаҳри Қӯрғонтеппа соли 1995 ба Ятимов Фирдавс Умарович додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатномаи № 01738-и гумшуда, ки онро Раёсати корҳои дохилии вилояти Хатлон 29 январи соли 2007 ба Алиев Музаффар Насруллоевич додааст, эътибор надорад.

***

Патенти № 0040914 бо РЯМ 0730009253-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Турсунзода 23 феврали соли 2010 ба Махамадиев Камолиддин Сатторович додааст, эътибор надорад.

***

Патенти № 0162525 бо РЯМ 1230058693-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ 11 майи соли 2011 ба Алиев Халил Ҷалилович додааст, эътибор надорад.

***

Шиносномаи шаҳрвандии № А 1784952-и гумшуда, ки онро ШКД ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 21 августи соли 2001 ба Пирова Ҷамила Қурбоналиевна додааст, эътибор надорад.

***

Шартномаи хариду фурӯши гумшуда, ки он дар Идораи 1-уми нотариалии давлатии шаҳри Душанбе 28 июни соли 1990 бо реестри 9Д-1183 ва бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Улуғбек, ҳавлии 5 ба номи Хурсанова Любат Мухидтиновна ба расмият дароварда шудааст, эътибор надорад.

***

Дафтарчаи имтиҳонии № 0587-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон соли 2005 ба Тоиров Маҳмадхуҷа Марупович додааст, эътибор надорад.

***

Шиносномаи техникии гумшуда, ки онро КФТББ-и ноҳияи Ҳисор соли 1998 бо суроғаи ноҳияи Ҳисор, хоҷагии Қарамқул, деҳаи Янгиобод ба Қуватов Маҳмадалӣ Муродович додааст, эътибор надорад.

***

Патенти №0089108 бо РЯМ 0336002358-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе соли 2011 ба Шамсиддинов Эмомалӣ Раҷабович додааст, эътибор надорад.

***

Дафтари ҳавлии гумшуда, ки онро Шӯъбаи шиносномадиҳии корҳои дохилии ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе, бо суроғаи кӯчаи Чехов, бинои 9, ҳуҷраи 8-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе соли 1992 ба Расулов Қаҳор додааст, эътибор надорад.

***

Шиносномаи техникии №51350, ки онро соли 1993 КФТББ-и шаҳри Душанбе ва Шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ таҳти феҳрасти №8Д-1787-и гумшуда, ки аз тарафи Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо суроғаи кӯчаи Гиссарский, бинои 29/3, ҳуҷраи 24-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 5 майи соли 2005 ба Ҳақназаров Қудратулло Газиевич додааст, эътибор надорад.

***

Шартномаи хариду фурӯши гумшуда, ки он дар Идораи давлатии нотариалии ноҳияи Фирдавсӣ 20 июли соли 2010 бо қайди реестри 23 П 1307 бо суроғаи ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев, бинои 80/4, ҳуҷраи 17 ба номи Файзов Маҳмадхуҷа Ғафорович ба расмият даровардa шудааст, эътибор надорад.

***

Дафтарчаи донишҷӯйии силсилаи С №132-и гумшуда, ки онро Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат соли 2010 ба Давлатова Анора додааст, эътибор надорад.

***

Шиносномаи техникии ҳавлидории №1408 гумшуда, ки онро КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и ш.Душанбе 26 октябри соли 1990 ба Файзов Маҳмадхуҷа Ғафорович, воқеъ дар суроғаи кӯчаи Н.Қарабоев, хонаи 80/4, ҳуҷраи 17 додааст эътибор надорад.

# Тасҳеҳ

Дар рӯзномаи «Садои мардум» №23 (2850) аз 25 феврали соли 2012 дар гӯшаи «Навидҳо аз кишвар» (хабари «Ҳамкориҳо густариш меёбанд») ному насаби вазири кишоварзӣ Қосим Қосимов хонда шавад.

Роҳбарият ва кормандони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мудири шӯбаи нақлиёт ва коммуникатсияи Дастгоҳ Муҳаммад Ҳабибов нисбати даргузашти

**ПАДАРаШ**

изҳори ҳамдардӣ намуда, ба ӯ ва аҳли оилааш сабри ҷамил мехоҳанд.

Роҳбарият ва кормандони Суди шаҳри Душанбе ба муовини раиси Суди шаҳри Душанбе Шамс Азизов нисбати даргузашти

**ПАДАРАШ**

изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамоянд.


Садои мардум

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

САРМУҲАРРИР Ҷумъахон НАБОТОВ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Неққадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52 ; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шӯъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: sadoimardum@yandex.ru

Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз

Ба чопаш 2 марти соли 2012, соати 17.00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 26782 нусха

Навбатдорони шумора А. Мӯсоев ва М. Нуралиев

Тарроҳони компютерӣ И. Самохин ва Н. Исмоилова